НОДИРА

# ДЕВОН

[redacted]

Таджик 1
Н72

Ин китоб, ки ба тарзи девон тартиб дода шудааст, асарҳои мунтахаби шоираи боистеъдоди мо Нодираро дар бар мегирад. Нодира бо тахаллусҳои Комила ва Макнуна низ шеърҳо эҷод кардааст.

Ҳар касе, ки мехоҳад аз табъи латифе завқ барад, аз гулистони сухан гулҳо чинад ва аз рози дили ошиқон ва аламзадагон огоҳӣ ёбад, ин китобро ҳатман мехонад.

Ба чоп тайёркунанда:
номзади фанҳои филология
*Маҳбуба Қодирова.*

7—4—11
3—67

## ЧАНД СУХАН АЗ НАШРИЁТ

Дар солҳои охир якчанд нусхаи девонҳои шоираи қавиқалам Нодира пайдо шуд ва барои омӯхтани эҷодиёти ӯ заминаи мӯътамаде муҳайё гардид. Инро муваффақиятҳои барҷастаи адабиётшиносони мо шуморидан даркор аст.

Нусхаҳои девони форсӣ-тоҷикии Нодира, ки ҳоло дар фонди дастнависҳои институти Шарқшиносии ба номи Беруниии Академияи Фанҳои РСС Ӯзбекистон маҳфузанд, тахминан дар нимаи дуйӯми асри XIX китобат шудаанд. Ғайр аз ин, дар фонди дастнависҳои институти мазкур якчанд ғазали тоҷикӣ ва туркии шоира таҳти рақамҳои 660.2090 ва 4182 нигоҳ дошта мешавад.

Девони форсӣ-тоҷикии шоира, ки ҳоло дар даст доред, дар асоси нусхаи рақами 7766 ҳамин фонд мураттаб карда шуд. Баъзе калимаҳои мағшуш ва баъзе ғазалҳо нотамом буданд, ки ба ислоҳ ва такмилашон бо роҳи муқоиса бо нусхаҳои рақамҳои 660 ва 2090 пардохтем.

Соли 1963 хабар ёфтем, ки дар шаҳри Намангон дар китобхонаи шахсии писари шоир Нодим-Мусалламхон боз як нусхаи девони Нодира маҳфуз аст. Ин девон 180 ғазалро дар бар мегирад, қисмати муҳимме аз онҳо ба забони тоҷикӣ навишта шудаанд. Ғайр аз ин, баъзе ғазалҳои шоираро, ки бо

тахаллусҳои «Комила» ва «Нодира» навишта шудаанд, аз маъхазҳои дигар дарьёфт кардем ва дар ин девон ҷой додем.

Барои он ки аз эҷодиёти рангин ва пурмазмуни шоираи шӯҳратманд Нодира баҳраманд гарданд, ин маҷмӯаро ба хонандагони мӯҳтарам пешкаш менамоем.

## ОВОЗИ ХОМӮШНАШАВАНДА

Шоираи шаҳира ва заковатманд Нодира дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX ҳаёт ба сар бурдааст. Ӯ шоираи дузабона буда, дар таърихи адабиёт мақоми ба худ хосе дорад.

Имсол, яъне соли 1967, аз рӯзи таваллуди шоира тахминан 175 сол пур мешавад. Ба ҳамин муносибат адабиётшиносони мо дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ӯ асарҳо навишта, манзури хонандагон мегардонанд.

Ин шоираи боистеъдод эҷодиёти худро ба ду забон иншо карда, дар истеҳкоми дӯстӣ ва бародарии халқҳои тоҷик ва ӯзбек ҳиссаи сазоворе гузошта, дар ҳамкории иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маданиии онҳо фаъолона иштирок кардааст.

Дар таърихи адабиёти классикӣ эҷодиёти яке аз занони пешқадамтарини замони худ — шоираи ғазалсаро Нодира хеле ҷолиби диққат аст. Ғазалҳои латифу дилнишини Нодира дар байни халқи тоҷик бисьёр машҳур буда, дар репертуари ҳофизон мустаҳкам ҷой гирифтаанд, онҳоро ошиқон аз бар карда, рози дил мегӯянд.

Шоираи озодфикр Нодира сарфи назар аз он, ки дар шароити замони тираю тори феодалӣ зистааст, ғояҳои инсонпарварӣ, муҳаббати озод, вафодорӣ ва меҳнатдӯстиро таърифу тавсиф карда, ба оянда эътимоди комил доштани худро, орзу ва умедҳои дили бузурги худро суруда, асарҳои барҷастаи бадеӣ офаридааст.

То ба наздикӣ дар бораи мероси адабии шоира маълумоти каме доштем. Ба мо фақат як девони нопурраи ӯ маълум буд, ки шеърҳои форсӣ ва туркиро дар бар мегирифт. Девони мазкур дар институти Шарқшиносии Акаде-

мияи Фанҳои РСС Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад ва аз 1700 мисраъ иборат аст. Шеърҳои Нодираро боз дар «Баёзи Нодим», ки дар фонди ҳамин институт воқеъ аст, пайдо кардем.

Адабиётшиносон танҳо аз ҳамин девони номукаммали Нодира воқиф буданд ва асосан аз рӯи он доир ба эҷодиёти шоира маълумот медоданд.

Дар байни асарҳои дастнавис барои омӯхтани ҳаёти Нодира «Воқеоти Муҳаммад Алихон» ном манзумаи Увайсӣ сазовори диққат аст.

То ҳол мо медонистем, ки тахаллуси шоира Комила ва Нодира аст. Доктори фанҳои филология Азиз Қаюмов дар асоси манзумаи Увайсӣ собит кард, ки тахаллуси дигари шоира Макнуна мебошад.[1]

Шоира Увайсӣ дар манзумаи худ менависад:

Шаҳлар арасида ул Умархон
Бир неча куни сурубди даврон.
Моҳпора эди анинг заифи,
Макнуна тахаллуси латифи,
Фарзандларидин бўлди пайдо
Маҳмад Алихон оти бир аъло.

Мо дар ҳамин асос асарҳоеро, ки бо тахаллуси «Макнуна» навишта шудаанд, кофтуков ва пайдо карда, як девони мукаммали тоҷикии Нодираро ёфтем[2].

Ин девон ҳам дар фонди институти Шарқшиносии Академияи Фанҳои РСС Ӯзбекистон маҳфуз аст. Дар ин девон, ки бо тахаллуси «Макнуна» навишта шудааст, бештар аз 5 ҳазор мисраъ шеърҳои тоҷикии шоира дохил гардидаанд. Назар ба маълумоти сарсухани муаллифи номаълуме, ки

[1] Нигаред ба маҷаллаи «Масъалаҳои забон ва адабиёти ӯзбек», соли 1958.

[2] Рӯзномаи «Ӯзбекистони сурх», мақолаи «Девони тоҷикии навъёфташудаи Нодира» (18 марти соли 1958).

ба ин девон навиштааст, баъд аз вафоти Амир Умархон мувофиқи фармойиши шоира девони мазкур тартиб дода шудааст. Ва дар ҳамон вақт аз рӯи маслиҳати суханварони давр ба шоира тахаллуси «Макнуна» муносиб дониста шуд:

«Дар ин мусбат манкуҳаи мастураи марғубаи ӯ ва афифаи дилпазири маҳбубаи ӯ, ҳачланишини пардаи иффат ва салтанатпаноҳӣ, соянарварди хаймаи ҳашмату подшоҳӣ, гавҳари муҳити насабу камол, дурри ноёби садафи иззату иқбол, дар шеваи фуқаропарварӣ мусалламаи хосу ом, дар идрок ва машқи ашъори дилпазир заифае (буд) беҳтар аз ҳазор марди хирадманд, авсофи ҳамида ва хислатҳои некӯи ӯ аз ҳад афзун ва аз шумор берун буд.

Лекин ин ғуломи намакхорро аз он мастураи ҳарами иффат аз ин бисьёр сухан гуфтан аз адаб дур буд, мухтасар намудем. Хулосатулкалом, он тоҷуннисо мухаддараи пардаи иззату уло, гоҳе ба ҳисаби хушии авқот аз ғазалҳои бисьёр ҷамъ гардида, ба фармони олии ӯ он ашъор дар ин маҷмӯа ҷамъ намуда шуд...

Ба савобдиди ғуломони маънинисанд ва ходимони фитратбаланд тахаллуси он гавҳари мастураи садафи иффат ва ҷаҳонпаноҳӣ Макнуна муқаррар ва муайян гардид.

Ин ном шуд ба шеър нишони баёни ӯ,
Оре, тахаллусест мувофиқ ба шони ӯ.
Иқбол ёфт фаҳми маонӣ зи фитраташ,
Равнақ гирифт шеър ба давру замони ӯ»[1].

Муқаддима ва тамоми девон бо хатти настаълиқи ҷалӣ дар коғази Хӯқанд (Қӯқанд) дуқатора навишта шуда, шеърҳо бо тартиби алифбои арабӣ ҷойгир шудаанд. Ҳаҷми китоб 132 варақ буда, бо эҳтиёткорӣ нигоҳ дошта шудааст.

Дар девон хеле нуқсонҳо ҷой доранд, баъзе мисраъҳо

---

[1] Девони Макнуна, инв № 7766, саҳифаҳои 3—4.

кӯр шудаанд ва баъзе мисраъҳо аз тарафи котиб ғалат кӯчонда шудаанд. Дар ин бора дар мулҳақоти «Девони Нодира», ки аз тарафи Нашриёти Академияи Фанҳои РСС Ўзбекистон соли 1963 бароварда шудааст, маълумот гирифтан мумкин.

Дар натиҷаи тадқиқ ва таҳқиқ муайян гардид, ки аз 28 шеъри тоҷикии Нодира, ки дар девони ӯзбекиаш дарҷ ёфтааст, 26 шеър дар девони бо тахаллуси «Макнуна» мураттабгардида низ дида мешавад. Аммо дар девони ӯзбекӣ ба шеърҳои тоҷикӣ тахаллуси шоира «Нодира» ва «Комила» сабт шуда бошад, дар девони тоҷикиаш ҳамин шеърҳо бо тахаллуси «Макнуна» навишта шудаанд.

Чунончи, дар шеъре, ки бо мисраи «Интизорам бо ту, эй сарви хиромонам, биё» сар мешавад, байти тахаллус дар девони ӯзбекӣ ба таври зерин навишта шудааст:

> Бе ту мерезад зи мижгон ашки ҳасрат, Нодира,
> Хоки поят тӯтиёи чашми гирьёнам, биё.

Дар девони тоҷикӣ байти охири ҳамин ғазал дигаргун карда, чунин навишта шудааст:

> Аз хаёли зулфи ӯ, Макнуна, пур ошуфтаам,
> Соате бар пурсиши ҳоли парешонам биё.

Ё ки:

> Чун Комила бинозам бар ҳусни он шакарлаб,
> К-аз васфи лаъли ӯ шуд дар коми ман забон сурх.

Ин байт дар девони тоҷикиаш чунин аст:

> Макнуна, мебинозам бар ҳусни он шакарлаб,
> К-аз васфи лаъли ӯ шуд дар коми ман забон сурх».

Дар шеърҳои дигар ҳам чунин мисолҳоро мебинем.

Аз рӯи тадқиқоти мо маълум шуд, ки ғазалҳои тоҷикии

бо тахаллуси «Комила» ва «Нодира» навиштаи шоира дар девони тоҷикиаш бо тахаллуси «Макнуна» дохил гардидаанд.

Нодира дар назм ба пояҳои баланд расида, асарҳое эҷод кардааст, ки чи аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати санъати сухан ба ғоят ҷолиби диққатанд. Асарҳои ӯ нишондиҳандаи табъи равон, завқи баланд ва дили пурҳарорати шоира мебошанд. Вақте ки девонҳои ӯро бо диққат мехонем, дарҳол аён мешавад, ки дар онҳо то чӣ андоза фикру мулоҳизаҳои амиқ ва далерона, эҳсосоти наҷиб, оҳангҳои зебо ифода ёфтаанд. Мисраъҳо ва байтҳои осори ӯ чун дурдонаҳои шоҳвор ба ришта кашида шудаанд.

Шеърҳои тоҷикии шоира мазмунан олӣ буда, санъати фатонатбахше доранд, хонандаро обу ранги онҳо мутаассир мекунад. Маҳорати бадеии шоира дар онҳо боз ҳам равшантар дида мешавад. Ӯ дар асарҳои худ зебоии ҳаёт, ҳодисаҳои замон, таҷриба, таассурот ва ҷаҳонбинии худро бисьёр баланд ва мӯъҷаз ба қалам овардааст.

Асарҳои Нодира аз ҷиҳати шакл гуногунанд, аммо ба сабаби гум шудани охири девони тоҷикиаш як қисмати онҳо то ба мо нарасидаанд. Эҷодиёти ӯ мавзӯъҳои хел-махел доранд. Шоира дар осори худ манзараҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти воқеии замони худро тасвир менамояд.

Мавзӯъҳои асосии ғазалиёти Нодира иборат аз муҳаббат ва садоқат, инсондӯстӣ ва ватанпарварӣ, меҳнат ва эҷод буда, бо ғояҳои наҷиб фаро гирифта шудаанд.

Нодира, монанди дигар шоирони забардасти Шарқ, дар мавзӯи хеле қадим ва анъанавии адабиёт — муҳаббати абадан ҷавон асарҳои бисьёре эҷод кардааст. Чунон ки маълум аст, шоирони озодихоҳу ҳаётдӯсти ҳамаи замонҳо ба воситаи ин мавзӯъ на танҳо ҳиссиёт ва шавқу завқи муҳаббати поки одамиро, балки дар айни замон ҳақиқати ҳаёт, фазилатҳои наҷиби инсон, ахлоқи неки ӯро ҳам таранпум намуда, бар зидди иллатҳои давр, зулму истибдод ва

беадолатӣ шӯриш бардошта, ақидаҳои динӣ ва расму оини поймолкунандаи шаъну шарафи инсон, риёкорӣ ва ҷаҳолати рӯҳониёнро фош мекарданд. Онҳо ба тарғиби ғояҳои олии одамдӯстӣ ва халқпарварӣ мепардохтанд.

Аз эҷодиёти Нодира аён аст, ки парвози фикри ӯ хеле баланд мебошад. Шоира муваффақ шудааст, ки ҳолатҳои мураккаби рӯҳияи инсон, олами ботинӣ ва ҳиссиёти нозуки онро васеъ ва амиқ нишон диҳад. Ӯ муҳаббати инсониро бо воситаҳои дилангези санъати сухан тасвир ва тараннум намудааст, онро бо як қатор масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ вобаста кардааст. Чунончи, шоира менависад:

Аз китоби ишқ чандин достон дорад дилам,
Ҳамчу доғи лола аз савдо нишон дорад дилам.

Ё худ:

Дар муҳаббат булаҷаб афсонаҳо ангехтам,
Дар ҷаҳон овозаи ин достонам меравад.

Шоираи далер мазлумагӣ ва беҳуқуқии занону духтаронро бо дилсӯзӣ ва ғамхорӣ баён карда, барои изҳори норизоӣ ва исьёни дили онҳо, барои тасвири ҳолати тоқатфарсо шеваи муҳаббатро бо овози баланд ба қалам овардааст:

Афғону ғаму оҳу ҷафову ситаму доғ —
Ин аст ба даврони ту сомони муҳаббат.
Хоҳӣ ситаму зулм намо, хоҳӣ иноят,
Макнуна бувад бандаи фармони муҳаббат.

Нодира дар як қатор ғазалҳояш ишқи самимӣ ва ҷаҷиби инсониро суруда, вафодорию суботкориро аз фазилатҳои беҳтарини одамӣ доништа, дар замир ва заминаи муҳаббати пок бахту саодат, равнақи ҳаёт, рӯзгори обод ва шодию хуррамии дилҳоро мебинад, фикрҳои солиму олиро ба миён мегузорад. Шоира бо мадҳи ишқ аз нозу неъматҳои та-

биат ва нашъаи ҳаёт баҳравар гаштан, ғояҳои нажиби занону духтарони орзукунандаи баробарҳуқуқиро ифода менамояд. Ӯ озодии фикр ва эҳтироми шаъну шарафи одамро талаб мекунад. Навоварии Нодира ва такомулоти тадриҷии ӯ маҳз дар ҳамин аст.

Нодира зани босабру тоқат, боматонат ва қавиродае буд. Ӯ ба ҳамагуна душвориҳо тоб оварда, мекӯшид, ки онҳоро аз сари роҳи ҳаёташ бартараф кунад. Ӯ шоираи озодфикре буд ва танҳо ба амри дили поки худ итоат дошт, нидоҳои пурҳарорати онро дар шеърҳояш ифода мекард. Дар бисьёр асарҳояш, ки воқеаҳои ҳаётро инъикос менамоянд, масъалаҳои умдаи замон ва талаби зиндагониро далерона ва аксаран ошкоро ба миён мегузошт.

Шоира дар як қатор ғазалҳои шӯрангезу ҳаяҷонбахши худ оташи дилҳои порагардидаро баён карда, ба тасвири ҳаёти талху тунд ва рӯзгори тираю тори замонаш бо маҳорати баланд пардохтааст.

Зоҳиди хушк, аз чӣ мепурсӣ зи ҳоли зори ман?
Синаи пурҳасрате дорам, ҷавобам оташ аст.
Дар каломам нест, Макнуна, ба ғайр аз сӯхтан,
Дафтарам маҷмӯаи доғу китобам оташ аст.

Агарчанде ки Нодира дар даргоҳи хон мезист, аммо аз накомӣ ва набудани рӯзи равшану хурсандӣ менолид, аз ҷабру ҷафои фалак, аз бевафоию зулми ёр шикоят дошт. Афсӯсҳо мехӯрд ва баъзан аз ҳаёт маъюс мегардид:

**Ҷуз ғамат бар дили афгор намедонистам,**
**Ҷуз муҳаббат ба раҳат кор намедонистам.**
**Ман надонам, ки чӣ кардам зи вафо кӯтоҳӣ?**
**То ба ин рутба ҷафокор намедонистам.**
**Як нафас хотири хуш нест маро, Макнуна,**
**Ҷабри ёр ин ҳама бисьёр намедонистам.**

Нодира аз ҳоли зори занон ва духтарони берӯзӣ ғам мехӯрд ва дуди оҳаш ба фалак мезад, бар зидди қонунҳое,

ки занон ва духтаронро гирифтори асорат медонтанд, шӯридаӣ менуд ва ба қисмати бадбахтонан онҳо лаънатҳо хонда, бо мақсади дар саҳифаҳои таърих бо хатти сиёҳ сабт гардониданп ҳаёти беҳуқуқонаашон қалам меронд. Ӯ дар як шеъраш чунин менависад:

Чун насибам ҳама нокомию маъюсӣ шуд,
Хок бар гардиши ин оламу даври айём!
Умр бигзашт чу, Макнуна, ба номанзурӣ,
Як нигаҳ бар мани овора надорад инъом.

Дар ғазали дигаре мегӯяд:

Умрест бар мароми дили зор метапам,
Як бор ҳам нарафт фалак бар мароми ман.

Шоира аз маҳзунӣ, дилшикастагӣ ва беадолатиҳои замон ҳар қадар нолаю фарьёд кунад, аммо ба оянда на маъюсона менигарист, ҷасоратро аз даст намедод. Ин даъвои моро мисраъҳои ғазали бо радифи «мо» навиштааш исбот мекунанд:

Бо мо нагашта талхии айём коргар,
Дорад илоҷ он бути ширинзабони мо.

Нодира, ки иллат ва нуқсонҳои замони худро дида тавониста буд, дар эҷодиёташ нисбат ба урфу одатҳои хурофотии буғикунандаи азму ирода ва соҳибихтиёрии инсон, нисбат ба ақидаҳои динии заҳролудкунандаи шуури инсон, нисбат ба таълимоти иртиҷоии рӯҳониён фикрҳои пешқадами худро ба силки баён овардааст. Ӯ бо қалами буррояш макру ҳила ва мунофиқии шайху мулло ва зоҳидонро фош кардааст. Ӯ ба ҳарзагӯии тақводорон, ки аз лаззати ҳаёти ҳақиқӣ ва шавқи ишқи пок бехабаранд, бо хашму ғазаб ва бо забони танқид лаънатҳо хонд:

Ҷуббаю дастор зоҳидро надорад манфиат,
Ҷуз гаронҷонӣ, аз ин асбоби карру фар чӣ ҳаз?

Шоира аз урфу одатҳои динӣ, ки дар ҳаёти одамӣ садди роҳанд, аз маросимҳое, ки виҷдони инсониро мефишоранд, шикоят мекард. Ӯ «Дур гашт ҳаловатам зи рӯза», «моҳи рӯза омаду ман оҷизу бедастуно» мегуфт ва рамазонро ҳамчун оини зарарнок фош менамуд.

Нодираи оқилаю доно нисбат ба ҷараёни тараққипарваронаи адабиёт, ки дар он вақт равнақ мееёфт, мавқеи хайрхоҳӣ ва ҳамоҳангӣ ишғол карда, барои халқ фароҳам овардани ҳаёти осоишта ва ривоҷи илму маданиятро аз самими дил мехост ва дар ин мавзӯи нав шеърҳои пурмазмун дорад. Ӯ шоҳон ва замондоронро ба адлу инсоф даъват мекард, фазилатҳои халқпарвариро месутуд ва дар бисьёр ғазалҳояш манфиатҳои фуқароро аз манфиатҳои шоҳу ҳокимон баландтар мегузошт. Шоира бемурувватӣ ва ситампешагии подшоҳон ва хонҳои замони худро мазаммат карда, «ба ҷои лофзанон худро таъриф кардан адолатпешагиро пеш гирифтан, ба ҷои бо зӯрӣ мартабаи худро афзудан бо ҳиммат ба ҳурмат сазовор гардидан, ба шаъну шӯҳрати подшоҳӣ мағрур нашуда, аз фазилатҳои инсонӣ фахр кардан, ба айшу ишрати сарой сар фурӯ набурда, ба оҳу фиғони дилҳои маҳзун гӯш додан зарур аст» мегуфт ва ахлоқи неку фикрҳои оқилонаро талқин мекард.

Дар айни авҷи камолоти эҷодии Нодира дар ҳаёташ мусибат рӯй дод. Устод ва ҳамбистараш Амир Умархон вафот кард. Нодира ӯро ҳамчун шоири истеъдодноки ишқиянавис ва роҳбари адабии худ дӯст ва пос медошт. Бинобар ин, шоира аз вафоти бемаҳали ӯ хеле ғамгин шуд. Нодира аз ин ҳодисаи шум хеле мутаассир шуда, барои ифодаи аламу ҳасраташ як қатор ғазалҳои ҳузнангез навишт. Аммо шоира маъюс ва рӯҳафтода нашуд, баръакс ҳаёти маданииі мамлакатро ба дасти худ гирифта, ба он роҳбарӣ кард. Ӯ ба туфайли хирадмандӣ, фуқаропарварӣ ва маданиятдӯстии худ дар байни омма ба эҳтироми тамом сазовор гардид. Ҳамзамони Нодира шоир Нодир дар асари

худ «Ҳафт гулшан», ки ба шоира бахшида навиштааст, маърифатпарварии ӯро қайд мекунад, мегӯяд, ки Нодира дар атрофи худ садҳо шоиру шоирагонро ҷамъ оварда, онҳоро дастгирӣ мекард, маҷлисҳои адибонро боз ҳам ривоҷу равнақ медод.

Нодира дар Хӯқанд мадраса ва китобхонаҳо созонд, ба донишмандон ҳурмати комил дошт, ба онҳо инъомҳо медод ва ҳомияшон буд. Ӯ асарҳо ва девонҳо нависонда, хушсифатии онҳоро талаб мекард. Шоира илму фан ва маърифатро месутуд.

Шоира дар асарҳои худ доир ба одобу ахлоқ, доир ба мурувватпешагӣ ва мададгорӣ ба дармондагон, рафоқат ва дӯстӣ, ростқавлӣ ва эҳтироми ҳамдигар сухан ронда, касони беинсоф, бадзот, ситамгар ва худбинро сахт сарзаниш мекунад. Ӯ даъват мекунад, ки одам бояд дар ҳаёт некӯкориро касб намояд, коре кунад, ки аз худ хотираи нек боқӣ гузорад:

Саъй фармо, ки барояд ба накӯӣ номат,
То бувад номи накӯ, ҳаст ба олам асарат.

Аммо дар замони даҳшатноки феодалӣ ва авҷи таассуби динӣ ҳуқуқи инсон поймол ва ҳама гуна фикрҳои пешқадаму тараққипарварона таҳқир ва таъқиб карда мешуданд. Олимон ва донишмандони равшанфикру ҳақиқатгӯй ба иғво ва фитнаи намояндагони табақаҳои ҳукмрон ва рӯҳониён, ки ҳомиёни манфиатҳои онҳо буданд, дучор ва гирифтор мегардиданд. Нодира аз чунин бедодӣ, ситам, қонун ва қоидаҳои асоратовари дину шариат, ки халқро азият медоданд, занонро асиру хонанишин карда буданд, ба дод омада, менависад:

Даврон забуну ёр ситамгору бахт дун,
Дигар куҷо расад ҳаваси фикри хоми мо?

Оре, дар гузашта насиби занони Шарқ бори гарони рӯзгор, хорию зорӣ ва фармонбардорӣ буду халос. Дар ин маънӣ як шеъри машҳури шоираи номдори асри XVII Зебуннисоро, ки тақдираш ба тақдири Нодираҳои замони боию феодалии Осиёи Миёна шабоҳати тамом дошт, ба мавридаст мисол биёрем. Шоира аз дасти фалаки каҷрафтор ва расму оини беадолатона, ки занонро занҷирбанд ва ба қафаси беҳуқуқӣ ва асорат гирифтор карда, намегузошт, ки озодона болу пар зананд, озодона нафас гиранд, мурғи дилҳояшон дар фазои беканори муҳаббати самимӣ ва озод дар парвоз бошад, дод мегуфт ва навиштааст:

Гарчи ман Лайлӣ-асосам, дил чу Маҷнун, дар ҳавост,
Сар ба саҳро мезанам, лекин ҳаё занҷири пост.
Булбул аз шогирдиям шуд ҳамнишини гул ба боғ,
Дар муҳаббат комилам парвона ҳам шогирди мост
Дар ниҳон хунем, зоҳир гарчи ранги ғозаам,
Ранги ман дар ман ниҳон чун ранги сурх андар ҳиност.
Баски бори ғам бурун андохтам бар рӯзгор,
Ҷома нилӣ кард, инак, бин, ки пушти ӯ дутост.
Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,
Зебу зинат бас ҳаминам, номи ман Зебуннисост.

Нодира низ, монанди Зебуннисо, аз каҷрафтории фалак, зулми замона ва замондорон ба нолаю фиғон омада, чунин менависад:

Фиғон, ки чархи ҷафопеша бар мани ношод
Камони ҷавру хаданги ҷафо кашиду кушод.
Ҷаҳон чунин, ки дари хушдилӣ ба рӯям баст,
Чӣ сон ба хотири ғамгин вазад насими мурод?
Замона баҳри ҷафо ёди бедилон орад,
Чӣ толеъест, ки ҳаргиз нарафтамаш аз ёд?
Сипеҳр бо ҳама дандони ахтарон ҳаргиз
Гиреҳ зи кори фурӯбастаи касе накушод.
Шафақ ба чарх набошад аҷаб, ки нест ғариб
Агар ба хун бувад олуда домани ҷаллод.
Ҳамон камингаҳи умрест ин ҷаҳон, ки дар ӯ
Фалак рабуд кулоҳи Каю қабои Қубод.

Нафас мазан, сари худро нигоҳ дор, ки нест
Ба ғайри тафриқа мушти ғуборро аз бод
Ба ғайри фақр бикаш сар, ки баҳри гардани мо
Гирифта чархи муонид ба каф каманди инод.
Зи катми ғайб кунад рӯзгор ҳар соат
Барои хотири Макнуна меҳнате эҷод.

Шоира дар чунин ғазалҳои дилхарошаш аҳволи бади халқ, ғаму андӯҳ ва беҳуқуқии занонро ба қалам оварда, нидои қалби пурдарди онҳоро бо овози баланд ошкор кардааст. Нодира аз замонае, ки ӯро ба азоби рӯҳию ҷисмонӣ гирифтор карда буд, ранҷида ва роҳи наҷотро пайдо карда натавонист, лекин ба дигаргун шудани замона боварии қатъӣ дошт:

Ҳамон камингаҳи умрест ин ҷаҳон, ки дар ӯ
Фалак рабуд кулоҳи Каю қабои Қубод.

Шоира сарфаҳм намерафт ва донистанаш ҳам душвор буд, ки ин зиддиятҳои ҳаёт ва замон аз нобаробарии сохти иҷтимоӣ сар задаанд. Ӯ рӯҳан азоб кашад ҳам, лекин аз тараннуми ҳаёт ва бахти инсон даст намекашид. Ин аст, ки саъю кӯшиш барои ҳаёти саодатмандона ва мубориза барои истиқболи нек ғояи асосии эҷодиёти ӯ гардиданд. Шоира дар осори худ нисбат ба асорат ва ҷаҳолат норизоӣ ва нафрат баён карда, дар ғазали бо радифи «бирасад» навиштааш умеди ояндаи некро сурудааст:

Умед хаст, ки субҳи умеди мо бирасад,
Ниҳояти шаби зиндонии бало бирасад...
Асири ҳалқаи гесӯи ӯст Макнуна,
Ба савби оламии ҷамъият аз куҷо бирасад?

Ба қавли таърих, дар ин давр дар хонии Хӯқанд бо роҳбарии Нодира ҳаёти адабӣ равнақ меёфт. Дар ин хусус ва доир ба фаъолияти Нодира нависандаи сарсухани девони тоҷикии Нодира сухан ронда, бо эҳтироми тамом ин байтро дарҷ кардааст:

**Иқбол ёфт фаҳми маонӣ зи фитраташ,**
**Равнақ гирифт шеър ба даври замони ӯ.**

Хусусияти ба ғоят муҳимми адабиёти тараққипарварони даврaи Нодира он буд, ки вай бо ҳаёт ва орзую омоли омма то рафт наздиктар мешуд, ба ифодаи талабу ҳаваси халқ мекӯшид ва барои манфиатҳои он ғамхорӣ мекард. Ин ҳолат адабиёти тараққипарварро аз ҷиҳати мавзӯъ вусъат дода, аз ҷиҳати ғояву маҳорат торафт пештар мебурд. Ин аст, ки дар назми ин давра ғояи вуқӯъгӯӣ ривоҷ ёфт, эҷодкорон барои равонии услуб ва соддагии забон мубориза пеш бурданд. Нависандагони пешқадами замон дар асарҳои худ воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ, дар зери зулми истисморчиён азобу уқубат кашидани меҳнаткашон ва хонавайрон шудани онҳоро ошкоро ба қалам оварда, мунофиқӣ ва фиребу найранги рӯҳониёнро фош сохтанд, дар натиҷаи ҷангҳои байнихудии феодалҳо хароб шудани мамлакат ва поймол гардидани манфиатҳои меҳнаткашонро изҳор карданд. Чунончи, «Зарбулмасал»-и Гулханӣ, «Хафалак»-и Махмур, шеърҳои Ғозӣ ва ҳамфикрони онҳо ба даъвои мо исбот шуда метавонанд. Адибони мазкур дар асарҳои худ беҳуқуқии занон, муборизаи байни ҷаҳолат ва маърифат, байни бидъат ва дониш, байни разолат ва наҷобатро инъикос кунондаанд.

Шубҳае нест, ки ҷараёни адабиёти тараққипарвар ҳам аз таъсир ва зиддиятҳои адабиёти намояндагони феодализм озод набуд. Дар эҷодиёти тараққипарвар таъсири ақидаҳои тасаввуф, маъюсӣ ва ғайра низ дида мешаванд. Лекин дар ҳамин давра ба воя расидани шоираҳо Нодира, Увайсӣ ва Маҳзуна, ки тараннуми ҳаётро ба худ мақсади асосӣ қарор дода буданд, ба ҳадди имкон худро аз тақлид, назирагӯӣ ва маддоҳӣ дур дошта, барои эҷодиёти мустақилона мекӯшиданд, дар адабиёт соҳиби [illegible] будани худро собит карданд.

Дар айни ба камол расидани эҷодиёти Нодира ба рағми адабиёти феодалии дарбор, ҷараёни демократӣ дар адабиёт низ ривоҷу равнақ меёфт. Гулханӣ, Ҳозиқ, Махмур, Ғозӣ ва Огаҳӣ барин шоирони майли демократидор барои ба вуҷуд овардани адабиёти реализми танқидӣ мекӯшиданд. Ин аҳвол, албатта, рӯҳониёни иртиҷоӣ ва сӯфиёни мутаассибро ба ташвиш наандохта намемонд. Дар даврае, ки ҷаҳолати динӣ ва таассуби ислом торафт пурзӯртар мегардид, ба ҳаёти адабӣ сардорӣ кардани зан онҳоро ба газаб меовард. Он иртиҷоъпарастон ва тамаддунбезорон бо иғво ва фитнаи худ боис шуданд, ки дар соли 1842 шоираи забардаст Нодира ва писарони ӯ Муҳаммадалихон, Султон Маҳмудхон ва дигар аъзоёни оилааш аз тарафи амири Бухоро Насруллохон ваҳшиёна кушта шуданд.

Аммо меҳнати Нодира ва ҳамфикрони ӯ зоеъ нарафт. Ғояҳои пешқадами онҳо ба адабиёти тараққипарваронаи он давра ҳиссаи муҳим гузошт.

Хулласи калом, асарҳои рангоранг ва сермазмуни шоираи ширинсухан ва бомаҳорат Нодира дар қатори сарватҳои гаронбаҳое, ки халқҳои мо дар гузашта эҷод кардаанд, барои равнақи маданият ва адабиёт кӯмак хоҳанд расонд.

Ин аст, ки мо эҷодиёти шоираи маданиятдӯст, инсонпарвар ва озодихоҳ Нодираро амиқ меомӯзем, асарҳои ӯро бо шавқу ҳавас мехонем ва симои дурахшони ӯро бо ифтихор ва мамнуният ба ёд меоварем. Нодираи нобиғаи мо бо осори безаволаш барои худ муҷассамаи абадӣ буньёд кардааст.

*Маҳбуба Қодирова*
номзади фанҳои филология.

ш. Тошканд

## 1

Интизорам бар ту, эй сарви хиромонам, биё,
Ҷон ба каф истодаам, бархез, ҷононам, биё.

Чанд аз нозу тағофул тунд меронӣ саманд,
Мардумӣ кун: пой неҳ дар чашми ҳайронам, биё.

Субҳи васли ман зи хуршеди ҷамолат нур дошт,
Шоми ҳиҷрон тира шуд, эй моҳи тобонам, биё.

Бе ту дар кунҷи надомат дарди ҳиҷрон мекашам,
Вораҳон, эй сарвиноз, аз дарди ҳиҷронам, биё.

Чашми хоболуди ман роҳат надорад бе рухат,
То биёсояд даме мижгон ба мижгонам, биё.

Эй баҳори ноз, чун гулҳои боғ, аз рафтанат
Чок-чок аст аз гиребон то ба домонам, биё.

Сарви дилҷӯят гар аз гулзор доман мекашад,
Дар риёзи ҷӯйбори дида биншонам, биё.

Чашми ҳайронам пари товус иншо мекунад,
Ҳамчу гул бепарда, эй рашки гулистонам, биё.

Аз хаёли зулфи ӯ, Макнуна, пур ошуфтаам,
Соате бар пурсиши ҳоли парешонам, биё.

2

**Эй сарвиноз, тунд марав, сӯи ман биё,**
**Доғи дилам шукуфта, ба сайри чаман биё.**

Мавзунқадон ба тарфи чаман карда анҷуман,
Эй сарви хушхиром, дар ин анҷуман биё.

Шуд дар раҳи ту дидаи канъониён сафед,
Аз Мисри ноз, Юсуфи гулпираҳан, биё.

То чанд талхком ба ҳаҷри ту зистан?
Шаҳдам чашон аз он лаби шаккаршикан, биё.

Оинаи хаёл ба сайқал расондаам,
Дар интизорам, эй санами симтан, биё.

Фориғ нишин ба булбулу тӯтӣ дар ин чаман,
Кай гуфтамат ба сӯҳбати зоғу заған биё?

Дар кунҷи ҳаҷр нест, чу Макнуна тангдил,
Эй ҷилваат баҳортирози чаман, биё!

## 3

Бе ту месӯзад дили вайрони мо,
Пой неҳ дар дидаи ҳайрони мо.

Ҷайби ҷони мост дар дасти ғамат,
Ваҳ, чӣ мехоҳад ғамат аз ҷони мо!

Чун гули садбарг дар боғи ҷунун
Аз гиребон чок то домони мо.

Мо кабоби оташи ишқи туем,
Мечакад хуноб аз мижгони мо.

Қиссаи Фарҳоду Маҷнун нусхаест
Аз варақҳои гули девони мо.

Авҷи истиғно мақоми нози ӯст,
Кай расад дар гӯши ӯ афғони мо?

Мову васфи ҳусни мо гулчеҳра, нест
Ғайр аз ин, Макнуна, дар девони мо.

## 4

Бегонаро чӣ суд зи пайғоми ошно?
Дилро ҳузур мерасад аз номи ошно.

Ҳарчанд масти бодаи бегонагӣ шудӣ,
Санги ҷафо мазан, машикан ҷоми ошно.

Сайди каманди ҳилаи бегонагон машав,
Гар мурғи зиракӣ, макан аз доми ошно.

Дорӣ ҳавои улфати бегонамашрабон,
Оҳуи чашми ту нашавад роми ошно.

Хуршеди ман, зи хона ба вақти саҳар барой,
Машъалфурӯз шав ба лаби боми ошно.

То сими соидат нашавад з-остин бурун,
Кай пухта мешавад тамаи хоми ошно?

Макнуна, зери чарх умеди вафо макун,
Андар нигини даҳр маҷӯ номи ошно.

## 5

**Нанмуд чеҳра баски маҳи осмони мо,**
**Чун шамъ, зад забонаи оташ ба ҷони мо.**

**Не тоқати назораву не тоби гуфтугӯ,**
**Ҳайрат нишастааст ба чашму забони мо.**

**Ёраб, зи боғи умр набурдем бӯи айш,**
**Кай мешавад тамом ғами ҷовидони мо?**

**Эй боғбон, ба боғ махон доғи дӯстро,**
**Набвад ба ғайри ҷилваи ӯ бӯстони мо.**

**Азбаски дарди ишқи ҷаҳонсӯз доштам,**
**Ишрат нагашт гирди дили нотавони мо.**

Лофи гудози дил мазан, эй лола, пеши ту
Маълум нест шӯълаи доғи ниҳони мо.

Макнуна, маънии кори ҷунун аз хирад маҷӯй,
Дар роҳи шавқ ақл нагирад инони мо.

## 6

Хун шуд зи дарди ишқ дили нотавони мо,
Ин нукта равшан аст зи ашки равони мо,

Парвардаем мо зи барои ғами ту ҷон,
Гар сад ҳазор ғам бифиристӣ ба ҷони мо.

Умрест ҷуз вафо ба ҷафоят накардаем,
Эй сангдил, дигар чӣ кунӣ имтиҳони мо?

Бигзашт даври қиссаи Маҷнуну Кӯҳкан,
Мансух гашт он сухан аз достони мо.

Ишқи баланд нанги дурангӣ намекашад,
Гар дил азони ёр бувад, ёр азони мо.

Бо мо нагашт талхии айём коргар,
Дорад илоҷ он бути ширинзабони мо.

## 7

Дӯстон н-оред бар лаб номи ҷонони маро,
М-афканед оташ ба ҳарфе, ҷони сӯзони маро.

Чун катон сад пора месозад диламро моҳтоб,
Баски меорад ба хотир моҳи тобони маро.

Хок гардад гулшану барбод гардад ҳосилаш,
Гар наорад дар назар сарви хиромони маро.

Ишқ охир қисмати ҳолам ба расвой гирифт,
Сарнавиштам кард ин чоки гиребони маро.

Ёр дар ҷамъияту толеъ ба ин ошуфтагӣ,
Кист, то раҳм оварад ҳоли парешони маро?

Дар ғамаш аз гирья кори ман ба хунрезӣ, кашид,
Бохабар созед зуд он ёри хандони маро.

Дар раҳи ғурбат надорам моили улфат касе,
Кист, ғайр аз хор, гирад тарфи домони маро?

Гӯиё, Макнуна, шоми бахти ман бе субҳ буд,
Рушной нест зулматҳои ҳиҷрони маро.

## 8

Эй гашта даври наргиси масти ту ҷоми мо,
Кайфияти нигоҳи ту айши мудоми мо.

Бетолеӣ нигар, ки ҷаҳон аст шоду лек,
Ишрат ба даври чашми ту бошад ҳароми мо.

Ҳаққи вафо, ки талхии ҳиҷрони мо, расон,
Эй боди субҳ, бар бути ширинкаломи мо.

Мо ҳам зи хайли хокнишинони он дарем,
Бар посбони ӯ кӣ расонад саломи мо,

Чун мо нахонда Вомиқу Маҷнун зи дарси ишқ,
Хатм аст гуфтугӯи муҳаббат ба номи мо.

Дар мулки ҳусн гарчи ту шоҳӣ, забун магир.
Иқлими ишқ гашта мусаххар ба коми мо.

Даврон — забуну ёр — ситамгору бахт — дун,
Дигар куҷо расад ҳаваси фикри хоми мо.

Ҷон мекáнему бӯи муроде намерасад,
Як бор ҳам нагашт фалак бар мароми мо.

Макнуна, хок бар сари даврону айши ӯ,
Хун шуд насиби соқии қисмат ба ҷоми мо.

## 9

Эй бод, бар зи талхии ҳиҷрон паёми мо,
Шояд, ки бишнавад бути ширинкаломи мо.

Маҷнуну мо ба роҳи ҷунун гом мезанем,
То номи ишқ хатм шавад бар кадоми мо.

То ҳашр з-он замин гулу шамшод сар кашад,
Ҳар ҷо гузашт сарвқади хушхироми мо.

Мехостем сӯзи дилу синаи хароб,
Охир, ҷафои ишқ баровард коми мо.

Умрест аз ғубори дараш сурма орзуст,
Бар остони ӯ кӣ расонад саломи мо?

Шабҳо чу шамъ дуд баровард аз ҷигар,
Ёраб, зи ҳаҷри ӯ кӣ кашад интиқоми мо.

Моро маҳон ба маҳфили ишрат, ки бе лабаш
Заҳроба аст рашҳаи айши мудоми мо.

Макнуна ҳам зи хокнишинони кӯи ӯст,
Боди сабо расон ба саги ӯ паёми мо.

## 10

Эй зи мижгон чашмҳоят теғ дар дасти ҷафо,
Бо ҷафоҳои ту неку бастаам аҳди вафо.

Қоматат сарви чаманпӯш аст аз ҷомони ноз,
Ҳарду рухсорат гули сурх аст аз ранги ҳино.

Аз нишоту ҳасрати худ нестам андешанок,
З-он ки хотир бо хушиҳои ту хуш бошад маро.

Ҷуз зи кӯи дӯст натвон доштан чашми мурод,
Ҳар чӣ меояд ба кори банда, бошад аз худо.

Саъй номанзуру даврон дуну афғон беасар,
Раҳм кун, ёраб, барои ҳалли мушкилҳои мо.

Гар бипардозад ба ҳоли аҷз қудрат, дур нест
Муждаи бахшоише умедворони туро.

Ҷустуҷӯи олами асбоб неку равшан аст,
Домани лутфи ту бас бошад ба чашми илтиҷо.

Бар дараш, Макнуна, аз беҳосилӣ навмед нест,
Бегумон мавқуфи хизмат нест лутфи кибриё.

## 11

Эй сабо, пайғом деҳ бар ёри бепарвои мо,
К-аз ғамаш як қатра хун гардид сар то пои мо.

Дар хаёли хандаат шабҳо ки хоби мо рамид,
Халқро дар гирья кард афғони ҷонфарсои мо.

Умрҳо шуд дар гудози ҳасратат хӯ кардаем,
Чун самандар оташи сӯзанда омад ҷои мо.

Чарх — золим, ёр — бепарвову толеъ — вожгун,
Вой бар маҳрумии ҳоли ҷунунпаймои мо.

Шиква аз айём чун созем, к-аз ёди бутон
Дар бало афканд моро ин дили расвои мо.

Эй мурувват, об шав аз бевафоиҳои ҳусн,
Бо чунин ҳолем, набвад ёрро парвои мо.

## 12

**Аз руху зулфи ту то ошуфта шуд аҳволи мо,**
**Ҳамчу доғи шамъ торик аст моҳу соли мо.**

**Не зи лаълат васл, не аз кокулат бӯи мурод,**
**Мӯ ба мӯ дар ноумедӣ сӯхт қилуқоли мо.**

**Дар муҳаббат дидаи мо нест бе нури камол,**
**Гашта гарди интизорӣ сурмаи иқболи мо.**

**Аз уруҷи мо чӣ мепурсӣ, ки ҳамчун мурғи ранг**
**Аз хумори ёр меояд шикасти боли мо.**

Шоми ҳаҷраш то ба субҳ аз **бедимоғӣ метапам,**
Эй сабо, пайғом деҳ бар ёри **мушкинхоли** мо.

Ҷилваи рӯи ту гулзор асту мо барги хазон,
Эй баҳори ноз, бе рӯят чӣ бошад ҳоли мо.

Метавон, Маҷнуна, шукри толеи масъуд кард,
Як нигаҳ гар бингарад он шӯхи фаррухфоли мо.

## 13

Дӯстон, гӯед дилдори шакархои маро,
К-аз табассум ҷон диҳад афсурда аъзои маро.
Шоми умрам дар сияҳбахтӣ ба торикӣ расид,
Бохабар созед ёри моҳсимои маро.
Гар ба сайри роҳи ишқи ӯ нагардад поймол,
Бишканед аз сангборони ситам пои маро.
Дар хаёли ёр, чун наззора, ҷонам метапад,
Гар ба ёд орад касе рӯзе тамошои маро.
Ростиҳои фиғону оҳи ман маълум нест
Сарви мавзунқомати хуршедболои маро.
Ман ғубори домани хуршед дорам орзӯ.
Ханда месозад хирад ин саъи беҷои маро.
Ҳиммати ишқам набинад бар сарире сарварӣ,
Бахт агар бар остони ӯ диҳад ҷои маро.
Чарх—дун, дилдор—бепарвоу афғон—беасар,
Эй худо, раҳме, дили андӯҳфарсои маро.
Шеъри ман, Макнуна, таъсири дигар дорад ба дил,
Нест ғайр аз дарди дил маънӣ суханҳои маро.

## 14

Чун бӯи гул аз хеш аён шуд сафари мо,
Рафтем ба ҷое, ки наояд хабари мо.

Бастем ба ҳам чашми дил аз гулшани айём,
Асбоби ҷаҳон ҳеҷ бувад дар назари мо.

Аз сӯҳбати мо ҳеҷ кас озурда нагардад,
Чун оташи ёқут набошад зарари мо.

Булбул ба ниҳонхонаи гулбонг ниҳон шуд
Аз валвалаи нолаи файзи саҳари мо.

Аз лавҳи дилам ҷилва кунад ҳарфи хамӯшӣ
Бе сози takallum — лаби мавҷи гуҳари мо.

Ғаштем дар ин мазраа аз пухтагӣ маҳрум,
Хом аз талаби нахл фитода самари мо.

Макнуна, чӣ сон сунбулу шамшод наҷӯям,
Ҷуз зулфу қадаш нест чу мадди назари мо.

## 15

**Эй назокатбахш аз ҳусни рухаш гулзорҳо,**
**Баста сунбул аз хаёли туррааш зуннорҳо.**

Маст дар саҳро кулаҳ каҷ карда берун шуд магар,
Гашт маҷнун волаву зад бар замин дасторҳо.

Эй сабо, гӯ, ҳарфи рамзи ишқро бар гӯши ман
Нест дар олам касе аз маҳрами асрорҳо.

Бо умеди он, ки бинам рӯи чун хуршеди ӯ,
Ҳар шабе дорам чу кавкаб дидаи бедорҳо.

Карда дуздон гӯшаи меҳробро дорул-амон,
Дошт дар абрӯ зи холи анбарин айёрҳо.

Мурғи дил аз нола фориғ кай шавад ҳар субҳу шом,
Чунки бар рух дорад аз ҳар тори зулфаш морҳо.

Ҳамчу рухсору қади ҷонпарвараш марғуб нест,
Дидаам, Макнуна, аз шамшоду гул бисьёрҳо.

## 16

Ба гулзори хаёли орази ӯ чидаам гулҳо,
Зи дил бар шохсори нола дорам савти булбулҳо.

Зи ҳаҷри зулфи анбарбезу холи атромезаш
Парешон кард сунбул ҳамчу бӯи мушк кокулҳо.

Ба ёдам ҷилваҳои қомати ӯ дар хиром омад,
Фиғон дар гулшани дил то ба кай созад таҳаммулҳо.

Ҳамон хуршедваш дар шоми ҳиҷрон чун ниҳон гардид
Дилу ҷон чун кабӯтар ҳар саҳар созанд ғулғулҳо.

Ба уммеди гули боғи висолаш нақши пешонӣ
Ба хоки номуродӣ мондаму кардам тазаллулҳо.

Ба хобам таври хатти орази ӯ дар назар омад,
Фитода мадди оҳам ҳамчу кокул дар тасалсулҳо.

Ба уммеде ки ҳарфи ман шавад, Макнуна,
мақбулаш,
Ба наъти Аҳмади Мухтор месозам тааммулҳо.

## 17

**Бо хироми чилвааш як чашми қурбонем мо,**
**Пой то сар ҳамчу гул чоки гиребонем мо.**

**Хатти мушкинаш чу зулфи ҳур печидан надошт,**
**Ҳамчу бӯи сояи сунбул парешонем мо.**

**Ёр рафт аз чашми мо, Мачнуни сарсони худем,**
**Бо хаёли чустучӯ гарди биёбонем мо.**

Кош ояд бар лаб аз баҳри чанобаш қатрае,
Чун замин мӯҳточи оби **абри эҳсонем мо.**

Дар шаби ҳичрон ба ачзу **нолаам сози мадад,**
**Эй нафас, як** дам дар ин **ғамхона меҳмонем мо.**

Гуфт дар хобам ба **нохуи синаи худ реш соз,**
Ҳар чӣ созад ҳукм, андар зери **фармонем мо.**

**Бо чаҳони ҳусн,** эй Макнуна, бе **нисбат наем,**
Чун каманди зулфаш аз ошуфтаҳолонем **мо.**

## 18

Ба ёди боғи рўяш булбули рангам париданҳо(?)
Садои нолааш дорад ба гўши ҷон шуниданҳо.

Ҷафои ҳаҷр мушкил шуд ба дўши нотавони ман,
Ба мўр осон набошад бори гардунро кашиданҳо.

Нагардад бо хаёл аз боғи васлаш мевае ҳосил,
Чӣ ҳаз аз бўи гул боди саборо аз давиданҳо.

Ниқоб афканда бар рух ёри мо аз пардаи ҳиҷрон,
Набошад дастрас аз гулшанаш авроқ чиданҳо.

Зи ҳаҷри шоҳ шуд андар дилам девонагӣ ғолиб,
Ҳамехоҳад ҷунунам пардаро аз рў дариданҳо.

Ба нозе аз фироқи шаҳриёре кард Макнуна
Дўкони сина мамлу аз матои доғ чиданҳо.

## 19

Танам афсурда шуд аз ишқи ёру кард ҷон ғавғо,
Чу он мурғе, ки орад аз шикасти ошьён ғавғо.

Хиромон рафт ёру ҷону дил ҳам рафт бо нола,
Ба ҳангоми сафар созанд аҳли корвон ғавғо.

Зи чашмам он парӣ рафту надидам ҳеҷ осораш,
Намеорам чаро, аз ҳаҷри ёри бенишон ғавғо?

Зи дарди оташи ҳиҷрони ӯ ҷамъест раъдосо,
Ҷаҳон пур шуд зи конуни замин то осмон ғавғо.

Чу миҷгон ашк резон сина чоку дуди оҳи дил,
Ба рӯи сафҳа созад хомаи мушкинфишон ғавғо.

Нагардад дар ҳарими васли мо оҳу фиғон ҳосил,
Макун, Макнуна, аз дарди фироқаш ройгон ғавғо.

## 20

Чунки дар дил ишқи ёри бенишон дорем мо,
Ҳамчу ахгар оташе дар тан ниҳон дорем мо.

Чатри шоҳиро чӣ меҷӯяд дили Маҷнуни мо?
Чунки аз мӯи сари худ соябон дорем мо.

Ҳеҷ кас ҳаргиз напардозад ба ҳоли зори дил,
Ҳар саҳар аз дард фарьёду фиғон дорем мо.

Нест ҳамчун шамъ кору бори мо ҷуз сӯхтан,
Оташи ишқе ба мағзи устухон дорем мо.

Ҳосили ҷон — дарди ӯ, сармояи дил нола аст,
Ҳамчу булбул бар сари хас ошьён дорем мо.

Ёри мо бо кишвари мулки дигар карда сафар,
Дар паи ӯ аз дилу ҷон корвон дорем мо.

Ҳодисоти ғам агар, Макнуна, ангезад ҳуҷум,
Аз хати согар ба каф ҳифзуламон дорем мо.

## 21

Рӯҳи фидок, эй ба фидои ту ҷони мо,
Ҳар субҳу шом зикри ту вирди забони мо.

Миръоти рӯнамои қабули ту то набуд,
Пайдо набуд сурати ному нишони мо.

Аз шавқи он, ки номи туаш бар забон гузашт,
Шуд чок синаи қалами имтиҳони мо.

Дур аз ту ҳамчу барги гул аз ғунча сар кашид
Аз чоки сина шӯълаи сӯзи ниҳони мо.

Ҳар сӯ ба меҳри рӯи ту парвоз мекунад
Чун зарра дар ҳаво дили бехонумони мо.

Макнуна, мову наъти камоли Расули ҳақ,
Вирди дигар мабод ҷуз ин дар забони мо.

## 22

Баъди шаби ғам расид аз раҳи сидқу сафо
Қосиди анфоси субҳ, пайки насими сабо.

Қосиди фархундадам аз раҳи гулзори васл,
Пайки муборакқадам аз сари кӯи ризо.

Обилаи пои ӯ мардуми чашми малак,
Фарқи фалаксои ӯ ғарқи ғубори вафо.

Накҳати пайғоми ин қосиди оҳуи Чин,
Нофаи мактуби ӯ пайки ғизоли Хито.

Қатразанон чун саҳоб, барқсифат дар шитоб,
Поку равон ҳамчу об, гарму сабук чун ҳаво.

Сарвари фархундахӯ он ки ба таърифи ӯ.
Матлаи дигар навишт хомаи дастонсаро.

## 23

Шукр, ки боз омадӣ бо кафи корозмо,
Ҳусни амал пеш-пеш, номи накӯ аз қафо.

Хизри ту зоти аҳад дар раҳи хавфу хазон,
Рӯҳи бузургон мадад дар дами ранҷу ано.

Ҳамчу чароғи лаҳад хоки сиёҳам ба сар,
Хеш ба кунҷе зада сӯхтаи бенаво.

Каъба ба дасти рақиб, қибла тариқи ғариб,
Аҷри ҷазилам ҳадар, саъйи ҷамилам ҳабо.

Ғамзада Макнунаро нест тариқи наҷот,
Гар нашавад аз карам роҳнамо Мустафо.

## 24

Зи ҳаҷри қоматат бардоштам оҳу фиғон имшаб,
Ба барги шохсори сарв бастам ошьён имшаб.

Шарори барқи оҳам шӯълаи найрангҳо дорад,
Шаҳобосо зи гардун мекунад оташфишон имшаб.

Дили ман бо тапидан мекунад сад фитнаро бедор,
Фиганд аз нолаи ҷонсӯз шӯр андар ҷаҳон имшаб.

Шавӣ хокистари мулки адам, эй муддаӣ, зинҳор
Масозӣ оташи ишқи диламро имтиҳон имшаб.

Зи хавфи ғарқ гардидан ҳазар созед, эй ёрон,
Сиришки чашми хунолуди худ кардам равон
имшаб.

Ба ҷуз хуни ҷигар набвад ба пешаш тӯҳфаи лоиқ,
Ғами ӯ бо дили танги ман омад меҳмон имшаб.

Нашуд, Макнуна, ҳосил дидани дилдори
шабгардам,
Зи ашк арчанд шамъ афрӯхтам то Каҳкашон
имшаб.

## 25

Вақти ҷавлон қомати дилдор дорад печутоб,
Чун ниҳол аз бод дар гулзор дорад печутоб.

Чун парешон гашт атромез зулфи ӯ, зи рашк
Торҳои риштаи зуннор дорад печутоб.

Дар машоми ҷон фуруд омад шамими кокулаш,
Ҳамчу дуд аз табъи дил гуфтор дорад печутоб.

Кард чун товус сарви ӯ ба ҳар ҷониб хиром,
Чун садо бо ҳар тараф кӯҳсор дорад печутоб.

Ғайрро афтод чун бо ноз чашми наргисаш,
Оташи рашки дили бемор дорад печутоб.

Ёр мастона ба қатли ошиқон омад бурун,
Зоҳидон чун печиши дастор дорад печутоб.

## 26

Ба ҷони ман мижа бо абрувон бувад қуллоб,
Ба моҳӣ тир зи шасти камон бувад қуллоб.

Ба сайди тоири иқбол дар ҳадиқаи даҳр,
Каманди аҷзи дили нотавон бувад қуллоб.

Ба дасти саъй наёяд таноби мурғи висол,
Агарчи моҳи нави осмон бувад қуллоб.

Ба тавфи бандагии саҷдаи итоати ман
Ғубори хоки раҳи остон бувад қуллоб.

Чу мева дори тавозӯъ ниҳоли қомати хам
Ба мурғи хотири аҳли замон бувад қуллоб.

Ба хони марҳамат афтодагони муфлисро
Салои лутфи шаҳи комрон бувад қуллоб.

Зи шасти аҷз чу Макнуна сар намепечад
Ба гардане, ки бувад кокули бутон қуллоб.

## 27

Карда наққоши азал ҳусни рухат чун офтоб,
Риштаи анвори меҳрат аз рухи дилҳо матоб.

Баҳри дидорат асирон нақди ҷонро бохта,
То туро маълум хоҳад гашт дар рӯзи ҳисоб.

Кош аз лаъли зулоломези ту обе чакад,
К-ин дили афгор шуд аз оташи ҳиҷрон кабоб.

Солҳо дар дашти ҳиҷрон кардаӣ овораҳо,
Мекушӣ бо теғи мижгон, боз месозӣ итоб.

З-ин гулистони ҷаҳон чун гул қадам берун задӣ,
Ҳамчу шабнам монда нақши дидаҳои мо пуроб,

Бар саманди ноз ҷавлон карда ояд шаҳсавор,
Бо ду пояш ҳарду чашми хешро созам рикоб.

Аз дили Макнуна ҷуз расми вафо дигар маҷӯй,
Чунки иқлими муҳаббатро набошад инқилоб.

## 28

Дар соғари саҳбо набувад мавҷи маи ноб,
Аз партави ҳусни ту дили оина шуд об.

Қуллоби сари зулфи ту шуд доми раҳи дил,
Афтода маро моҳии дил дар хами қуллоб,

Кай мешунавад гӯши ту афсонаи ошиқ,
Чашмони сияҳмасти туро бурда шакархоб.

То қибланамо гашт ҷамоли ту ба зоҳид,
Ҳам гашта ба таъзими ду абрӯи ту меҳроб.

Моро ба дари пири муғон бурда хаёлат,
Э вой, ки мо бо ту чӣ гӯем дар ин боб.

Шуд фикри ту ғаввос ба дарьёи маонӣ,
Дурҳои каломи ту бувад гавҳари ноёб.

Магзор, агар домани фурсат ба каф ояд,
Макнуна, бувад ҷинси вафо — наъти ту дарьёб.

## 29

Аз фикри он қад в-аз ёди он лаб
Доранд афғон тифлони мактаб.

Дар авҷи давлат аз бурҷи шоҳӣ
Гардида толеъ фархунда кавкаб.

Шуд ҷому мино сармояи мо,
Мо ошиқонем, ин аст машраб.

Ҷоно ба зоҳир мо аз ту дурем,
Ҳастӣ ту наздик аз нахлу[1] Ақраб[2]

Зулфи сиёҳат, рӯи чу моҳат
Шуд дастгоҳат аз рӯз то шаб.

Бе моҳи рӯят дар қайди ҳиҷрон
То чанд дорам дилро муаззаб.

Аз шавқи ҷонон дар пеши ағёр,
Зинҳор макшой, Макнунаё, лаб.

---

[1] *Нахл* — киноя аз моҳи нав.
[2] *Ақраб* — номи бурҷи ҳаштӯм аз 12 бурҷи фалак.

## 30

Баски дар дарьёи ҳастӣ нест об,
Ғарқаи вахмем дар баҳри сароб.

Мекашам чун субҳ шабҳо интизор,
То бурун ояд зи машриқ офтоб.

Аз гулоби шиша кардам имтиёз,
Гул шуда аз шарми дидори ту об.

Сархушам ҳар дам зи хуноби ҷигар,
Ғайр пиндорад, ки менӯшам шароб.

Нашъаи ҷоми муҳаббат дигар аст,
Мастии саҳбо бувад по дар рикоб.

То шудам дар баҳри ҳиҷрон нохудо,
Киштии ман вожгун шуд чун ҳубоб.

Хобро дурӣ мабод аз наргисат,
Варна хоҳад кард оламро хароб.

То гилу соғар ба каф ояд маро,
Аз дари майхона ҷустам фатҳи боб.

Кардаам, Макнуна, рангин дафтаре,
Метавон гул чид аз ҳусни китоб.

## 31

Айш кун, васли ёр дар гузар аст,
Бода паймо, баҳор дар гузар аст.

Кори худро ба вақт бояд кард,
Фурсати рӯзгор дар гузар аст.

Сабр кун, то фараҳ ба даст ояд,
Печутоби хумор дар гузар аст.

Муждаи васл мерасад, инак,
Навбати интизор дар гузар аст.

Эй фалак, бар шукӯҳи хеш маноз,
Ин ҳама гирудор дар гузар аст.

Такья натвон ба фурсати ҳастӣ,
Ҳамчу боди баҳор дар гузар аст.

Даҳр оина аст, Макнуна,
Ҳар кӣ гардад дучор, дар гузар аст.

## 32

Шоҳиди ин анҷуман талъати зебои кист?
Нуқли маям дар назар лаъли шакархои кист?

Ҳайрати оинаам аз рухи маҳталъатест,
Оҳи шарархези ман аз қади болои кист?

Бар рухи меҳмони худ хона сафо медиҳам,
Нестам огаҳ, вале хонаи дил ҷои кист?

Шоми сияҳ шамъсон оташи ҳасрат ба ҷон,
Сӯхта Маҷнуни ман аз ғами Лайлои кист?

Ишқ ба ҷону ҷаҳон тобу таб андохта,
Варна дар ин анҷуман ин ҳама ғавғои кист?

Хоки раҳам дар назар, дар қадами кистам,
К-ин сари савдоиям зери кафи пои кист?

Гар накунад чашми ту ғорати сабру хирад,
Бурда зи каф нақди дил наргиси шаҳлои кист?

Гар набувад зулфи ӯ силсилаи гарданам,
Ҳалқаи занҷири ман зулфи сумансои кист?

Як нафас андешаи ғайр нағунҷад дар ӯ,
Хотири Макнунаат манзилу маъвои кист?

## 33

То гаштам асири турраҳоят,
Афтода сарам ба зери поят,

Биншин ба назораи тамошо,
Дар манзари чашми мост ҷоят.

Оҳу сари худ зада ба саҳро
Аз сунбули зулфи мушксоят.

Бо ин ҳама нур моҳу хуршед
Саргашта, чу зарра, дар ҳавоят.

Имрӯз ба мулки фақр, эй шоҳ,
Зад навбати салтанат гадоят.

Чун оби равон вафо надорӣ,
Шустем ду даст аз вафоят.

Бо матлаби худ расид ҳар кас
Аз файзи дари ҳарамсароят.

Макнуна зи офият чӣ хоҳад,
Дар доми фироқ мубталоят?

## 34

Боз о, ки месӯзад дилам чун шамъи базм аз рафтанат,
Мушкил бувад чун бӯи гул аз хона бозоварданат.

Дар ишқ сар то пои худ чун шамъ бояд сӯхтан,
То андаке соқит шавад ҳаққи вафо аз гарданат.

Дилро ба ҳиҷрон сӯхтӣ дур аз висоли хештан,
Фардо, ки гардад моҷаро, дасти ман асту доманат.

Субҳ аз кадомин анҷуман масти маи ноб омадӣ?
Бӯи шароб ояд ҳаме аз накҳати пероҳанат.

Магзор дар боғи ҷаҳон доман ба дасти хору хас,
К-аз пардаҳои барги гул сад бор нозуктар танат!

Аз наргисат бодомро гул карда ҳайрат дар назар,
Оҳу нигоҳ омӯхта аз чашми шӯхи пурфанат.

Эй гавҳари яктои ман, аз баҳру кони кистӣ?
На дар Яман пайдо бувад, на дар Бадахшон маъданат.

Дар хонаи торики дил, эй ҷон, сабурӣ пеша кун,
Шояд, ки партав афканад хуршеду моҳ аз равзанат.

Лаъли хамӯшат дар сухан хуни малоҳат рехтан
Найрангу айёрӣ бувад Макнунаро дил бурданат.

## 35

Сӯзам ҳама шаб бе рухат, аҳволи ман ин аст,
Хун гирья кунад чашму дилам, ҳоли ман ин аст.

Дар дил набувад ғайри хаёли сари зулфат,
Тӯли амали риштаи омоли ман ин аст.

Ранге, ки ба рухсор нӯмӯ буд, шикастам,
То сӯи ту парвоз кунам, боли ман ин аст.

Ғайр аз руху зулфи ту шабу рӯз надонам,
Дар олами андеша маҳу соли ман ин аст.

Субҳи ту ҳумоюн буваду шоми ту фаррух,
Аз қоидаи рамли вафо фоли ман ин аст,

Берун равад аз дил гираҳи риштаи оҳам,
Саргашта ба сони қаламам, ноли ман ин аст.

Кай аз дили Макнуна шавад доғи ту зоил,
Дар ишқи ту таб дораму табхоли ман ин аст.

## 36

Оина доғ аз ғами по ба замин ниҳоданат,
Карда хамӯш ғунчаро лаб ба сухан кушоданат.

Бурда қарору ҳушро, рехта хуни ашки ман,
Омадану гузаштану рафтану истоданат.

Баҳри ҳалоки ошиқон расми париваштон бувад
Сабру қарор бурдану ваъдаи васл доданат.

Нафси дағал, ту кистӣ, к-ин ҳамаро ҳалаф шудӣ,
Модари даҳр мекашад ғусса зи ранҷи зоданат.

Субҳ ба базми майкашон маншаи инбисот шуд,
Пеши сабӯ, чу ҷоми май дар қадам уфтоданат.

Эй шаҳи маснади вафо, карда ғулом халқро.
Бандаи хеш кардану доғ ба дил ниҳоданат.

Ғолиясой мекунад хотири Мак(а)нунаро,
Ғунчасифат ба бӯи гул банди қабо кушоданат.

## 37

Кор дигар, лофи ҷуръат дигар аст,
Мардро осори ҳиммат дигар аст,

Тоҷу тахту боргоҳу қаср нест,
Шоҳро асбоби давлат дигар аст.

То кунад арзи шукӯҳи карру фар,
Подшоҳиро аломат дигар аст.

Дар миёни ҷумлаи гарданкашон,
Рутбаи аҳли каромат дигар аст.

Шӯру ғавғои ҷунуни ман дигар,
Ғулғули рӯзи қиёмат дигар аст.

Нағмаи мутриб намеояд ба кор,
Лаззати оҳу надомат дигар аст.

Шӯъла зад теғи забон Макнунаро,
Ҷавҳари шамшери ғайрат дигар аст.

## 38

Фасли баҳор лолаву райҳон ғанимат аст,
Бо булбулон ҳавои гулистон ғанимат аст.

Ҷонро нигоҳ дор, дар ин анҷуман ба ноз,
Як чанд рӯз сӯҳбати ҷонон ғанимат аст.

Чун барқу бод мегузарад фурсати висол,
Бо ошиқон карашмаи хубон ғанимат аст.

То тӯтиёи чашми ҷаҳонбин шавад туро,
Биншин, ғубори даргаҳи султон ғанимат аст.

Аз дайру каъба мешунавам равнақу сафо,
Ислому куфру габру мусулмон ғанимат аст.

Соқӣ, ба дафъи ҳодиса дар базми рӯзгор
Ҷоме ба гардиш ор, ки даврон ғанимат аст.

Макнуна, забти ашк макун дар ҳарими васл,
К-имшаб ба базми ҷилва чароғон ғанимат аст.

## 39

Чанд рӯз аст, ки маҳрум шудам аз назарат,
Аҳд кардам, ки дигар дур нагардам зи дарат.

То абад шамъи ҷамоли ту мунаввар бодо!
Боли парвона шавам, чарх занам гирди сарат!

Ҳомии халқи ҷаҳон бош, ки хайёти қазо,
Дӯхта рӯзи азал хилъати шоҳӣ ба барат.

Саъй фармо, ки барояд ба накӯӣ номат,
То бувад номи накӯ, ҳаст ба олам асарат.

Шаккари хони атои ту саломат бошад,
Медавад халқ магасвор барои шакарат.

Эй дили хаста, ҷаро аз дари шаҳ дур шудӣ?
Меравад хуни ҷигар шамъсифат аз назарат.

Назми Макнуна чунон иқди сурайёст ба чарх,
Муштарӣ гашт харидори ҳумоюнгуҳарат.

## 40

То хай аз рухсори он гулпираҳан гул карду рехт,
Хуни ҳасрат аз раги мижгони ман гул карду рехт.

Лола рангин шуд зи домонаш ба ҳангоми хиром,
Тозаруӣ бар рухи гул дар чаман гул карду рехт.

Боғбони сунъ об аз ҷӯйбори лутф дод,
То зи нахли қоматаш себи зақан гул карду рехт.

Сурмагун чашмаш ба осори ҳаё то об шуд,
Шӯхии чашми ғизолони Хутан гул карду рехт.

То ба ҳарф омад даҳони ғунчааш сӯи рақиб,
Дил ба ҷон омад зи рашкам аз даҳан гул карду рехт.

Дидам он Лайлӣ-насаб, Маҷнунниям шуд ошкор,
Сурати Ширин зи ёди Кӯҳкан гул карду рехт.

Нест ғам, Макнуна, аз мурдан, валекин меҳри ӯ,
Чашм то бастам, ба домони кафан гул карду рехт.

## 41

Хатти мушкин гулшани ҳусни туро танҳо гирифт,
Зулф то шероза бандад, дафтари дилҳо гирифт.

Зери гардун як дили холӣ надидам аз тараб,
Субҳ хандон гашт, соқӣ бода аз мино гирифт.

Аз ҳадиси қоматат ҳар кас сухан огоз кард,
Сарв аз хиҷлат саропо хилъати савдо гирифт.

Гавҳари мақсуд ҳосил аз суроғи каъба нест,
Эҳтиёҷи хеш бояд аз дари дилҳо гирифт.

Муддате дил дар бари ман буд, дид он моҳро,
Кард ваҳшат аз ману дар кӯи ӯ маъво гирифт.

Доғ шуд булбул, димоғи нағмасозиҳо намонд,
Боғбон хори сари деворро беҷо гирифт.

Даст кӯтаҳ сохтам, Макнуна, аз саъйи ҷаҳон.
Пои хоболудаам домони истиғно гирифт.

## 42

Дили фусурдаам, аз файзи рӯзгор чӣ миннат,
Ба ғунчаи гули тасвир аз баҳор чӣ миннат.

Ба доғи синаи худ хӯйкардагони туро,
Зи сайри гулшану аз гашти лолазор чӣ миннат.

Ба чорсӯи раҳаш об зад гудози дили ман,
Кунун зи рехтани ашки шашқатор чӣ миннат.

Бас аст оташи ишқат чароғи хонаи қабрам,
Зи рӯшноии шамъи сари мазор чӣ миннат.

Ба ҳасрати лабу дандонат он қадар шодам,
Зи мавҷи гавҳару аз лаъли обдор чӣ миннат.

Хушам ба мастии гирди сари ту гардидан,
Зи нашъабахшии ҷому гули баҳор чӣ миннат.

Сиёҳмасти ғамам, субҳу шоми ман яксон,
Зи имтиёзи маҳу соли бемадор чӣ миннат.

Сафед гашта ду чашмам зи гиръя дар ғами ҳиҷрат,
Кунун хиром кунию шавӣ дучор, чӣ миннат.

Ба ғурбатам чу ватан роҳате бувад, акнун
Зи нолаҳои дили зору беқарор чӣ миннат.

Ба сад забон зи қафо шиква мӯ ба мӯ дорӣ,
Ту шонаӣ, ба сари зулфи тор-тор чӣ миннат.

Бас аст он лаби майгун ба базмам, эй соқӣ,
Маро зи бодаи минои хушгувор чӣ миннат.

Ба матлабе нарасидем, ваҳ, ки об шудем,
Кунун агар бидамад субҳи васли ёр чӣ миннат.

Тиҳист соғари Макнуна чун ҳубоб, ки гӯяд
Ба рӯи баҳраму лабташна дар канор чӣ миннат.

## 43

Даме ки мутриби мо дошт бар дутор ангушт,
Баланд номи ту аз парда хонд чор ангушт.

Ба маҷлисе, ки ба ҷуз зикри номи ӯ бошад,
Ба ҷои пунба ба гӯши хирад гузор ангушт.

Ба худсарони ҷаҳон обрӯи маърака нест,
Ба иттифоқ кунад кори зулфиқор ангушт.

Зи файзи бахшиши ангушт мушт муттаҳам аст,
Зи чини абрӯи мушт аст шармсор ангушт.

Сиёҳноматар аз худ касе намебинам,
Маро задаст бар ангушти рӯзгор ангушт.

Ба зулфи ёр, дило, пур мапеч, ранҷа машав,
Набоядат, ки расонӣ ба неши мор ангушт.

Ҷаве зи хирмани гардун ба мӯри мо нарасид,
Задаст бар даҳани худ фалак чаҳор ангушт.

Ба даври ишқ зи Макнуна дастгоҳ маҷӯ,
Ҳар он чӣ дошт, зи каф монд ёдгор ангушт.

## 44

Ба дасти ҳиммат агар оядат ба кор ангушт,
Манеҳ ба хони касон рафта зинҳор ангушт.

Матоб рух зи дари аҳли дард дар ҳар боб,
Агар ба фарқи ту бинпіаст теғ чор ангушт.

Мударрисест, ки дарси нифоқат омӯзад,
Агар ту толибӣ ҳангомӣ корзор ангушт.

Ҷуз остони ту ҷое намекашад поям,
Кашандам ар зи ямину гар аз ясор ангушт.

Ба ҳашр дасти ғубори ман асту домани ту,
Чу баҳла [1] аст агар имрӯз бемадор ангушт.

Ба чарх шуд зи таҷаррyд, вале наёфт Масеҳ,
Чу дасти фитрати Макнуна пойдор ангушт.

---

[1] *Баҳла* — дасткаш, дасткаши чармие, ки шикориён бо он бозу бошаро ба даст мегиранд.

## 45

Рухаш бо акси хуршед аст миръот,
Парешон ҳоли дилҳо ҳамчу заррот.

Аз он рӯзе, ки гардидам ҷудой,
Ба дарду ғам гузашта ҷумла авқот.

Намедонам куҷо буду куҷо рафт,
Зи чашмам чун парӣ пинҳон шуд он зот.

Ба ғам андози шатранҷи муҳаббат,
Дили ман бо рухи ӯ гашта шаҳмот.

Раҳой ҳамчу ман аз доми зулфаш
Куҷо ёбад касе, ҳайҳот-ҳайҳот!

Ба дил дорам висолаш орзуҳо,
Агар бошад муяссар ин муҳиммот.

Машав, Макнуна, ғофил дар баҳоре,
Ки ҳар рангаш ба ирфон гашта оёт.

## 46

Гирьяи беқарор пайдо нест,
Намаки рӯзгор пайдо нест.

Дида оинахонаи ду чаҳон,
Ҳеч кас ғайри ёр пайдо нест.

Баски дар дил гудохтем нафас,
Хоки моро ғубор пайдо нест.

Муншии[46] ноқисе ки мегӯянд,
Ки ниҳон ошкор пайдо нест.

Дуди оҳе, ки ҳаст домангир,
Шӯъла шабҳои тор пайдо нест.

Ҳайратам сад чаман шукуфту ҳанӯз
Асар аз навбаҳор пайдо нест.

Чӣ биҳишт аст олами машраб,
Хоре аз эътибор пайдо нест!

Эътидоли ҳавои дил моро
Ҳама гул карду хор пайдо нест.

Соз бар машқи шеъри Макнуна,
Ғайри ӯ ёдгор пайдо нест.

47

Гулшан зи ҷилваи ту парихона гаштааст,
Бӯи гул аз ҳавои ту девона гаштааст.

Улфат ба чашми масти ту бисьёр мушкил аст,
Бадхӯй ошно, ки ба бегона гаштааст,

Ободии ду кавн ғуборест дар раҳаш,
Ҳар дил, ки як саросари вайрона гаштааст.

Шамъ аз рухат ба сар зада гулдастаи фурӯғ,
Рашкам ниқоби булбулу парвона гаштааст.

Дар ёди рӯи моҳрухею париваше,
Макнуна муддатест, ки девона гаштааст.

## 48

Дилам бо сӯзи пинҳонӣ саре дошт,
Ки чун гардун кафи хокистаре дошт.

Хаёлаш ҳам маро дар парда месӯхт,
Агар бо худ гумони соғаре дошт.

Дили мо даъвии эъҷоз мекард,
Агар девонагӣ пайғамбаре дошт.

Нашуд сайди парешонихтилотӣ,
Ҷунун дар кишвари мо лангаре дошт.

Ғуборам умрҳо парвоз мекард,
Чу дур афтодагӣ болу паре дошт.

Биҷӯ нури вафо, Макнуна, чун шамъ,
Тиҳӣ по бурд худ, ҳар кас саре дошт.

## 49

Ҳарчанд биҳишт дилнишин аст,
Дар кӯи ту як гили камин аст.

Чун шукри шикасти дил нагӯям?
Сад ганҷ ба рӯи ин замин аст.

Ишқи ту баҳори як чаман нест,
Шавқам ба ҳазор ҷо раҳин аст,

Шармандаи миннати кӣ бошам,
Чашми ту карашмаофарин аст.

Аз сайқали ашки покбинон
Оинаи осмон замин аст.

Омезиши ком бо муҳаббат,
Куфрест, ки дар либоси дин аст.

Ҷуз дар раҳи оҷизӣ мазан гом,
Макнуна, раҳи камол ин аст.

## 50

Ҳарфи шавқат мухтасар хоҳам навишт,
Бештар аз бештар хоҳам навишт.

Қосиди ҷон мекунам сӯяш равон.
Номаи бе дарди сар хоҳам навишт.

Шукри васлу шикваи ҳиҷрон равост,
Ҳардуро бо як дигар хоҳам навишт.

Шуд зи навмедӣ дуо мӯҳтоҷтар,
Бар бароти беасар хоҳам навишт.

Хондаам шарҳи ишороти нигоҳ,
Васфи лаълаш мухтасар хоҳам навишт.

Мезанад ҷӯш аз дилам мавҷи шикаст,
Аз хати дилбар агар хоҳам навишт *.

## 51

Дилбари худкоми ман тарфи кулаҳ баршикаст,
Ҷилва дар оина кард, қадри маҳ аз сар шикаст.

Ҷавҳари аслӣ чу дошт, рӯй зи оина тофт,
Зевари хубӣ гузошт, хубии зевар шикаст.

Лаъли хушобаш бидошт, донаи якдил гузошт,
Ташнаи он ҷавҳарам, к-ин ҳама ҷавҳар шикаст.

Сунбулаш аз гул дамид, кокули нав қад кашид,
Шаҳпари товус рехт, балки саросар шикаст.

То хати сабзу рух аз ҳалқаи кокул намуд,
Ҳарду ба ҳам чун расид, қимати анбар шикаст.

Мастии лаълаш дарид ҷома бар андоми ҳур,
Ҷоми шароби таҳур бар лаби кавсар шикаст.

З-он лабу рухсора дӯш дошт дил асбоби айш,
Даст заду шамъ кушт, по заду соғар шикаст.

Оҳ, ки нахли қадаш мева ба ағьёр дод,
Чӯби ҷафо ҳар чӣ дошт дар мани абгар шикаст.

Хотири Макнунаро кард парешон зи ғам,
Чун бути гулфоми ӯ зулфи муанбар шикаст.

Эй, ки гӯи чарх саргардони чавгони шумост,
Гардани гарданкашон дар тавқи фармони шумост.

Эй, ки ақли солхӯрда ҳамчу тифли хурдсол
Лавҳ бар каф, абҷадомӯзи дабистони шумост.

Хур кӣ бошад, аз фурӯғаш машъали маҳ партаве,
Як фурӯғ аз партави шамъи шабистони шумост.

Дида то нури шумо дида зи мишкоти [1] азал,
Бозмонда дидаи хуршед ҳайрони шумост.

Рашҳаи [2] ҷоми шумо шуд чашмаи оби Хизир,
Базли Ҳотам қитъае аз сурфаи хони шумост.

Бандаи бечора то ҷон дар бадан дорад агар,
Аз сари ихлос маддоҳу санохони шумост.

Баҳри дарди ҷонгудозаш фикри дармоне кунед,
К-аз ҳама олам умеди ӯ ба дармони шумост.

Эй сагони кӯи ӯ, Макнунаро раҳме кунед,
Дар ҷаҳони аҷз аз уммедворони шумост.

---

[1] *Мишкот* — чароғмонак.
[2] *Рашҳа* — қатра.

## 53

Гашта оина бе қарори хатат,
Шуда тӯтӣ магар шикори хатат.

Низ машқи дили шикаста навис,
Мекашидем интизори хатат.

Метавон шарҳ кард гулшани роз
Аз тамошои навбаҳори хатат.

Ҳар кӣ рӯзаш сиёҳ шавад, бинад,
Сари хуршед аз канори хатат.

Кард доман пур аз гули шаббӯ,
Субҳи оина шуд дучори хатат.

Бурда якбора ақлу ҳуш аз ман
Рангу бӯи бунафшазори хатат.

Орзӯи дигар намонда маро,
Дилу ҷон мекунам нисори хатат.

Дили Макнуна сафҳаи чаман аст,
Аз тамошои сабзазори хатат.

## 54

Пеши сомони сиришкам мояи дарьё кам аст,
Баҳри туғьёни ҷунунам вусъати саҳро кам аст.

Ҳар чӣ бинӣ, партаве аз ҳусни оламгири ӯст,
Ҷилва бисьёр аст, аммо дидаи бино кам аст.

Гар шаробат кам диҳад соқӣ, гуноҳи зарфи туст,
В-арна дар майхонаи тавфиқ кай саҳбо кам аст!

Хонабардӯшӣ намедонад чу ошиқ гирдбод,
Ҳарзагарде ҳамчу ӯ дар домани саҳро кам аст.

Аз ғубори ҳайрати Мақнуна доман мекашад,
Ҷилвапардозе чу ӯ дар мулки истиғно кам аст.

## 55

Ҳар дил, ки зи ишқи ёр гарм аст,
То ҳашр аз он шарор гарм аст.

Дар роҳи фиреби ваъдаи ӯ
Ҳангомаи интизор гарм аст.

Аз синаи гарми ишқбозон
Пушти хами рӯзгор гарм аст.

Дар хонаи зин даромад он шоҳ,
Дар маърака гирудор гарм аст,

Дилсӯхтаи ҷафои ӯро,
Гар хок шавад, ғубор гарм аст.

Беҳушаму чун расам ба соқӣ,
Гӯям сарам аз хумор гарм аст.

Чун шамъ шаҳиди ишқи ӯро
То лавҳи сари мазор гарм аст.

Бемори муҳаббати бутонро
Хун дар раги беқарор гарм аст.

Макнуна, матои ҳуш бардор,
Бозори ҷунуни ёр гарм аст.

## 56

Ҳусн оташу дил самандари ӯст,
Ишқ офату дард лашкари ӯст.

Ишқ аст муҳиту сабр — лангар,
Тӯфон — ғаму дил — шиновари ӯст.

Дил — гулшани дарду боғбон — ишқ,
Ғам — тубии соягустари ӯст.

Қуфли дили зангбастаи ман
Дар банди калиди ханҷари ӯст.

Дар дил гузарад чу азми сайдаш,
Хуршед шикори лоғари ӯст.

Мурғи қафаси туро назебад
Парвоз, ки хубии пари ӯст.

Макнуна сар аз раҳаш нагирад,
Нақши кафи ёр афсари ӯст.

## 57

Соқӣ, ҳамин на аз ту дили мо дар оташ аст,
Соғар ба хун нишаставу саҳбо дар оташ аст.

Равшан чароғи дида зи рӯи ту кардаем,
Бо ҳар чӣ бингарем, тамошо дар оташ аст.

Азбаски доғи хиҷлати ӯ гашта дар чаман,
Монанди шӯъла сарв саропо дар оташ аст.

Аз пои як хуманд гулу шамъ тардимоғ,
Ҳар кас ба ранги дигар аз онҷо дар оташ аст.

Ёди нигоҳи гарми ту шуд барқи хирманам,
Чун оҳи худ маро ҳама аъзо дар оташ аст.

Макнуна, дил зи шӯълаи шавқаш тиҳӣ мабод,
Монанди шамъ зиндагии мо дар оташ аст.

58

Хӯрда дил аз ҷоми лаълаш бода дар субҳи аласт,
Ин замон гардидаам аз нашъаи он бода маст.

Ҳар шабе нури хаёли орази гулранги ӯ
Шамъосо дар миёни базми ҷон дорад нишаст.

Мурғи дил бо мушксои риштаҳои кокулаш,
Дошт ҳамчун ҷони булбул бо раги гул торбаст.

Гар чашидӣ аз зулоли оби ҳайвони лабаш,
Мешудӣ зоҳид зи шавқаш чун бараҳман
майпараст.

Буд ҳамчун бӯи гул аз дидаи мардум, ниҳон,
Гаштаам бо ҷустуҷӯи васли ӯ болову паст.

Аз шамими зулфи ӯ дар нофаи тотор мушк
Гашт хун аз рашки қадраш в-аз ҳасад дорад
шикаст.

Ғайри ошуфтан набошад хотири Макнунаро,
Баски дил дар ҳалқаи зулфи парешони ту баст.

## 59

Олами оинаваш волаву ҳайрони дӯст,
Гашт ҷаҳон бисмили ханҷари мижгони дӯст,

Гаштаам афсонае, бехуду девонае,
Сӯхт чу парвонае шамъи шабистони дӯст.

Нашъа тавон ёфтан аз маи базми висол,
Чарх агар нашканад шишаи паймони дӯст.

Сӯхта болу парам, тӯдаи хокистарам,
Дод ба боди фано оташи ҳиҷрони дӯст.

Буд чу он бӯи гул дар чамани иттиҳод,
Нест зи ҳам мунфасил ҷони ману ҷони дӯст.

Мекунам аз рӯи шавқ сурмае бо чашми дил,
Кош расад заррае гард зи домони дӯст.

Тӯбию шамшод нест хотири Маҷнунаро,
Кард чу мадди назар сарви хиромони дӯст.

## 60

Боз ошӯбею шӯре дар ҷаҳон афтодааст,
Фитнае дар арсаи охирзамон афтодааст.

Оламеро чун чароғи шамъ аз ин дарди сареҳ
Сӯзи дил дар ҷону оташ дар забон афтодааст.

З-ин аломат пораи дил халқро дар оби чашм,
Ҳамчу барги лола дар оби равон афтодааст.

Он, ки умре дошт нақди тандурустӣ дар канор,
Бо тани садпора чун гул дар миён афтодааст.

В-он ки ҷисми дилпазираш ҳукми ҷони пок дошт,
Инак-инак ҳамчу мушти устухон афтодааст.

Ҳамчу шохи арғувон аз сарсари бедоди марг,
Ғарқа дар хун ҳамчу гул дар бӯстон афтодааст.

Рахна то афтод дар андомаш аз теғи аҷал,
Хокиёнро рахна дар ганҷи равон афтодааст.

Як замоне ҳамдами ӯ сӯз, эй шамъи мазор
К-аз ғамаш Макнунаро оташ ба ҷон афтодааст!

## 61

Маҳе гузашт, ки дидори ёр пайдо нест,
Насими васл аз он гулъузор пайдо нест.

Тазарви саркаши раънохиром нопайдост,
Ғизоли ваҳшии мардумшикор пайдо нест.

Ситорае, ки дар ин даврам эътибор бар ӯст,
Ба толеи мани беихтиёр пайдо нест.

Зи дил гузаштаму дасти тамаъ зи ҷон шустам,
Ки марҳами дилу ҷони фигор пайдо нест.

Ба гӯша карда маро меҳнати хазони фироқ,
Зи ҳеҷ гӯша насими баҳор пайдо нест.

Зи бас ки дар шаби ҳиҷрон гудохт чун тани зор,
Зи чоки сина дили доғдор пайдо нест.

Дар ин бало чу шавам кушта, аз кӣ хун талабанд,
Ки теғи дилбару дасти нигор пайдо нест.

Писанди хотири Макнуна нест бодаву ҷом,
Чӣ суд з-ин ҳама пайдову ёр пайдо нест.

## 62

Шаби наврӯзи ман он зулфи муанбар шудааст,
Ки ба рухсори чу рӯзи ту баробар шудааст.

Аз саводи сари зулфат, кӣ шаби ид бувад,
Рӯзи рухсори ту ҳар рӯз фузунтар шудааст.

Зинда будем зи васли ту, касеро нашуда
Он чи моро зи ту имрӯз муяссар шудааст.

Қатра дар ҳалқаи чашми мани гирьён гардад,
Пои умрам ба гил аз гардиши ахтар шудааст.

Акси рухсораи маҳ чанд тавон дид дар об?
Моҳ дар даври узори ту мукаррар шудааст.

Чашми ғамдида бувад равзанаи хонаи дил,
З-офтоби рухат ин хона мунаввар шудааст.

Исӣ аз орзуи лаъли ту гардида заиф,
Домани оҳ гирифта ба фалак бар-шудааст.

Зулфи мушкини ту бар чеҳра бувад фитнаи шаҳр,
Хатти сабзат сababи фитнаи дигар шудааст.

Дилбарон гарчи фузунанд зи анҷум, лекин
Мулки хубӣ, маҳи ман, бар ту муқаррар шудааст.

Аз фурӯғи маҳу хуршед наёбад сайқал,
Хотири ҳар кӣ чу Макнуна мукаддар шудааст.

## 63

Сабо гузар чу бар он зулфи тобдор андохт,
Гиреҳ ба риштаи ҷонҳои беқарор андохт.

Сиришки дида дар айёми ҳаҷр ҳар гӯша
Басе давид, ки худро ба кӯи ёр андохт.

Шуд аз хаёли қадаш чашми ман сияҳ, гӯё
Ки сарв соя бар атрофи ҷӯйбор андохт.

Намонд сабру нашуд номаи фироқ тамом,
Ки меҳнаташ дилу дасти маро зи кор андохт.

Ба боғ акси гул андохт хешро дар об,
Ки барқи ҳусни ту оташ ба рӯзгор андохт.

Давид ҷонибн кӯҳи фано ғизолаи сабр,
Ки ғамзаи ту ба саҳрои дил шикор андохт.

Чунон накӯст узорат, ки шомгаҳ хуршед,
Зи рашки рӯи ту худро аз ин ҳисор андохт.

Дилам зи хори ғамат чун раҳад ки субҳи азал
Гули узори ту дар сина хор-хор андохт.

Сипеҳри олами дардам, ки тири ҳаҷр маро,
Ҳазор равзана дар синаи фигор андохт.

Чамантирозии Макнунаро тамошо кун,
Ки ашки сурх ба ёди ту шашқатор андохт.

64

То дида бар рухи ту хат аз мушки ноб ёфт,
Хатте зи соя бар тарафи офтоб ёфт.

Чон аз хаёли оташи лаъли ту дидааст
Он манфиат, ки Хизр-паямбар зи об ёфт.

Дар гардани шитоби ғизоли гурезпой,
Дил аз хаёли зулфи ту мушкин таноб ёфт.

Шуд рӯзи мо бадал ба шаб, эй моҳ, то туро
Барги суман зи турраи сунбул ниқоб ёфт.

Рухсори гул зи шарми узори ту гашта сурх,
Чаъди бунафша аз сари зулфи ту тоб ёфт.

Даврон ниҳод ганчи хаёли ту дар дилам,
К-ӯро ба кунчи майкадаи ғам хароб ёфт.

Макнуна, кори бастаи ӯро кушод нест,
Аз зулфи ёр ҳар кӣ ба дил печутоб ёфт.

## 65

Захми чашме то надонад рамзи аҳволи лабат,
Дафъ-оин шуд сипанди донаи холи лабат.

Аз зулолаш чашмаи ҳайвон хиҷолат мекашад,
Шаккари Мисрӣ чу замзам зеру помоли лабат.

Бо тамошо мекунад наззора парвин аз фалак,
Ҳамчу гавҳар мавҷ мезад нури табхоли лабат.

Чун нигаҳ аз чашм берун н-ояд аз гулзори ҳусн,
Гар кунад парвоз аз хаттат пару боли лабат.

Дар алам-ободи ҳиҷрон моҳу солам чун шавад?
Қуръа афканда зи холи нуқта раммоли лабат.

Дар хазонободи ҳиҷрон нолаи Мақнунаро
Обрӯи сурхрӯӣ дода иқболи лабат.

## 66

Афсус, ки аз гулшани васлат асаре нест,
Касро зи саропардаи анқо хабаре нест.

Азбаски баланд аст мақоми ту, чу хуршед,
Ҷуз нолаи дилсӯз маро болу паре нест.

Пеши назарам зинати олам ҳама маҳв аст,
Дар гулшани ҷон ҷуз рухи ту ҷилвагаре нест.

Хун хӯрда дил аз ишқи ҷаҳонсӯзи ту чандон,
Дар меҳнати ҳиҷрон дили моро ҷигаре нест.

Парварда зи ашк оҳи ғамандудаи худро
Чун сарв чи суд аст, ки ӯро самаре нест.

Ҷамҷоҳу фалакқадру ҷаҳонгир шаҳаншоҳ,
Чун ӯ ба ҷаҳон лоиқи тоҷу камаре нест.

Аз ҳаҷри рухаш ашк фурӯ рехт саҳобаш,
Ҳар чиз набошад, ки чу ман ашки таре нест.

Макнуна, ба сад нола дар оинаи имкон,
Чуз васли ту уммеду хаёли дигаре нест.

## 67

Хоксорӣ исми аъзам буд, бар дилҳо нишаст,
Санг чун шуд сурма, андар дидаи бино нишаст.

Мардумиро аз тавозӯъ мешавад қадраш баланд,
Дар бисоти ҳусн абрӯ аз ҳама боло нишаст.

Аҳли табъе ҳаст, дар зиндони ғам дидам асир,
Дар қафас тӯтӣ зи гуфтори суханоро нишаст.

Соф кун оинаосо аз кудурат синаро,
Аз ғубори дилсиёҳӣ лола дар саҳро нишаст.

Саркашӣ хоҳӣ туро хоҳад намудан поймол,
Шуд ба боло оташу охир ба зери по нишаст.

Аз лаби шаккарфишони ёр ширин нуктааш,
Бар димоғи ҷони ман чун нашъаи саҳбо нишаст.

Расму оини ғарибӣ ёд гир аз офтоб,
Субҳдам танҳо баромад, шоми ғам танҳо нишаст.

Синаи Макнуна дар кунҷи ғарибӣ сӯхта,
Оби чашмаш ҳамчу гавҳар дар дили дарьё нишаст.

## 68

Туй, ки оби риёзи дилат зулоли бақост,
Замири поки ту миръоти коинотнамост.

Ситораи фалаки қадрию замона мутеъ,
Замонаи тараби халқию ситора гувост.

Либоси лутфи ту чун нофа чайби мушколуд,
Насими хулқи ту чун боди субҳ ғолиясост.

Ду мисраат ба сари лавҳи некӯй мастур,
Ду абруи ту, ки унвони некии ду сарост.

Дилам чу хонаи занбӯр шуд зи пайконат
Ҳазор рахнаву ҳар рахнаро ҳазор садост.

Зи теғи нози ту ҷисмам шуда ҳазор шикоф,
Ҳазор роҳу ба ҳар роҳи ӯ ҳазор балост.

Шаби фироқ ба Макнуна чун ҳуҷуми магас
Зи нолаи дили беихтиёр сад ғавғост.

## 69

Аз оҳи дилам гашт ҷаҳон шӯри қиёмат,
Нодида касе ҳеч замон шӯри қиёмат.

Шаб то ба саҳар радъсифат нолаи моро
Мардум ҳама карданд гумон шӯри қиёмат.

Кардам чу хаёл он рухи ошӯби ҷаҳонро,
Андохт ба тан рӯҳи равон шӯри қиёмат.

Дар ҷилва хироми қади шамшоди баландаш
Бо аҳли ҷаҳон дод нишон шӯри қиёмат.

Аз оташи ҳаҷраш ҳамаи мардуми олам
Афканда зи фарьёду фиғон шӯри қиёмат.

Макнуна аён сохта дар маҳфили аҳбоб,
Аз оҳи дили барқфишон шӯри қиёмат.

## 70

Доғам, он ваҳшиғизоле бар дили ман ром нест,
Чун назар дар чашму мавҷи ашкро ором нест.

Кош дар ин бекасиҳо дида андозад маро,
Дарди ҳиҷронро даво ҷуз равғани бодом нест.

Оқилӣ, ҳаргиз маҷӯ аз ҳеҷ кас бӯи вафо,
Чунки иксири саодат андар ин айём нест.

Абруяш бо як ишорат оламе мақтули ӯст,
Ҳамчунин тезӣ ба нӯги ханҷари Баҳром нест.

Дар раҳи ӯ чашми ҷон аз интизорӣ шуд сафед,
Сӯи дил ҳаргиз насими мужддаи пайғом нест.

Рӯи худ бинмуда андар парда дорад зулфро,
Ин қадар донам, ки акнун субҳи моро шом нест.

Чун кунад Макнуна, чун гул ҷоми ишрат бишканад,
Нашъаҳои бодаи лаъли лаби гулфом нест.

## 71

Аз ғилофи худ ҷудо чун гашт ханҷар, офат аст,
Ноз аз мижгон бурун ҷастаст, бар сар офат аст.

Дарди пинҳонро тавон фаҳмид аз рухсори зард,
Бо хаёли шахс вахми кисаи зар офат аст.

Мева то талхӣ набинад, кай ба ширинӣ расад?
Комҷӯро дар тариқи ишқ щаккар офат аст.

Аз риё бигрез, май хӯр, ишқбозӣ пеша гир,
Зоҳидонро масҷиду меҳробу минбар офат аст.

Эй парӣ, аз шӯри оҳи ман ҳазар, ҳаргиз маханд,
Дар гулистон барги гулро боди сарсар офат аст.

Эминӣ меҷӯй, тарки майл аз асбоб кун,
Мӯр агар парвозро хоҳад, ба ӯ пар офат аст.

Ашки пай дар пай дили Макнунаро бетоб кард,
Санги тифлон бар сари Маҷнун саросар офат аст.

## 72

Ҳама оби назокат мечакад аз лаъли хандонат,
Хиҷолат мекашад гавҳар зи мавҷи нури дандонат,

Зи фитрат оташи ишқат фиканда бар танам сад доғ,
Саропо чун пари товус дорам чашми ҳайронат.

Ба гулзори рухат аз сабза афзуда таровατҳо,
Ба мулки ҳусн хуршед аст зери хатти фармонат.

Ба ҷон парвонаи шамъи ҷамолат метавон гаштан,
Ки дар зар ғӯта хӯрда аз гиребон то ба домонат.

Ба найрангу фусун сад Сомириро мебарад аз раҳ,
Зи андози тағофул ғамзаҳои чашми фаттонат.

Ба ёди теғи ту Макнуна шуд дар машҳади шавкат,
Раҳой нест мумкин аз дами шамшери мижгонат.

## 73

Хомаи мушкинрақам бинвишт иншои хатат,
Сархати ҳурони ҷаннат гашт туғрои хатат.

Дар баҳори ҳусн гардун бар замин помол кард,
Аз латофат то насозад сабза даъвои хатат.

Сабзмоҳонро ба дарси ҳусн дар иқлими ҳинд
Рустахези субҳи маҳшар кард ғавғои хатат.

Хатти райҳоне, ки кас тасвир созад, аз чӣ ранг
Хомаи Беҳзод оҷиз гашт з-имлои хатат.

Нуқтаи сирри даҳонат қобили тақрир нест,
Кас надонад маънии рамзи муаммои хатат.

Шаҳриёро, дил агар девона шуд, маъзур дор,
Бар сари Макнуна афтодаст савдои хатат.

## 74

Рухи чу субҳи ту хуршеди олами болост,
Даҳан чу зарраву дар шоми зулф нопайдост.

Ҳалоки ҳалқаи он зулфи тобдорам ман,
Ба даври ҳусни ту он низ ҳам ба гардани мост.

Дар оташ аст чу парвона бе ту ҷону дилам,
Дилат ба ишва ҳамон шӯхчашми бепарвост.

Каманди кокули наврастаат ба хол расид,
Ки тавқи гардани тӯтихатони шаккарҳост.

Дилам чу хонаи занбӯр шуд зи пайконат,
Ҳазор рахнаву ҳар рахнаро ҳазор балост.

Зи нози чашми ту ҳар сӯ, ки бингарам, фитнаст,
Зи тоби зулфи ту ҳар [73] ҷо, ки меравам, ғавғост.

Забони хомаи Макнуна дар ҳадиқаи даҳр
Гулест тоза, ки барги нишоти аҳли вафост.

## 75

Ҳамчу товус он парӣ он сӯ хиромон карду рафт,
Барқ-осо чашмро бикшоду ҷавлон карду рафт.

Медамид аз бода бар рухсори майгунаш арақ,
Дидаро аз оташи ҳиҷрон-ш гирьён карду рафт.

Аз майи васлаш умеди нашъаи дил доштам,
Бар рухи худ чашм чун оина ҳайрон карду рафт.

Хатти лаъли дилфиребаш гашт чун дур аз назар,
Ҳамчу дафтар сафҳаи ҳолам парешон карду рафт.

Дар ҷаҳон шоҳи адолатпеша Искандарнишон,
Фитнаи яъҷуҷро маҳбуси зиндон карду рафт.

З-ин гулистон бар саманди ноз гардида савор,
Рӯи худ чун гул зи чашми халқ пинҳон карду рафт.

Бас ки ширин буд васлаш хастаи Макнунаро,
Талхкомиҳо зи дарди заҳри ҳиҷрон карду рафт.

## 76

З-ин чаман ғайр аз гули озор ҳаргиз барнахост,
Як гули роҳат дар ин гулзор ҳаргиз барнахост.

Даҳри дун ҳар рӯз дар як хона сад бемор кушт,
Як табиб аз баҳри сад бемор ҳаргиз барнахост.

Синаҳо шуд чок аз омад-шуди боди мурод,
Гарди дарде аз дили афгор ҳаргиз барнахост.

Тан ба мурдан неҳ, ки қасри умри бебуньёдро
Тоири марг аз сари девор ҳаргиз барнахост.

Нақши варду лола бастан доғи дил бор оварад,
Дар биёбоне, ки ғайр аз хор ҳаргиз барнахост.

Осмон дар базми олам шодие ҳосил накард,
Аз дили Макнуна ҷуз озор ҳаргиз барнахост.

## 77

Боз моҳи рӯз аз аспи ҷафо зин баргирифт,
В-аз ҳилоли ид даврон ҷоми симин баргирифт.

Бахти риндон ҳамчу чашми масти соқӣ хуфта буд,
Чашм бикшуду сари ғафлат зи болин баргирифт.

Соқии гулчеҳра ҳамчун лола баъд аз муддате,
Баргирифт аз хок ҷоми лаъли рангин, баргирифт.

Мутриб аз мифтоҳи мизроби ништангези чанг
Қуфли меҳнат аз дари дилҳои ғамгин баргирифт.

Ин яке дар дафъи ғам илҳони Довудӣ намуд,
В-он яке монанди Ҷам ҷоми ҷаҳонбин баргирифт.

Он, ки дар комаш ба ғайр аз заҳри нокомӣ набуд,
Аз шаробу нуқл ком аз талху ширин баргирифт.

В-он, ки аз бедоди моҳи рӯза дар хун метапид,
Соқии маҳфил ба сад эъзозу тамкин баргирифт.

Кӯ ҳамон шоҳе, ки кавсар ҷуръае аз ҷоми ӯст,
Рафт дар базми адам Макнуна ғамгин баргирифт.

## 78

Фиғон, ки равшании чашми ашкбор бирафт,
Латофати чаману ранги лолазор бирафт.

Гули мурод ба гулзори рӯзгор намонд,
Муродбахши асирони беқарор бирафт.

Ба санги тафриқа ҷоми муроди халқ шикаст,
Зи боди ҳодиса сарсабзии баҳор бирафт.

Сипеҳр, гӯ, пас аз ин ранги хуррамӣ мафурӯш,
Ки ранги ишрат аз ин сақфи зарнигор бирафт.

Зи жола гирьяи ҷонсӯз мекунад наргис,
Ки сабзаи тараб аз тарфи ҷӯйбор бирафт.

Зи бас ки дида чу Яъқуб рехт гавҳари ашк,
Саводи мардумаки чашми ашкбор бирафт.

Чӣ шуд, ки тахт нагун гашт, тоҷ бе сар шуд,
Чӣ шуд, ки кавкабаи шоҳи шаҳриёр бирафт.

Чаро насохта хун ҳар ду дида Макнуна,
Зи даст домани он ёри гул-узор бирафт?

## 79

Дасти қазо, ки равнақи боғи ҷаҳон шикаст,
Шохи ҷавон буриду дар оби равон шикаст.

Даври замон ба машраби чархи тунукзабон
Ҷоми муроди соқии роҳатрасон шикаст.

Боди муфориқат аламу заркаши зафар,
Дар баргрези фитна чу шохи ҷавон шикаст.

Шоҳе, ки санг дар кафи ӯ ҳукми шиша дошт
Бар санг шиша чун шиканад, он чунон шикаст.

Сад мурғи бахт бар сари ӯ соя карда буд,
Нозук дил аз уқубати марги гарон шикаст.

Семурғи ошьёнаи адлу амон парид,
Бозори сиккахонаи нақди равон шикаст.

Рафт он нигор ҳамчу сабо аз канори ман,
Макнунаро зи оҳ рухи осмон шикаст.

## 80

Дар баҳорон ба чаман он бути чолок хуш аст,
Аз хиромаш ба дилам рӯи арақнок хуш аст.

Чун зи кайфияти май рафт зи худ, мастонро
Сояи барги ниҳолу шаҷари ток хуш аст.

Дилам он ғамзаи қотил ба сари зулф кашид,
Мурғи бисмил чу шавад баста ба фитрок хуш аст.

Турраи кокули ӯ бод парешон карда,
Шонаосо зи алам синаи садчок хуш аст.

Кам мабодо зи сари нолаи ман сояи ишқ,
Ҳар киро дард набошад, ба сараш хок хуш аст.

Натавонист кунад мартабаи ишқ баланд,
Оташеро пару бол аз хасу хошок хуш аст.

Дасти Макнуна ба домони висолаш нарасид,
Шукр гӯён ба дил ин хонаи ғамнок хуш аст.

## 81

Соф аст рухи оинакирдори табиат,
Як зарраи ғам мешавад озори табиат.

Аз санг кашад шиша ҳама дарди таваҳҳум,
Ҳамсӯҳбати ноаҳл бувад бори табиат.

Дар лафз ниҳон гашта рухи дилбари маънӣ,
Аз бахти сияҳ сохта девори табиат.

Дар боғ гул аз боди баҳор омада сарсабз,
Хуррам зи насиме шуда гулзори табиат.

То хат накунад ҷилва, куҷо сафҳа кунад гул,
Аз сурмаи ӯ дидаи бедори табиат.

Аз чархи ҷафопеша насозӣ ту, илоҳӣ,
Ҳамчун гули оташзада бемори табиат.

Аз баҳри дилаш мавҷ зада гавҳари маънӣ,
Макнуна бувад маҳрами асрори табиат.

# 82

Дилам ба роҳи висолат дар интизор гузашт,
Чу мавҷи гавҳари фарсуда беқарор гузашт.

Аз он замон, ки ҷудо гаштаам зи рухсорат,
Зи шӯри нола ба ҷонам чӣ корзор гузашт.

Зи дуди оҳ сияҳ кард ҳаҷр кохи димоғ,
Ҳамеша бо ғами ҷонсӯз рӯзгор гузашт.

Чӣ гуна умри фаноро кас эътимод кунад?
Чу барқ аз назарам базми шаҳриёр гузашт.

Ҷавону пир ҳамоғӯши якдигар бошанд,
Хазон расид ба як соату баҳор гузашт.

Бирав ба гулшану ҳолаш бубину таҷриба кун,
Ба рангу бӯ нарасонида, гирудор гузашт.

Мадеҳ ту домани фурсат зи даст, Макнуна,
Илоҷ нест дар он дам, ки вақти кор гузашт.

## 83

Эй дил, чу оқибат ҳамаро кор мушкил аст,
Хуррам ба марги кас нашавад, ҳар кӣ оқил аст.

Шахси ачал муаккали лайлу наҳори мост,
Гаҳ дар ақиб ситода, гаҳе дар муқобил аст.

Имрӯз ҳар кӣ ханда занад бар қатили ишқ,
Фардо зи гирья ғарқа ба хунобаи дил аст.

Осон қадам ниҳад ба сари хоки мо ҳасуд,
Ғофил, ки чун ба хок равад, кор мушкил аст.

Аз дасти дӯст ҳар чӣ расад, нӯш мекунам,
Гар шарбати шифост ва гар заҳри қотил аст.

Дар ҳасту нест аҳли вафоро чӣ ихтиёр,
Макнуна з-интизори рухаш нимбисмил аст.

84

Эй баҳори ҷилва хуррам аз ниҳоли қоматат,
Дидаҳо маҳви тамошо аз висоли қоматат!

Хубию мавзунию озодагию дилкашӣ
Ҳаст мазмуне зи мактуби маоли қоматат.

Чун ту нахле дар баҳористони хубӣ кас надид,
Сарв бо шамшод яксар поймоли қоматат.

Нусхаи озодагӣ пайдост аз ҳар мисраам,
Баски дорам дар сухан фикру хаёли қоматат.

Сарвқаддони ҷаҳонро солҳо дидем, нест
Дар миёни нозпароён мисоли қоматат.

Гарчи ҳиҷрон ҳар замоне тоза доғам мекунад,
Шавқҳо дорам зи уммеди висоли қоматат.

Нолаи қумрӣ бувад аз сарв фарьёди малол,
Дар гулистоне, ки болад эътидоли қоматат.

Солҳо шуд ҳаст мақсуду мурод, эй маҳҷабин,
Бигзарад дар шодкомӣ моҳу соли қоматат.

То баҳористони олам ҳаст сарсабз инчунин,
Сарбаландӣ бод ҳамдӯши камоли қоматат.

Бар мароми орзӯ дар қуръаи ҳусни вафо,
Чашм андозам, ки ояд рост фоли қоматат.

Гашт охир дар чаманзори мазомини камол
Фикрати Макнуна мавзун аз хаёли қоматат.

## 85

Бе ту дар базми тараб мавҷи шаробам оташ аст,
Бе маи лаъли лабат нуқлу кабобам оташ аст.

Васл-мушкил, ёр-бепарво, фиғонам бе асар,
Дӯстон, раҳме, ки дар ҷони харобам оташ аст.

Рост гӯям, рӯз то шаб бе ту месӯзам зи ҳаҷр,
Ҳосили бедориам доғ асту хобам оташ аст.

Заҳр бошад бе лаби лаъли ту дар комам набот,
Дурам аз базми ту ҳамчун шамъу обам оташ аст.

Ваҳ намедонам чи сон дар ишқи ӯ тоб оварам,
Ман гиёҳу дилбари оличанобам оташ аст.

Аз табу тоби дили зорам мапурс, эй ҳамнафас,
Шамъи ҳиҷронам, табам—доғ асту тобам—оташ аст.

Ҳар қадар сӯзам зи ҳаҷри шӯълаи рӯяш, кам аст,
Чун манам парвонаи он шамъ, бобам оташ аст,

Зоҳиди хушк, аз чӣ мепурсӣ зи ҳоли зори ман?
Синаи пурҳасрате дорам, ҷавобам оташ аст.

Дар каломам нест, Макнуна ба ғайр аз сӯхтан,
Дафтарам маҷмӯаи доғу китобам оташ аст.

Дар гулистоне, ки он моҳи сиҳиболо нишаст,
Аз хиҷолат гул ба сар афтоду сарв аз по нишаст.

Хуб дидам печутоби ишқу тамкинҳои ҳусн,
Ман тапидам з-изтиробу ёр бепарво нишаст.

Эй фалак з-ин бештар бар мо чӣ меҳоҳӣ ситам,
Кушт моро ҳасрати базме, ки ӯ бе мо нишаст.

Шеваи нозу ниёз охир куҷо гирад маро,
Ҳар қадар ман об гаштам, ӯ ба истиғно нишаст.

Ҳамчу ман Фарҳоду Маҷнун тоби расвой надошт,
З-ин сабаб дар Бесутун бигрехт дар саҳро
нишаст.

Мӯниси ишқи бутон улфат намегирад ба кас,
Бе ту гар сад анҷуман бархост, дил танҳо нишаст.

Бо умеди он, ки шояд боз бихромӣ ба ноз,
Чашми ҳайронам ба роҳат ҳамчу нақши по
нишаст.

Бе ту чун ранги тараб ангехтам дар ҷону дил,
Оташам аз май фитоду хунам аз саҳбо нишаст.

Гар ҳама тасвир бошад, ишқ аз ҷо мебарад,
Нест мумкин бе ту ар Макнунаи шайдо нишаст.

## 87

Эй зулфи сиёҳи ту шабистони муҳаббат,
Анвори ҷамолат маҳи тобони муҳаббат.

Бе ҳарфи хушат зиндагие нест ба дилҳо,
Ҷоно, лаби лаъли ту бувад ҷони муҳаббат.

Дил хун шуду ҷон доғ шуду ҳол сияҳ ҳам
Аз дасти ту, дасти ману домони муҳаббат.

Бошад рухи ту маъдани раъноию хубӣ,
Бошад дили ғампарвари ман кони муҳаббат.

Афғону ғаму оҳу ҷафову ситаму доғ —
Ин аст ба даврони ту сомони муҳаббат.

Охир адаби ишқ ба саҳрои ҷунун зад,
Бишкаст ҷафоҳои ту паймони муҳаббат.

То захми ҷигарсӯхтагонро ситам орад,
Ҷуз лаъли лабат нест намакдони муҳаббат.

То чанд кунӣ хоки мазаллат ба сари мо,
Эй ҷони муҳаббат, машикан шони муҳаббат!

Хоҳӣ ситаму зулм намо, хоҳӣ иноят,
Макнуна бувад бандаи фармони муҳаббат.

## 88

Ҳарфи Маҷнуни ту аз гулбарги тар нозуктар аст,
Ҳалқаи занҷираш аз оби гуҳар нозуктар аст.

Чун нигоҳи покбозонам сари гуфтор нест,
Варна дам аз пардаҳои чашми тар нозуктар аст.

Фитнаҷӯи ман намесозад ба хӯи хеш ҳам,
Хотири ӯ бештар аз бештар нозуктар аст.

Аз навиди лутфи пинҳонаш фиребам медиҳад,
Гуфтугӯи қосид аз лутфи хабар нозуктар аст.

## 89

Сарви озоде зи бӯстони ҷавонӣ рафтааст,
Гулбуне бар боди марги ногаҳонӣ рафтааст.

Ҳамчу насрин бо дили чоку даруни доғдор
Ноумед аз лолазори зиндагонӣ рафтааст.

Худ рафиқи хеш танҳо рафта то мулки адам,
Фориғ аз ҳамроҳии ёрони ҷонӣ рафтааст.

Ҳасрати бисьёр дар дил рафта то мулки бақо,
Бо дили пурҳасрат аз дуньёи фонӣ рафтааст.

Ҳосили хуниндилони фурқаташ дар дасти доғ,
Ӯ, ки дар таҳсили айши ҷовидонӣ рафтааст.

Бесабаб ганҷи вуҷудаш рафта дар зери замин,
Ё зи таъсири қазои осмонӣ рафтааст.

Ин ситам бар кас дар ин меҳнатсарои ғам нарафт,
Лек бар Макнунаи озурдаҷоне рафтааст.

Ҳариф сохта соқӣ маро ба ҷоми мусаллас,
Ки мерасад ба дили ман фараҳ зи номи мусаллас.

Паримисол бувад ҷилваи шароб ба чашмам,
Чу мавҷи бода зи худ мебарад хироми мусаллас.

Пиёла дилкашу май софу нашъа хушрабост,
Куҷо халос шавӣ аз каманди доми мусаллас.

Бе ҳеҷ боб раҳоӣ наёфт аз раҳи ваҳшат,
Ғизоли хушу хирад то нагашт роми мусаллас.

Нишин мураббау май нӯшу шод бош замоне,
Бувад чу манзари шоҳӣ ҳавои боми мусаллас.

Зи офтоби қадаҳ нур ёфт дидаву дил ҳам,
Чу файзи субҳ, табиаткушост шоми мусаллас.

Ба ҳарфи зӯҳд чу Макнуна зад рақам, эй дил,
Муназзаҳ аст нигини вараъ зи номи мусаллас.

## 91

Эй ҷамолат ба таби синаи сӯзон боис
В-эй хаёлат ба нами дидаи гирьён боис.

Шона машшота ба он зулфи мусалсал заду шуд
Ба парешонии аҳволи парешон боис.

Аз чӣ рӯ пеши хати сабзи ту гирьён нашавем,
Нест бар хуррамии сабза чу борон боис.

Рухи гулгуни ту аз бода барафрӯхт, ки шуд,
Ба гудози дили мо сӯхтагонон боис.

Дар тамошокадаи даҳр ба ранги рухи ёр
Нест бар ҳайрати ин дидаи ҳайрон боис.

Холи шабрангу нишоти сухан аз лаъли лабаш
Гашт бар доғи дилу ҷӯшиши афғон боис.

Гуфтугӯи ғами ҳиҷрону ҳадиси дами васл
Гашт, Макнуна, ба ин дафтару девон боис.

## 92

Шуда бо мастии ман гардиши соғар боис.
Мехӯрам хуни ҷигар бодаи аҳмар боис.

Бош дар кунҷи қаноат, ки ба дарьё ғаввос,
Луқмаи коми наҳанг омада, гавҳар боис.

Дили девона, ки дар силсилаи доми вафост,
Мекашад сӯи худам ҷилваи дилбар боис.

Чашм буд он, ки тамошои ҷамолаш кардам,
Пойбӯси қадами ёр шудам, сар боис.

Дили ман хуш шуда, Макнуна, зи нақди зари ашк,
Шуда ӯро рухи зарду мижаи тар боис.

## 93

Нокомӣ аст бар мани ноком эҳтиёҷ,
Дорам зи лаъли ёр ба дашном эҳтиёҷ.

Саъям чу нақши пой ба ҷое намерасад,
Афкандааст бар сарам айём эҳтиёҷ.

Ҷуз бар дарат ба ин ҳама ҳоҷат куҷо равем,
Ҳар сӯ ниҳода дар раҳи мо дом эҳтиёҷ.

Аз баҳри як нигоҳ зи чашми сиёҳи ӯ
Дорад ба боғ наргису бодом эҳтиёҷ.

Мино хаёли қадди ту, ҷом аст ҳайратам,
Набвад маро ба шишаву бо ҷом эҳтиёҷ.

Бе лаъли ёр аз паи дафъи хумори ман,
Соқӣ, мабар ба бодаи гулфом эҳтиёҷ.

Макнуна рам намуда зи абнои ин ҷаҳон,
Охир, варо ба халқ кунад ром эҳтиёҷ.

## 94

Мерасад аз ҷоми май имрӯз пайғоми сабӯҳ,
Хушдилам то шом аз хосияти номи сабӯҳ.

Офтоб аз машриқи уммеди риндон сар кашид,
Тоза шуд айши куҳан аз муждаи ҷоми сабӯҳ.

Бар дари майхонаам аз шом то субҳ интизор,
То шавад дил комьёб аз ҷоми гулфоми сабӯҳ.

Донаи холи лабат дар ҷом дидам, лоҷарам,
Мурғи дил афтода баҳри дона дар доми сабӯҳ.

Аз ғами олоиши асбоби дуньё фориғ аст,
Ҳар кӣ ҷоми бода менӯшад ба ҳангоми сабӯҳ.

Нашъа аз ҷоми сабӯҳӣ кун, ки то шоми абад
Файз меболад зи хоки дурд-ошоми сабӯҳ.

Баски дар шоми фироқаш ғунчаҷайби ҳасратам,
Нашкуфад, Макнуна, табъам чун гул аз ҷоми сабӯҳ.

## 95

Файзҳо дар парда дорад партави анвори субҳ,
Ин башорат дод бар ман сирри файзосори субҳ.

Бишканад хамьёзаи ҷоми сабӯҳӣ офтоб,
Нашъаи саршор дорад дидаи бедори субҳ.

Фоли ҳайрат мезанад чун андалеб аз бӯи гул,
Маст шуд махмури ман аз соғари саршори субҳ.

Огаҳ аз худ бош, бар сармояи ҳастӣ маноз,
Беш набвад як-ду дам, ҳангоми гирудори субҳ.

Кавкаби ашкам чароғон кард ҳангоми саҳар,
То дами хуршед анҷум чидам аз гулзори субҳ.

Мекунад аз меҳри худ бо хештан ифшои роз,
В-арна кас набвад ба олам маҳрами асрори субҳ.

Дар муҳаббат ҳарзагӯӣ кай бувад Макнунаро,
Бе буногӯши ту бошад нанг аз гуфтори субҳ.

## 96

Он сарви ноз омад чун нахли арғувон сурх,
Аз ҷӯши лолаву гул гардид гулситон сурх.

Ҳангоми айшу мастист, эй дил, бинӯш бода,
Омад баҳору аз май шуд лаъли навхатон сурх.

Эй гулбуни латофат, бе арғувони рӯят
Ашкам дамад дамодам аз чашми хунфишон сурх.

Расмест дилбарон лаб гулгун кунанд аз нон,
Аз хуни куштагонат шуд арсаи ҷаҳон сурх.

Дар чашми ишқбозон гулзор менамояд,
Аз хуни куштагонат шуд арсаи ҷаҳон сурх.

Ҳарчанд он миёнро аз нозукӣ камар нест,
Дорад гарон камарбанд чун лаъл бар миён сурх.

Макнуна, мебинозам бар ҳусни он шакарлаб,
К-аз васфи лаъли ӯ шуд дар коми ман забон сурх.

## 97

Навбаҳор аст, санавбар зада бар сар гули сурх,
Тоҷи заррин шуда бар фарқи санавбар гули сурх.

Шишаи ғунча лаболаб зи гулоб аст имрӯз,
Баски шуд об зи шарми рухи дилбар гули сурх.

Файзи гулгашти чаман нашъаи дигар дорад,
Ҳар тараф ғунча сабӯ дораду соғар гули сурх.

Муждаи айшу тараб мерасад аз боди баҳор,
Боз дар саҳни гулистон зада чодар гули сурх.

Ҳар куҷо ашк фишонам, дамад онҷо гули зард,
Ту ба ҳар ҷо, ки ниҳӣ пой, кашад сар гули сурх.

Навбаҳор омаду рухсораи зебо бинамой,
Баски дар боғи ҷаҳон гашт мукаррар гули сурх.

То ба кай ҷилваи гулзор тамошо кардан,
Рез, Макнуна, кунун аз миҷаи тар гули сурх.

## 98

Соқиё, қадаҳ пур кун, фасли навбаҳор омад,
Аз гули саҳаргоҳӣ бӯи васли ёр омад.

Гарди хоки майдонро бод ҳар тараф меронд,
Гуфтамаш чӣ мехоҳӣ? гуфт: — Шаҳриёр омад.

Дар хаёли рухсораш гул дамид аз ашкам,
Ёди қоматаш кардам, сарв дар канор омад,

Андалеб бо гул гуфт: «Пур машав ба худ мағрур,
Чун ту сад чаман болид, ҳамчу ман ҳазор омад».

Фохта ба шохи сарв шоҳномае мехонд,
Бар сари сухан туғро номи шаҳсавор омад.

Ҷавҳари хаёлотам хуни хасм мерезад,
Мисраи баланди ман ҳамчу зулфиқор омад.

Дар паи амал будам, як нафас наёсудам,
Ғайри ишқ, Макнуна, дар ҷаҳон чӣ кор омад.

## 99

Ҷом дар даст, ёр меояд,
Майпарастон, баҳор меояд.

Бе ҷамоли ту боғро чӣ кунам?
Гул ба чашмам чу хор меояд.

Шамъсон дар саводи шоми фироқ
Сӯзиши дил ба кор меояд.

Ҳар дам аз ёди лаъли хандонаш
Гирья беихтиёр меояд.

Нест чун ноқаҳои Вайси Қаран,
Ашки ман шашқатор меояд.

Ман ба сад шавқ меравам аз худ,
Ёр агар дар канор меояд.

Нест, Макнуна, ашкро қадре,
Сахт беэътибор меояд.

## 100

Ғунчаи дил шукуфта шуд, бӯи баҳор мерасад,
Ҳар нафас аз насими гул муждаи ёр мерасад.

Шишаи сарв пур зи май, лола пиёла дар чаман,
Он бути сарвқомату лолаузор мерасад.

Боз ба теғи абрувон рехта хуни ошиқон,
Ғамза зи чашми масти он фитнасавор мерасад.

Фурсати айш бебақо, ғунчаи дил нагашта во,
Субҳи нишот меравад, шоми хумор мерасад.

Дил шуда хун ба ҳаҷри он, сӯхта ҷони нотавон,
Аз ду тараф ба гӯши ҷон нолаи зор мерасад.

Омаду рафти ӯ маро нозу итоби дигаре,
Барқшитоб меравад, ҳамчу шарор мерасад.

Хотири Мак(а)нунаро субҳ аз он бувад фараҳ,
Бод зи тавфи кӯи ӯ гул ба канор мерасад.

## 101

Бе рухат ашкам чароғон мекунад,
Имтиҳони шоми ҳичрон мекунад.

Кӯҳкан, фориғ нишин дар чӯи шир,
Ашки ман имрӯз тӯфон мекунад.

Куфр бошад бе муҳаббат зистан,
Ишқ кофирро мусулмон мекунад.

Моҳи ман худраъю бебок асту шӯх,
Ҳар чӣ мехоҳад дилаш, он мекунад.

Хонаи дил чилвагоҳи нози ӯст,
То шавад обод, вайрон мекунад.

Ҳар кӣ бошад дар чаҳон аз неку бад,
Чавҳари худро намоён мекунад.

Субҳи содиқ аз камоли ростӣ,
Хизмати даргоҳи султон мекунад.

Ҳар дам аз шӯри табассум лаъли ӯ,
Ғунчаи гулро намакдон мекунад.

Дон яқин, Макнуна, гар хоҳад худой,
Зарраро хуршеди тобон мекунад.

## 102

Моҳи ман оҳанги майдон мекунад,
Ҳар тараф бе парда ҷавлон мекунад.

Халқро аз ҷилваҳои дилфиреб
Бо ҷамоли хеш ҳайрон мекунад.

Аз ҳуҷуми чашми ҳайрон нози ӯ
Хирмани оина сомон мекунад.

Эй, хуш он ошиқ, ки дар кӯи вафо,
Ҷони худ таслими ҷонон мекунад.

Накҳати гесӯи анбарбори ӯ
Зулфи сунбулро парешон мекунад.

Ҳар кӣ пеш ояд ба чашми масти ӯ,
Нози мижгон тирборон мекунад.

Сӯхта Макнуна аз дарди фироқ,
Ёди васли шоҳи даврон мекунад.

## 103

Хотири ворастаи аҳли муҳаббат шод бод!
Кишвари девонагиҳо то абад обод бод!

Ҷилвамуштоқам, ба ҳангоми тамошо чашми ман,
Волаи рухсораи он сарви ҳуризод бод!

Қиссаи Фарҳоду Маҷнун шуд муқаррар, баъд аз ин
Дар дили аҳли вафо афсонаи ман ёд бод!

Андалебу фохта бе заҳмати боди хазон
Дар паноҳи сояи сарву гулу шамшод бод!

То кунад эҷод ҷӯи шир аз мӯи сафед,
Қомати пири ҳарифӣ тешаи Фарҳод бод!

Дӯстони софдил домони ҷамъият ба каф,
Кинахоҳонро ҳусули зиндагӣ барбод бод!

Нест роҳи ишқи ӯ, Макнуна бе шӯри ҷунун.
Дар тариқи ишқбозӣ нолаву фарьёд бод!

## 104

Субҳ, к-аз чаман боди мавсими баҳор омад,
Бар машоми ҷони ман бӯи васли ёр омад.

Накҳати гулу сунбул атрбези гулшан шуд,
Тоҷири сабо он ҷо бӯи гул ба бор омад.

Рехт оташам дар дил ёди он парипайкар,
Боз чашми ҳайронам ҷилваинтизор омад.

Ашк то сари мижгон боз мекунад ҷавлон,
Дар дилам хаёли он тифли найсавор омад.

Бе ту анҷуманҳоро рехт оташи ҳасрат,
Нашъаи тараб гум шуд, кулфати хумор омад.

Нест як дам осоиш бе висол ошиқро,
Рафта дуди оҳ аз дил, дида ашкбор омад.

Соқиё, қадаҳ пур кун то ба ёди шаҳ нӯшам,
Шамъи шоми ҳиҷронам ёди шаҳриёр омад.

Тез теғи абруяш, кист бингарад сӯяш,
Аз ду чашми ҷодуяш фитна ошкор омад.

Баски шаш ҷиҳатро дид аз ҷамоли ӯ холӣ,
Аз ду чашми Макнуна ашк шашқатор омад.

## 105

Боз он сарви равон сӯи гулистон меравад,
Пойкӯбон даст-андозу хиромон меравад.

Гирьяи беихтиёрам дод оламро ба об,
Дам ба дам тӯфони ашк аз чашми ҳайрон
меравад.

Меравад ҷонон, вале то боз ояд аз чаман,
Аз тани афсурдаи бемори ман ҷон меравад.

Бе рухат тӯфони ашкам боз туғён мекунад,
Сарсари оҳам ба истиқболи тӯфон меравад.

Маҳви гулзори ту аз фикри тамошо фориғ аст,
Ғунчаи мо сар ба ҷайбу по ба домон меравад.

Аз надомат ашк чун гавҳар ба домон рехтам,
Дар ҷунун дастам ба домону гиребон меравад.

Тӯтиё аз хоки кӯи ёр хоҳам, эй сабо,
Варна хуноби ҷигар аз чашми гирьён меравад.

Ашки Мақнуна ба домони қиёмат мерасад,
Инчунин гар аз фироқи шоҳи даврон меравад.

## 106

Ҷон мубталои он маҳи болобаланд бод!
Дил сайди зулфи дилбари гесуканманд бод!

Кавсар илоҷи талхии ҳиҷрон намекунад,
Ёраб, ба коми мо лаби он нӯшханд бод!

Манзур нест гарчи ба чашми ту нақди дил,
Пеши ту ҷони бохтаи мо писанд бод!

Ҳайф аст гарди Каъба фишондан ба раҳгузар,
Хоки дараш ба чашми мани мустаманд бод!

То дафъи захми чашми бади муддаӣ шавад,
Бо шӯълаи рухат дили ошиқ сипанд бод!

Аз акси ҷилва оина лаззатпазир нест,
Тимсоли оразаш ба дили дардманд бод!

Макнуна, файзи лаззати эсор дигар аст,
То ҳаст дил фидои бути дилписанд бод!

## 107

Ба хандаи лаби ширин чу табъ шод кунед,
Зи гирьяҳои мани талхком ёд кунед.

Ба тоби чеҳраи ӯ сӯхт, бар тасаллии дил,
Зи хулд барги гуле овареду бод кунед.

Зи дур ҷилва намуду гирифт дил зи кафам,
Ба сабру тоқати ман зуд хайрбод кунед.

Ба хуни ошиқи бечора гар муроде нест,
Илоҷи хотири маъюс аз мурод кунед.

Ба сӯзи синаи мо во кунед чашми яқин,
Ба сахтии алами ишқ эътиқод кунед.

Ба ҳоли ғунча тағофул ситам бувад, зинҳор,
Ба табъи бастаи мо ҷабҳае кушод кунед.

Фитод ларза бар андомам аз фурӯғи рухаш,
Дар ин назора зи хуршеду зарра ёд кунед.

Зи ҷавр синаи Макнунаро фигор намуд,
Ба аҳди ёр кунун камтар эътимод кунед.

## 108

Сафову равнақи дурҳои обдор намонад,
Шикасти ачзи хазафҳои хоксор намонад.

Сабот нест фиғонҳои булбулони чаманро,
Навову нағмаи мурғони кӯҳсор намонад.

Ба ҳоли ғамзада айб аст бевафоии хубон
Дар ин баҳор, ки гул бебақои хор намонад.

Зи шуғли олами фонӣ хуш аст нармии ботин,
Ба раҳм кӯш, ки имсол ранги пор намонад.

Агар баҳор равад аз назар, ғубор надорам,
Дили аламзадаи ман зи ёди ёр намонад.

Ба ҷуз каломи муҳаббат бақопазир набошад,
Ба ғайри маънии рангин ба рӯзгор намонад.

Чӣ сон адо нанамоем васфи шоҳ Умарро,
Ки бе таҷаммули ӯ ҳусни гирудор намонад.

Гудохт тоқати Макнуна аз фироқ, худоё,
Фирист қосиди сабре, ки ӯ зи кор намонад.

## 109

Шаб, ки бар хотирам он зулфи парешон омад,
Ҳолате рафт, ки ҳар мӯй ба афғон омад.

Дӯш дар раҳгузари ёр гузорам афтод,
Ашк фаввора заду оҳ ба тӯфон омад.

Дар ғами ишқ ба Маҷнун нарасид аз Лайлӣ
Он чӣ аз ҳаҷри ту бар ин дили вайрон омад.

Ҳама шаб аз ғами базми ту маро шамъсифат,
Тапишу доғи дили синаи сӯзон омад.

Ман ба хун гирьяму ту хандаи мастона кунӣ,
Мушкили хотири ман хуш ба ту осон омад.

Будам аз васли саги кӯи ту чанде хурсанд,
Оҳ, сад оҳ, ки он низ ба ҳиҷрон омад.

Ҳолам аз ҳасрати гесӯи ту дарҳам шудааст,
Раҳм кун, раҳм, ки бисьёр парешон омад!

Бо кӣ гӯям ғами дил, пеши кӣ нолам зи фалак,
Ҳар чӣ омад ба ман, аз он маҳи хубон омад,

Гар бувад ҳусн ба инсоф, чу ман сӯхта нест,
Гарчи саргаштаву ошуфта фаровон омад.

Як табассум зи лаби рӯҳфизо соз карам,
Чунки Макнуна зи ҳиҷрони ту бо ҷон омад.

## 110

Даври тараб расиду замони баҳор шуд,
Даврони базми соқиву дафъи хумор шуд.

Дар шохи сарв нағмаи қумрӣ кашида сар,
Бар рӯи боғ чаҳ-чаҳи булбул ҳазор шуд.

Аз ҷӯши вақт зоҳиди хилватнишин ба май,
Саҷҷода кард дар гараву майгусор шуд.

Дарбар гирифта гулшани саҳро либоси ранг,
Лола чароғ бар кафу гул ҷомдор шуд.

Аз сайри гул чӣ суд? Хуш он дил, ки ҳамчу ман,
Ҳасратпарасти ҷилваи оғӯши ёр шуд.

Дорад гудози ишқи бутон нашъаи дигар,
Ишрат насиби он, ки зи ашк обьёр шуд.

Макнуна ҳар чӣ дошт зи сабру қарори дил,
Барбодрафтаи ғами он гул-узор шуд.

## 111

Ҳеҷ кас чун мани бечора муҳаққар нашавад,
Дар раҳи ишқи ту аз хок фурӯтар нашавад.

Гар равам сӯи ҳаво вар бидавам рӯи замин,
Турфа корест, ки васли ту муяссар нашавад.

Ҳеҷ маъшуқ ба монанди ту набвад некӯ,
Ҳеҷ ошиқ зи мани сӯхта бадтар нашавад.

Бар ман аз дини муҳаббат агар ин аст ситам,
Мубталои хами гесӯи ту кофар нашавад.

Рафт тоқат зи кафу сабр зи дил, ҳуш зи сар,
Чист тадбирам, агар васл муқаддар нашавад?

Бе рухат ҳоли мани зор чӣ пурсӣ, ки чӣ шуд,
Чист парвона, ки аз шамъи мунаввар нашавад.

Ашк беҳуда ба кӯяш мафишон, Макнуна,
Мурғи уммед ба ин дона муяссар нашавад.

## 112

Фурӯғи партави рӯи ту офтоб надорад,
Уруҷи нашъаи лаъли лабат шароб надорад,

Куҷо зи толеи бедор орзӯи ту созам
Ки ёди давлати васлат касе ба хоб надорад.

Ба қадри ҳарфи ту дил медиҳанд аҳли муҳаббат,
Саволи лаъли лабат ғайр аз ин ҷавоб надорад.

Чу ларзаи дили бетоб, ҳоли зори харобам
Дар орзӯи ту симоби изтироб надорад.

Итоб низ аз он лаъл кори лутф намояд,
Ситам ба он, ки бад-ӯ лутф, ҳам итоб надорад.

Чӣ чора мекунам аз ҳаҷри ёр, Макнуна,
Ки баъд аз ин дили зорам ба ҳаҷр тоб надорад.

## 113

Ҳар кучо, бо ноз он сарви хиромон мерасад,
Фитна чавлон мекунад, ошӯби даврон мерасад.

Бар вафои дилбарон беҳуда бошад эътимод,
Сад чафо ҳар лаҳза аз ин бевафоён мерасад.

Аҳди деринро ба пеши ӯ набошад эътибор,
Ҳар чӣ бар мо мерасад, з-он сустпаймон мерасад.

Ёр, ҳайф аз тирарӯзиҳои мо огоҳ нест,
Кай паёми шом бо хуршеди тобон мерасад?

Ранги берунчастаро тасхир кардан мушкил аст,
Кай кафи мо боз бо он тарфи домон мерасад?

Аз сӯи дилбар сабо бар кулбаи эҳзони мо?
Ҳамчу бӯи домани Юсуф ба Канъон мерасад.

Мерасад дар шаҳр аз чашмаш ба ҳоли зори мо,
Ҳар чӣ аз Лайлӣ ба Мачнун дар биёбон мерасад.

Кай дар ин гулшан ба булбул мерасад аз доғи ғул,
Он чӣ бар Макнунаат аз доғи ҳичрон мерасад.

## 114

Сиёҳҳолии ман ҳеҷ шоми тор надорад,
Кудурати дили овораам ғубор надорад.

Гудози дарди муҳаббат зиёда бод ба ҷонам,
Чӣ суд зиндагии он, ки доғи ёр надорад.

Ба ғайри сабр илоҷи ҷафои даҳр чӣ созам,
Чунин ки майли вафо табъи рӯзгор надорад.

Магӯ, ки ин ҳама фарьёду изтироб чӣ лозим,
Ки толиби хами зулфи ту ихтиёр надорад.

Ҳавои ишқи ту дар сина дам ба дам шавад афзун,
Дили ситамзада имсол сабри пор надорад.

Ба ҳасрати ту зи гулгашти рӯзгор малулам,
Чаро ки фарҳати бӯи хушат баҳор надорад.

Ба ҷашми толеи Макнуна соз ҷилваи лутфе,
Ки бе ту тоқати андӯҳи интизор надорад.

## 115

Ошиқи рӯи ту аз ҳар ду ҷаҳон мегузарад,
Ташнаи лаъли ту аз кавну макон мегузарад.

Бе ту бигзашт ба сад ранҷу бало умри азиз,
Тарс дорам, ки кунун низ чунон мегузарад.

Чанд гӯӣ, ки бикун сабр ба андӯҳи фироқ,
Талхии ҳаҷри ту аз ҷавшани ҷон мегузарад.

Шаби ҳиҷрони рухаш гарчи надорад поён,
Хун машав, дил, ки аз он беш замон мегузарад.

З-интизори саги дарбони ту умрест маро,
Ҳосили умр ба чашми нигарон мегузарад.

Гар ман аз бими малоли ту набошам хомӯш,
Нолаи зори ман аз гӯши ҷаҳон мегузарад.

Чашми Мажнуна кунун бар рухи ҳастӣ набувад,
Ҳар кӣ дил дод ба дилдор, зи ҷон мегузарад.

## 116

Он чӣ бар ман бе ҷамолат рӯзи ҳиҷрон меравад,
Кофирам, гар аз фаранге бо мусулмон меравад.

Партави меҳри рухат ҳар гаҳ ба ёд ояд маро,
Шамъсон беихтиёр ашкам зи мижгон меравад.

Дар дил аз сабру таҳаммул ноларо хун мекунам,
В-арна аз як оҳи ман олам ба тӯфон меравад.

Ман муқими гӯшаи танҳоиям аз бекасӣ,
Дил ба дилдор ошно шуд, ҷон ба ҷонон меравад

Шаҳр бошад ҷилвагоҳи ҳусни Лайлӣ-талъатон,
Бехабар Маҷнуни мо сӯи биёбон меравад.

Боядат чун соя рафтан аз паяш беихтиёр,
Эй ҷунун, ҳар ҷо, ки он сарви хиромон меравад.

Дон яқин, Макнуна, ин олам мақоми айш нест
Он ки бо чандин ҳавас омад, пушаймон меравад.

## 117

Чаман шуд тозарӯ, то фасли гулгашти баҳор омад,
Зи ҳар шохи гуле як сарвқадди гул-узор омад.

Муборак бод наврӯзи тараб, боғи табиатро,
Гули шодӣ шукуфту меваи ишрат ба бор омад!

Кушуд ин бӯстонро шоҳиди гул турраи сунбул,
Бидеҳ, соқӣ, қадаҳ, ҳангоми тағйири хумор омад.

Ба адл оин бубанд, эй богбон, к-имрӯз гулшанро
Амири аср, яъне сояи парвардигор омад.

Чаманзори хаёлаш навбаҳори дигаре дорад,
Дил аз худ рафт чандоне, ки гулшан дар канор
омад.

Шудам нақши қадам, то пойбӯси он санам гаштам,
Ба роҳаш хоксориҳои ман охир ба кор омад.

Кунун, Макнуна, фикри ҳашмати иқболи уқбо
кун,
Ки даври дастгоҳи салтанат пур бемадор омад.

## 118

Чун дилам аз асари ҳаҷр ҳаросон нашавад?
Мушкили ишқ балоест, ки осон нашавад.

Ҳолам аз резиши ашку рухи зард аст аён,
Дарди ушшоқи ҷигарсӯхта пинҳон нашавад.

Ҳар киро орзуи қадди ту бошад дар дил,
Моили тубиву шамшоди гулистон нашавад.

Мақсади дидаи наззора бувад дидани ту
Оҳ аз он чашм, ки бар рӯи ту ҳайрон нашавад.

Ишрати зиндагии дил набувад бе ғами ишқ,
Он чӣ умрест, ки сарфи раҳи ҷонон нашавад?

Нисбати қадду даҳони ту набошад ба чаман,
Ғунча хандон нашавад, сарв хиромон нашавад.

Сӯз, Макнуна, ки дар базми шабистони фироқ
Ба ҷуз аз шӯълаи оҳи ту чароғон нашавад.

## 119

Булӯринпанҷа шӯхе, теғ бар каф, қасди мо дорад,
Ба даст аз ранги хуни ошиқони худ ҳино дорад.

Ҳавои лаъли ӯ бахшид бар ман умри ҷовиде,
Ақиқосо лабаш хосияти оби бақо дорад.

Ду олам фитнаи шӯри қиёматро тамошо кун,
Ки чашми кофири беморaш аз мижгон асо дорад.

Маноз, эй Ҷам, ба тахту тоҷу дайҳими шаҳаншоҳӣ!
Зи каҷкӯли нагун ҳам тоҷи шоҳӣ ҳар гадо
дорад.

Наёрад дар назар фақрам бисоти суфу атласро,
Ба паҳлӯ фарши дебое зи нақши бӯрьё дорад.

Зи дунъё баргузаштан чашм бар дунъё бувад
бастан.
Саге афтад ба пушти кас, нигоҳе бар қафо дорад.

Куҷо Макнуна гирад миннати кӯҳлулҷавоҳирро,
Ки чашми ӯ зи хоки кӯи ҷонон тӯтиё дорад.

## 120

Соқиё, қадаҳ пур кун, мавсими баҳор омад,
Аз насими барги гул бӯи васли ёр омад.

Гул шукуфту гулшан шуд, шамъи лола равшан
шуд
Гулситон нишеман шуд, бода хушгувор омад.

Масти ноз майнӯше, гулфишон бару дӯше,
Лолагун қабопӯше, сарви гул-узор омад.

Ғарқи баҳри савдоям, маҳв шуд саропоям,
Шоҳиди таманноям боз дар канор омад.

То зи чашми муштоқон дур шуд гули рӯят,
Ин дадиқа аз шабнам чашми ашкбор омад.

Бе ту, эй гули раъно, дӯш дар чаман рафтам,
Сарвро нагун дидам, гул ба чашм хор омад.

Дар ҳавои ҷавлонаш гирьяам ба шӯхӣ зад,
Ашк бар сари мижгон тифли найсавор омад.

Дайри ишқ, к-андар вай рӯҳ мефизояд май
Дарди сар надорад май нашъаи хумор омад.

Ҳамчу шамъ Макнуна маҳви доғи ҷонкоҳ аст,
Ҳар киро дар ин маҳфил арзи эътибор омад.

## 121

Интизорам, ки ёр меояд,
Сарви ман дар канор меояд.

Дар раҳаш нақди ҷон фишон, к-имрӯз
Он бути гул-узор меояд.

Сабзаи хат дамида гирди лабаш,
Боз бӯи баҳор меояд.

Шаҳд заҳр аст дар даҳан бе ӯ,
Гул ба дастам чу хор меояд.

Теғ дар даст, баҳри қатли ман,
Масту беихтиёр меояд.

Метапад дил даруни сина, магар
Хабари шаҳриёр меояд?

Гирья кам кун зи ҳаҷр, Макнуна,
Ҷист ашкат ба кор меояд?

## 122

Аз назар имрӯз он сарви равонам меравад,
Аз замин то осмон дуди фиғонам меравад.

Ҳар куҷо, к-он сарви мавзун азми рафтан мекунад,
Ман ҳам аз худ меравам, гӯё ки ҷонам меравад.

Дам ба дам сад новаки ҳасрат ба ҷони хастаам
Аз фироқи он маҳи абрукамонам меравад.

Бе лаби майгуни ҷонбахши Масеҳэъҷози ӯ,
Сели хун ҳар дам зи чашми хунфишонам меравад.

Шӯхи шаҳрошӯби ман ҷо кард дар зери замин,
Мавҷи ашкам аз замин то осмонам меравад.

Ҳар куҷо, к-аз партави шамъи ҷамолат дам задам,
Сӯхтам, азбаски оташ дар забонам меравад.

Нест осон сайри саҳрои муҳаббат сохтан,
Сабзаҳои теғу ханҷар то миёнам меравад.

Дар муҳаббат бул-аҷаб афсонаҳо ангехтам,
Дар ҷаҳон овозаи ин достонам меравад.

Ёр рафт аз дидаам, Макнуна, хуш гуфт он, ки гуфт:
«Ман ба чашми хеш мебинам, ки ҷонам меравад».

## 123

Аз буттаи гул то нахли шамшод
Ҷӯёни қаддат, эй сарви озод.

Қадди баландат дар боғи хубӣ
Манзури чашми соҳибдилон бод!

Бе ихтиёр аст дил дар хаёлат,
Маҷнуни кӯят хайли паризод.

Хат бо ҷамолат нуқсон надорад,
Азбаски дорӣ ҳусни худодод.

Зулфи ту дому холи ту дона,
Мурғи дили ман дар домат афтод.

Ҳар дам нигоҳе бо ғайр кардан,
Ҷоно, ба ошиқ зулм асту бедод.

Дурам фиғандӣ аз бевафоӣ
Ҳаргиз накардӣ Макнунаро ёд.

## 124

Сарвро дидам, ниҳоли қоматаш омад ба ёд,
Ханда зад хуршеду моҳи талъаташ омад ба ёд.

Шамъро дидам, ки дорад бар сари худ тоҷи зар,
Афсари Ҷамшед аз кайфияташ омад ба ёд.

Ҳиммати пири муғон аз қайди ғам озод кард,
Дар гирифторӣ паноҳи исматаш омад ба ёд.

Шаҳриёри мулкпарвар дар замони адли ӯ
Халқро масрур дидам, шафқаташ омад ба ёд.

Хизмати соқӣ маро дар анҷуман бисьёр буд,
Чун шудам шодоб, ҳаққи хизматаш омад ба ёд.

Он ки дар ҳангомаи имкон баландовоза буд,
Бар фалак рафтам, чу авҷи рифъаташ омад ба ёд.

Чун насозад дидаи ман гирьяи беихтиёр
Даври султони Фаридунҳашматаш омад ба ёд.

Буд ширин дар мазоқи ҷони ман шаҳди висол,
Талх шуд ногоҳ, заҳри фурқаташ омад ба ёд.

Гар кунад Макнуна ҳар дам нола, айби ӯ макун,
Рӯзгори васлу даври ишраташ омад ба ёд.

## 125

Дар висолат хотири мо шод бод!
Мурғи дил аз доми ғам озод бод!

Хонаи дил ҷилвагоҳи нози ӯст,
То қиёмат ин бино обод бод.

Ишрати ҷовид бар каф доштӣ,
Эй дил, аз базми висолаш ёд бод.

Чашму дил дар домгоҳи бехудӣ
Волаи он сарви ҳуризод бод!

Дар муҳаббат аҷз меояд ба кор,
Хирмани ҳирсу ҳаво барбод бод.

То кашад бори маломатро ба дӯш,
Бо заифон аз ғамат имдод бод!

Кардаам, Макнуна, дар шаб нолаҳо,
Дар хаёлат ҳар чӣ бодобод бод!

## 126

Дил, ки ҷоми шароб мехоҳад,
Заррасон офтоб мехоҳад.

Хӯрда аз мавҷи ашк соғари май,
Аз дили худ кабоб мехоҳад.

Соқиё, май бидеҳ, ки синаи ман,
Оташе дорад, об мехоҳад.

Дил муқими ҳарими даргаҳи ӯст,
Лаҳзае фатҳи боб мехоҳад.

Дили маҳзун саволи бӯса намуд,
Аз лаби ӯ ҷавоб мехоҳад.

Хез, машшота, шона бар сар зан,
Зулфи ӯ печутоб мехоҳад.

Ҳар дуое, ки кард Макнуна,
Бахри ӯ мустаҷоб мехоҳад.

## 127

Дилам чу фохта дар кокулат нишеман кард,
Ба фикри зулфи ту печиду тавқи гардан кард.

Зи холи гӯшаи чашми ту халқ ҳайронанд,
Ки шӯх дида аҷаб гӯшае муайян кард.

Ту — ҳамнишини гулӣ, ман — ҳарифи ашки ниёз,
Ки бе ту пардаи чашми тарам ба доман кард.

Дил аз дарат ҷигари пора ҷусту барҳам чид,
Хазонрасида чаман диду гул ба хирман кард.

Ба юмни ишқи ту пур шуд дилам зи пунбаи доғ,
Хазинадори бало буд зар ба махзан кард.

Ба хоки чеҳра ду чашмам, ки шуд зи гирья сафед,
Ҳадафнишонии он чашми новакафган кард.

Манам ба сояи бахти сияҳ парешоне,
Ки аз ғулуви ҷунун ҷо ба хоки гулхан кард.

Куҷо тавон ба чунин аждаҳо, ки дар ақиб аст
Ба остонаи ганҷи мурод маскан кард.

Куҷо тавон дили пурдарду зор Макнуна,
Зи зулми ҳаҷр дар ин хокдон нишеман кард.

## 128

Ишқ аввал бар дили ғампарвар оташ мезанад,
Шӯъла чун бедор шуд, бар бистар оташ мезанад.

Дар қафас кардаст парвози ҳавас парвонаро,
То шавад озод, бар болу пар оташ мезанад.

Гаҳ зи қурби васл месӯзам, гаҳе дар тоби ҳаҷр,
Ҳар нафас ишқам ба ранги дигар оташ мезанад.

Пеши гармиҳои оҳи мо чароғи мурдааст
Барқи беҳосил, ки бар хушку тар оташ мезанад.

Чун насӯзад аз хаёлаш синаи Макнунаам,
Акси ин оинаро бар ахтар оташ мезанад.

## 129

Гар субҳ аз он сояи девор бараояд,
Хуршед зи оғӯши гулу хор барояд.

Барги гулаш аз сунбули тар боғи тамошо,
Аз оинаҳо сабзаи зангор барояд.

Ҳар қатраи борон садафи гавҳари роз аст,
Як сабза надидем, ки бекор барояд.

Осудагиям теғ кашад дар сафи маҳшар,
То пунбаи доғи ту ҷигарвор барояд.

Поси адаб аз рози ниҳон дуд баровард,
Шарми нигаҳ аз ӯҳдаи дидор барояд.

Хомӯшии рашкам чӣ қадар сарфанавишт аст,
Наштар шавад он нола, ки аз тор барояд.

Макнуна, бувад то нафасе, арзи фиғон кун,
Шояд, ки ғам аз синаи афгор барояд.

## 130

Дили рамида ба сад обутоб месӯзад,
Гаҳе ба сабру гаҳе з-изтироб месӯзад.

Ба хобам омаду пинҳон зад оташе ба дилам,
Чароғи бахти асирон ба хоб месӯзад.

Нуҳуфта дар бағали мавҷ акси рӯи туро,
Дилам ба соддадилиҳои об месӯзад.

Агар ҷамоли ту машшотаи баҳор шавад,
Зи рашки сояи гул офтоб месӯзад.

Сиёҳбахтии зоҳид нигар ба базми шароб,
Ки дар биҳишт чу аҳли азоб месӯзад.

Зи шӯълагармии беихтиёри наймонанд,
Дилам дар оташи рашки кабоб месӯзад.

Сиришк аз дили Макнуна оташин омад,
Ки аз гудози ғами ишқ об месӯзад.

## 131

Бо хаёли лаъли ӯ аз ҷоми Ҷам бояд гузашт,
Ҷилвагар шуд ҳуснаш, аз боғи Ирам бояд
гузашт.

Сурмасо шуд гар ба чашми дил ғубори кӯи ёр,
З-остони Каъбаю байтулҳарам бояд гузашт.

Қомати ӯ чун алиф бар ҷон агар шуд нақшабанд,
Аз хаёли нуктаи рамзи қалам бояд гузашт.

Дам занад ҳар кас зи меҳри хӯбрӯёни ҷаҳон,
Бар сараш аз чарх сад санги ситам бояд гузашт.

Ҳар кӣ дар дил ханҷари лофи қаноат мезанад,
Дар ҷаҳон аз орзуи бешу кам бояд гузашт.

Он ки омад дар ҳисоби зумраи озодагӣ,
Аз шумори фикри динору дирам бояд гузашт.

Ҳамчу гулшан гар наёбад аз висолаш хуррамӣ,
Хотири Макнуна дар саҳрои ғам бояд гузашт.

## 132

Шукр, ки дардам ба мудово расид,
Дил ба сари кӯи таманно расид,

Раҳрави лабташна ба Ҷайҳун шитофт,
Қатраи беқадр ба дарьё расид.

Зарра ба сарчашмаи хуршед рафт,
Пашша ба сарманзили анқо расид.

Мурғи хазондида басе навҳа кард,
То ба баҳори тарабафзо расид.

Ҷон ба лаб овард дили нотавон,
То ба лаби хони Масеҳо расид.

Охир аз ин мужда, ки дар боби қурб,
Сӯи дил аз олами боло расид.

Доираи даҳр пур овоза гашт,
Ғулғула то гунбази мино расид.

Хастаи Макнуна дар ин остон,
Турфа расид охиру зебо расид.

## 133

Он кас, ки дар зулоли бақо нақди ҷон ниҳод,
Файзи ҳаёти мо ба лаби дилситон ниҳод.

Шуд дида хок дар ғаму бардошташ сабо,
Гардид абри меҳнату сар дар ҷаҳон ниҳод.

Субҳи ҷазо кунад магар аз хоб дида боз,
Бахтам, ки сар ба домани охирзамон ниҳод.

Огаҳ нашуд зи рози даҳони ту кас, вале
Он роз бо ду лаъли ту ҷон дар миён ниҳод.

Аз турра, к-он нишемани дилхост оразат,
Бар пои ҷони ғамзада банди гарон ниҳод.

Тири туро, ки орзуи ҷон бувад, дилам
Раҳ дод бетавaққуфу миннат ба ҷон ниҳод.

Ҷон дар ҳавои ишқи ту то карда устувор,
Аз сар ҳавои ишқи ту кай метавон ниҳод?

Дар роҳи офият натавон зад қадам, ки ҳаҷр,
Кӯҳи ғамат ба ҷони мани нотавон ниҳод.

То пеши он даҳан назанад лоф, ғунчаро
Дар боғ даст барги сабо бар даҳон ниҳод.

Нақше ба рӯи об чу Макнунаи ҳазин
По дар вафои дилбари номеҳрубон ниҳод.

## 134

То кай дили шикаста ба ғам мубтало шавад
В-аз бори ғусса қадди умедам дуто шавад.

Бо заъфи тан агар даме аз дил бароварам,
Дар дам ғубори пастии ман бар ҳаво шавад.

Бе ихтиёр аз мижаи абруи ҳабиб
Тире агар ба сӯи ман афтад, хато шавад.

Равшан ба ҳеҷ рӯ нашавад чашми бахти ман,
Гар чашми равшанони фалак тӯтиё шавад.

Шаб шӯълаи чароғ зи нанги вуҷуди ман,
Чун нури шамъ ҳамраҳи боди сабо шавад.

Рӯзи фироқ соя рафиқи ман асту бас,
Хоҳам, ки ман набошаму ӯ ҳам фано шавад.

Умре ҳадиқаи дилам аз гирья об хӯрд,
Пиндоштам магар чамане дилкушо шавад.

Макнуна, шукр соз, ки ҳар қатра ашки ту,
Дар баҳри дида чун гуҳари бебаҳо шавад.

## 135

Ҳичрони ёр оҳи дил аз ҷон баровард,
Чун барги бед ханҷару пайкон баровард.

Ҳар қатраи сиришк зи чашмам чакад ба хок,
Тухме шавад, ки донаи хирмон баровард.

Аз шавқи остони ту бар сар кунад насим,
Гарде, ки аз замини гулистон баровард.

Баҳри нисори фарқи шаҳи комьёби ман
Гардун гули ситора ба домон баровард.

Наққоби чарх агар шиканад тешаи ҳилол,
Мушкил, ки ҷавҳаре чу ту аз кон баровард.

Хоре, ки дар дарун халадам з-ихтилофи бахт,
Хунобам аз ҷароҳати пинҳон баровард.

Хору хас аз замин надамад дар баҳори ман,
Наврӯзи хасм лолаву райҳон баровард.

Чун қатраҳои хуни ҷигар нест қиматаш,
Гар дил ҳазор лаъли Бадахшон баровард.

Дӯшаш ба хоб дидаму гуфтам, ки то ба кай,
Макнуна аз фироқи ту афғон баровард.

## 136

Умед ҳаст, ки субҳи умеди мо бирасад,
Ниҳояти шаби зиндонии бало бирасад.

Ба юмни чоки гиребони номуродон боз
Мурод чуст кунад, домани қабо бирасад.

Хароши нохуни бегонаи ҳарифонро,
Зи лавҳи дил биравад, ҳарфи ошно бирасад,

Ба реги манзили Лайлӣ, ки марҳами алам аст,
Зи роҳи бодия Қайси бараҳнапо бирасад.

Чу шамъ дар шаби ғам равшанам кунанд аз ғайб,
Равад сиёҳиву парвонаи зиё бирасад.

Насими субҳ, ки дил бастаем бар нафасаш,
Нафас кушояду анфоси дилкушо бирасад.

Сипеҳри пир кашад пунбаи нуҷум аз гӯш,
Зи айни ҳуш ба мазмуни моҷаро бирасад.

Асири ҳалқаи гесӯи ӯст Макнуна,
Ба савби олами ҷамъият аз куҷо бирасад?

## 137

Боз бахтам сари шӯрида ба сомон овард,
Хизри роҳам шуду то чашмаи ҳайвон овард,

Тани озурдаам аз гарди раҳ омад чу насим,
Гирдбоде, ки ман аз роҳи биёбон овард.

Чашми муштоқ ба савдои ту чун бодаву нуқл,
Шарҳи ошуфтагию ҳоли парешон овард.

Сурати хубии ҳолам, ки набудӣ мумкин,
Оқибат рӯй дар оинаи имкон овард.

Шоҳиди бахти ман аз айни сиёсат бо ғайр
Сурмаи арбада дар наргиси фаттон овард.

Буд Макнуна чу мӯре, ки ба бӯе муштоқ,
Ҳудҳуди хушхабар анфоси Сулаймон овард.

## 138

Шабе базми висолаш бар дилам беихтиёр омад,
Баҳори хуррамӣ чун май зи ҳар сӯ дар канор омад.

Чаро бар худ наларзад ҳамчу барги бед аъзоям,
Насими муждаи шавқаш ба ҷонам ошкор омад?

Танам шуд нотавон аз шӯриши тӯфони ашки ман,
Ба вайронӣ магар сели бало аз кӯҳсор омад?

Зи аҳволи шабу рӯзи ҷаҳон дил ҳаст мустағнӣ,
Маро аз зулфи ӯ лайлу зи рӯи ӯ наҳор омад.

Магар он нозанин бар қатли ман имшаб камар
баста,
Ки ҷонам аз чӣ чун симоб бе сабру қарор омад?

Агар сад кӯҳи ғам ояд, нахоҳад шуд хам абрӯям,
Ба ишқаш ин дили шӯридаи ман устувор омад.

Қадам нанҳад бурун аз ҳалқаи сабру
таҳаммулҳо
Агарчи қисмати Макнуна дарди бешумор омад.

## 139

Боз меоянд насими субҳ, бӯе мерасад,
К-аз гулистони вафо фархундахӯе мерасад.

Парда бармедорад аз рухсори мақсуде, ки буд,
Ғояти ҳар мақсадею орзуе мерасад.

Пунбаи ғафлат зи гӯши ҳуш берун мекунам,
К-аз паси девори ғайбам гуфтугӯе мерасад.

Мерасад файзе ба мулки дил, аҷоиб раҳматест,
В-ин аҷоибтар, ки дарьёе ба ҷӯе мерасад.

Бандаи оҷиз ба мӯе мекашад кӯҳи виқор,
Баҳри иззат сояи кӯҳе ба мӯе мерасад.

Он ки чун гул дар баҳори ҳусн мерезад арақ,
Мекунад тӯфону баҳри шустушӯе мерасад.

Дар санои шаҳриёри хеш ин Макнунаро,
Шукрулиллаҳ, дар муҳаббат обрӯе мерасад.

## 140

Ҳамчу гул аз синаам чоки гиребон шӯъла зад,
Шамъ о-осо забонам дуди афғон шӯъла зад.

Оташин ҳусн аст зеби гулшани рухсори ӯ,
Аз хати пушти лаби ӯ бӯи райҳон шӯъла зад.

Қоматаш дар ҷилва меовард чун товуси маст,
Чашми ҳайрат аз сарам то зери домон шӯъла зад.

Устухонамро шарори шавқи дил печидааст,
Гӯиё оташ бар атрофи найистон шӯъла зад.

Буд бо бӯи насими сунбулаш сад дил асир,
Ҳамчу хол аз гӯшаи лаб ҷавҳари ҷон шӯъла зад.

Ҷаъди мушкин шуд ба ҳусни орази ӯ зеббахш,
Хун шав, эй дил, дуди куфр аз нури имон шӯъла зад.

Лолаосо яъси мақсад шуд гиребонгири ҷон,
Аз дили Макнуна имшаб доғи ҳиҷрон шӯъла зад.

## 141

Сарве, ки майли ошиқи безар намекунад,
Нақди равон супурдаму бовар намекунад.

Шамъе, ки равшан аз нафаси оташини мост,
Як шаб саре ба хилвати мо бар намекунад.

Бар чашми мо намениҳад аз мимсиҳи [1] қадам
Яъне ба хоки роҳ баробар намекунад.

Аз ҷоми мо, ки соғари Ҷам як ҳубоби ӯст,
Гар оби кавсар аст, лабе тар намекунад.

Сар мениҳем дар қадамаш то кушад ба ноз,
Он турки шӯх даст ба ханҷар намекунад.

Рухсор менамояду дил мебарад, вале
Дар ҳусн зебу зинату зевар намекунад.

Ҳам хол зери наргиси ҷоду намениҳад,
Ҳам сурма дар ду чашми фусунгар намекунад.

Ин турфа турк Каъбаи дилҳо хароб сохт,
Он мекунад ба наъра, ки кофар намекунад.

Бо он, ки баҳри синаи решу дили фигор,
Ғайр аз ду кор санъати дигар намекунад.

---

[1] *Мимсиҳи* — мола, андова.

Гоҳе харошп сина ба роҳат кунад бадал,
Гоҳ он кунад ба ғамза, ки наштар намекунад.

Дар ҳайратам, ки баҳри чӣ дил дар чунин бало
Фикре ба ҳоли ошиқи музтар намекунад?

Ин ҷаври бениҳояту ин зулми беҳисоб,
Макнуна аз чӣ нусха ба дафтар намекунад.

## 142

Он моҳ ба ман итоб дорад,
Ин хонаи дил хароб дорад.

Равшандиҳи зулмати асирон,
Аз оразаш офтоб дорад.

Бо зулф кунад ба худ муқайяд,
Бар гардани дил таноб дорад.

Аз ёр ба ошиқон тараҳҳум
Ҷурме набувад, савоб дорад.

Аҳволи дили шикастаи ман,
Дар ғамкада печутоб дорад.

Холу хати ӯ ба сафҳаи рух
Мазмуни дусад китоб дорад,

Макнуна зи ҳаҷри гул-узораш
Чашмони аҷаб пуроб дорад.

## 143

Ба гулзори хаёлат мурғи дил фарьёд месозад,
Навояш хонаи ушшоқро обод месозад.

Ба доми зулфи он сайёд чандин бандҳо дорад,
Гирифтороии чандинсола кай озод месозад?

Тапад дил, медавад ашку ба ҷонам беқарориҳост,
Намедонам магар девонаҳоро ёд месозад?

Ба ин бетоқатӣ дар ҳаҷр ҳайрони ғами ӯям,
Кай он аз бодаи базми висолаш шод месозад?

Ба ҳангоми ҷудоӣ сеҳрсози гардиши гардун
Ба заҳри талхии айём дил муътод месозад.

Зи зулфи саркашаш ошуфтагиҳо дар бағал дорам,
Бинои хуррамиро ҳамчу гул барбод месозад.

Нумӯе ёфтам, Макнуна, дар боғи висоли ӯ,
Ки гулшан бар гули бахтам муборакбод месозад.

## 144

Кардам аз ёди рухат дар ҳар чаман фарьёду дод,
Сӯхтам чандон, чу шамъ андар лаган, фарьёду дод.

Чун парӣ парвоз кардию ниҳон гаштӣ зи чашм,
Аз ҷунун дил мекунад андар чаман фарьёду дод.

Ҳар шаб аз савдои холи анбаринат мекунад,
Атру бӯи нофаи мушки Хутан, фарьёду дод.

Эй фироқат оламеро дар фиғон андохта,
Мекунад аз беқарорӣ марду зан фарьёду дод.

Чархи каҷрав он замон, к-аз ёри ӯ карда ҷудо,
Мекунад Макнуна дар байтул-ҳазан фарьёду дод.

## 145

Агар боди сабо бо сабза аз ёрони ҷонӣ шуд,
Арӯсони чаманро вақфи наврӯзи ҷавонӣ шуд.

Паи наззораи чинниқабоёни чаман дигар
Бисоти сабзаву гул тахтаи тасвири Монӣ шуд.

Ба боғи даҳр ҳамчун ғунча мурғони чаман умре,
Дигар хӯрданд, то рухсораи гул арғувонӣ шуд.

Ба санъатхонаи хайёти қудрат нахли бӯстонро,
Либоси хуррамӣ чун умри сармад ҷовидонӣ шуд.

Ниҳоли компронӣ кард рӯзӣ, ҳамчу маҳрумон
Ба доғи ташнагӣ бе обу ранг аз нотавонӣ шуд.

Баромад охир аз дарьёи раҳмат абри фирӯзӣ,
Замини шӯра гавҳарбахши оби зиндагонӣ шуд.

Ғубори ташнаҳолӣ рафту омад муждаи кавсар,
Ниҳоли ташна сероб аз зулоли зиндагонӣ шуд.

Чу булбул дар хаёли он гули ҳусни паризоде
Дили девонаи Макнуна фарьёду фиғонӣ шуд.

## 146

Боз кишти амалам нашъунамо пайдо кард,
Навбаҳори ғаразам лутфи ҳаво пайдо кард.

Он қадар суд чу оина дил аз рӯи ниёз
Бар дари дӯст, ки сад гуна сафо пайдо кард.

Даст дар гардани дил кард марову ҷон рафт
Ҳар ҷароҳат, ки зи занҷири бало пайдо кард.

Қурси доғи дили овора сиёҳӣ андохт,
Тӯшае баҳри сари кӯи вафо пайдо кард.

Бахти саргашта, ки маншури ситамкорӣ дошт,
Меҳри дил гармии туғрои вафо пайдо кард.

Дил, ки чун уд зи чанги табн ғам менолид,
Барқарор омаду қонуни шифо пайдо кард.

Шуд дили хаста ба сарманзили аслӣ роҷеъ,
Он қадар беҳуда гардид, ки ҷо пайдо кард.

Ҳар фурӯғе, ки чароғи дили ғамгин дорад.
Ҳама аз оташи Макнуна зиё пайдо кард.

## 147

Ёр агар хандазанон ғунчаи тар бикшояд,
Гиреҳе аз дили ин ташнаҷигар бикшояд.

Гуҳари босира мерезаму ёқути сиришк,
Қуфли ёқут агар аз дурҷи гуҳар бикшояд.

Бишканад тӯтии ҷонам қафаси ҷисми заиф,
Сабзхатти ман агар тунги шакар бикшояд.

Гар сари зулф зи пои дили девона кушуд,
Дил, дили ӯст, агар бандаду гар бикшояд.

Ёр хуршеду рақиби мани ҳайрон хаффош,
Бар ҷамолаш натавонад, ки назар бикшояд.

Он ки ҳар дам ба дили танги ман аз тири миҷа,
Баҳри омад-шуди ғам роҳи дигар бикшояд.

На ҳариф аст, ки дар мастиву дар ҳушьёрӣ,
Ҷома чун ғунча, қабо чун гули тар бикшояд.

Инчунин шаъбадабозе, ки манаш мебинам,
Нақди ҳусн аз гиреҳи зулфи қамар бикшояд.

Оҳ аз он шамъ, ки чун гарм кунад маҷлиси ҳусн,
Надиҳад мӯҳлати парвона, ки пар бикшояд.

Шуд камон қомати Макнуна зи бори ғаму дард,
Оҳ, агар тири дуоҳои саҳар бикшояд.

## 148

Ҳар хай, ки аз хати рухи ҷонон фурӯ чакад,
Чун шабнамест, к-аз гулу райҳон фурӯ чакад.

Зулфайни хам ба хам чу кушояд ба роҳи бод,
Аз ҳар тараф матои дилу ҷон фурӯ чакад.

Ҳар дам зи ҳасрати лабу дандони ӯ маро
Аз ҳар ду дида лӯълуву марҷон фурӯ чакад.

Чун бигзарад хаёли лаби ёр дар дилам,
Аз кони дида лаъли Бадахшон фурӯ чакад.

Дар орзуи донаи холаш саводи чашм
Ҳамроҳи оби дидаи гирьён фурӯ чакад.

Доғи дили ман аст, чу лаб бар қадаҳ ниҳад,
Ҳар қатра, к-аз лабаш ба занахдон фурӯ чакад.

Аз лутфи акси он тани нозук ба доманаш,
Шояд, ки тугмаҳои гиребон фурӯ чакад.

Бинад чу акси моҳие абрӯи ӯ дар об,
Зардӣ зи чашми наргиси бӯстон фурӯ чакад.

Чанд аз ҷафои зоҳиру пинҳони ӯ маро
Хуноба аз ҷароҳати пинҳон фурӯ чакад.

Бар ҳоли зори хастаи Макнуна ҳар саҳар,
Ҳамчун шаҳоб фитнаи даврон фурӯ чакад.

## 149

Ниҳоли гулшани ҷонро баҳори тоза пайдо шуд,
Ниҳоди гулрухонро хор — хори тоза пайдо шуд.

Назар бастанд бози шӯх чашмони камонабрӯ,
Ки дашти фитнаро мардумшикори тоза пайдо шуд.

Аз ин саққфи куҳан ҳаргиз чунин файзе нашуд нозил,
Фалакро з-ин такаллуф эътибори тоза пайдо шуд.

Гуҳар, гӯ, бигзар аз дарьёу дарьё, гӯ, биҳил гавҳар,
Ки дарьёҳиммате гавҳарнисори тоза пайдо шуд,

Нахоҳад дида ҳусни боғу лутфи оразинасрин,
Ки боғи ҳуснро насрин-узори тоза пайдо шуд.

Зи ҳаҷри хатту рӯи лолагунаш чун шаби мотам,
Дили Макнунаро рангу ғубори тоза пайдо шуд.

## 150

Чу ёри ман ба чаман ҳар замон хиром кунад,
Сабо занад ба адаб, гул ба ӯ салом кунад.

Бигӯ ҷиҳозкаши нашъа пештар биравад,
Зи баҳри бода агар дастро ба ҷом кунад.

Зи бениқобӣ нишинад агар ба маснади ҳусн,
Фурӯғи партави хуршедро ғулом кунад?

Чаро ба худ накунад сайд мурғи дилҳоро,
Зи хол донаву аз зулфи хеш дом кунад.

Ба дарду оҳ наарзад ба ним соати ҳаҷр,
Ба васл агарчи бадал ишрати мудом кунад.

Ба лутфи халқ чу Макнуна кам шавад мӯҳтоҷ,
Касе, ки ҳамди худо вирди субҳу шом кунад.

## 151

Ёри ман бо ханҷари нози мижа бебок шуд,
Синаам чун гул ба ин гулшан саросар чок шуд.

Ҳамчу оташ дар фироқат чанд месӯзӣ маро,
Бе ту ҳар обе, ки хӯрдам, заҳр чун тарьёк шуд.

Аз ғуборам кай намояд бар фалак нақши ҳилол,
К-аз суҷуди тоқи абруят сари ман хок шуд.

Қомати сарви баландат кард ҷавлон бар замин,
Дуди оҳи оташинам бар сари афлок шуд.

Ҳамчу гул рухсораат аз мастии май гашт сурх,
Ҳар куҷоям бар сари дил соя барги ток шуд.

Ҳайрате дорам, ки мурғон дар куҷо гирад қарор,
Оташи ман сӯхт дар ҳар ҷо хасу хошок шуд.

Дил бувад, Макнуна, ҳамчун бӯта доим дар гудоз.
То ҳавас андешаи он рӯи оташнок шуд.

## 152

Хаёлам чун зи ҳусни орази ӯ тарзи гулшан шуд,
Саропоям зи ҳайрат чун пари товус хирман шуд.

Нигоҳи ғамзаомезаш зи мижгон чун бурун омад,
Дилам чун донаи бодом пур аз захми сӯзан шуд.

Ба уммеде, ки тобад партави хуршеди рухсораш,
Ду чашмам бо саводи хонаи ҷон ҳамчу равзан шуд.

Чу шабнам бар сари гул дурам аз оини худдорӣ,
Ба олам чун агар хуршеди рӯи ёр равшан шуд.

Дар он ҳангом бо гулзори ҷаннат дар хиром омад,
Зи ҳаҷри ӯ чу гул чоки гиребон то ба доман шуд.

Танамро сӯхт чандон, ҷон гудохт аз оташи ишқаш,
Шудам хокистару охир мақомам ҷой гулхан шуд.

Зи ҳаҷраш мекунад Макнуна бо чандин забон, нола,
Саросар ҷисми ман дар боғи ҳасрат ҳамчу савсан шуд.

## 153

Вақти он, аст ки ҷон аз паи ҷонон гардад,
Рӯзу шаб дар талабаш бесару сомон гардад.

Дар ҳавои сари он кӯй зияд ҳамчу ғубор,
Ки танаш хоку ҳаво дар тани ӯ ҷон гардад.

Дар раҳи ишқ ғуборе шавад аз заъф, вале
На ғуборе, ки ба ҳар бод парешон гардад.

Ҳар кӣ дар роҳи талаб гум накунад пай, чун Хизр
Кай дилаш бехабар аз чашмаи ҳайвон гардад?

Ҳаст дилро пас аз ин вақти пушаймонӣ, агар
Сухани ман накунад гӯш, пушаймон гардад.

Эй шабу рӯз асири қафаси оламӣ хок,
Дар хаёли ту куҷо равзаи ризвон гардад?

Гар шавӣ воқиф аз ин гунбази бе равзану дар,
Бар дилат тангтар аз гӯшаи зиндон гардад.

Бол бикшою гузар кун ба сӯи олами қудс,
То тамошогаҳи ҷони ту гулистон гардад.

Ҳар кӣ аз хоки раҳи фақр кашад сурмаи чашм,
Хоки пояш зи шараф сурмаи аъён гардад.

Инчунин к-аз чамани васли ту афрӯхт чу гул,
Дили Макнуна, сазад, рашки гулистон гардад.

## 154

Агар аз ишқи бутон рахна дар имон бошад,
Кофирам, гар ба ҷаҳон ҳеҷ мусулмон бошад.

Туӣ он мардумаки дида, ки дар хизмати ту,
Ҳар тараф баста сафе чун сафи мижгон бошад.

Доман аз ҷайб надонам зи ғамат, айб макун,
Агар аз дасти туам чок гиребон бошад.

Дидаамро, ки дар ӯ акси лабат сохта ҷой,
Хотаме дон, ки нигин лаъли Бадахшон бошад.

Рӯзи ҳиҷрони ту сад гуна ғамам пеш ояд,
Кош дар ишқ ҳамин як ғами ҳиҷрон бошад.

Чунки дар бар фиғанӣ пираҳани ишваву ноз,
Эй ки сад ҳамчу манат волаву урьён бошад.

Мағриби меҳри ду рухсори ту доман гардад,
Машриқи субҳи ҷамоли ту гиребон бошад.

Фитнаҳо рост шавад бар дару девор он ҷо,
Ки қадат сояфиган гашта хиромон бошад.

Бар рухат холи ту чун сояу хуршед бувад,
Дар дилам меҳри ту чун Юсуфу зиндон бошад.

Ту, ки дармони дили реши гирифторонӣ,
Ҳар киро дил зи ту реш аст, чӣ дармон бошад.

Баҳри Макнуна, биё, ҷамъ намо турраи хеш,
Магузораш, ки бадин навъ парешон бошад.

## 155

Дилам аз лутфи ту нақди дилу дин пайдо кард,
Заррае рифъати хуршеди барин пайдо кард.

Бар дари аршпаноҳат дили саргаштаи ман
Бегумон омаду меърочи яқин пайдо кард.

Ҳимматам хотами иқбол бувад аз кафи ғайр,
Омад иқболу Сулаймону нигин пайдо кард.

Дили зорам чу чароғи саҳар аз равғани чашм
Зиндагӣ аз нафаси бозпасин пайдо кард.

Кушт парвонаи мақсуд аларрағми ҳасуд
То чароғи дили бедорнишин пайдо кард.

Ошиқ аз гирья ба хоки қадамат ёфт мурод,
Тухми хушнудӣ аз ин обу замин пайдо кард.

Аз хаёли хату холи рухи ӯ Макнуна
Барги райҳону дигар нофаи Чин пайдо кард.

## 156

Шукри худо, ки дил ба диери вафо расид
В-аз гулшани мурод насиме ба мо расид.

Гумроҳи ташнаҳол ба юмни вуҷуди Хизр
Аз зулмати фано ба зулоли бақо расид.

Оворае, ки сар ба биёбон ниҳода буд,
Аз гарди раҳ ба Каъбаи сидқу сафо расид.

Аз ҷаври баргрези ҷафо мурғи бенаво
Бе барг буд, боз ба баргу наво расид.

Умре гадои ғамзада авроқи сабр хонд,
Оҳир ба ганҷномаи лутфи ато расид.

Ҷӯёи гавҳар об шуд, азбаски қатра зад
В-он об қатра-қатра ба баҳри ҳаё расид.

Дил сад ҳазор нақши мухолиф бар об зад,
То оқибат ба соғари гетинамо расид.

Ҷое, ки тоири хирад он ҷо намепарад
Дар ҳайратам, ки чун дили бедасту по расид.

Ин қатра чун зи парвариши баҳр шуд гуҳар?
Макнуна чун ба мартабаи кимиё расид?

## 157

Нози ту чашми масти туро нуқли ҷон диҳад,
Лаълат ҳазор хона ба боди забон диҳад,

Ҳар мурғи дил, ки чашми сиёҳат кунад асир,
Аввал ба дасти ғамзаи номеҳрубон диҳад.

Болои дилкашат дили мардум барад, вале
Боло барад, ба кокули анбарфишон диҳад.

Чун шакли маҳ дар об чу сурат дар оина
Акси рухат ба қолаби афсурда ҷон диҳад.

Ҳар гаҳ гумон барам, ки лабат мекушад маро,
Ояд яқин, ки бӯса ба пои гумон диҳад.

Ҷон медиҳам ба пои ту дар ҷӯйбори умр
Чун боғбон, ки об ба сарви равон диҳад.

Гар ҷои соя ҷон талаби дар чаман зи сарв,
Дуд аз ниҳоди сарв барояд, равон диҳад.

Гум кард дар саводи бало бахти мудбирам,
Кӯ муқбиле, ки роҳи саломат нишон диҳад?

Чун барги гул ба бод диҳам дафтари фироқ
Бошад, ки васл бо дили Макнуна ҷон диҳад.

## 158

Баҳри ҷавлон он парӣ ҳар сӯ хиромон меравад,
Бар тамошояш ҷунуне сохта, ҷон меравад.

Аз лаби нӯшини ӯ баҳри табассум мавҷ зад,
Баҳри побӯсаш зи кон лаъли Бадахшон меравад.

То ба дӯши ман расида меҳнати бори фироқ,
Аз дил орому зи пойи ҷисм дармон меравад.

Сӯхтам дар оташи ҳиҷрони рухсори нигор,
Хотири ман кай тамошои гулистон меравад?

Аз сабо чун шуд мушавваш турраҳои зулфи ӯ,
Ҳамчу сунбул бӯи фикри дил парешон меравад.

Ҳар кӣ ҳусни ёр бишниду вале рӯяш надид,
Аз ҷаҳон дар орзуи ӯ пурармон меравад.

Аз фироқи рӯи Макнунаи мо шуд солҳо
Ҳамчу оби чашма бо ду чашми гирьён меравад.

## 159

Чун дари боғи висолаш бар рухам масдуд шуд,
З-ин сабаб оинаи дилҳо ғуборолуд шуд.

Дар баҳори мавсими гул нест абре бар фалак,
Аз уруҷи оҳи ман олам саросар дуд шуд.

Бар шикасти ранги рухсори хазонангези ман
Аз самуми дашти ҳиҷрон сад бало мавҷуд шуд.

Хуррамӣ дар васли ӯ дидему ҳиҷрон нест кард,
Дар сиришти тинати мо он чӣ ҳақ фармуд, шуд.

Сӯхт дил дар ишқу бӯи ӯ ҷаҳонеро гирифт,
То димоғи ҷони аҳли дард атролуд шуд,

Аз суҷуди тоқи абруяш касе дорад ибо,
Ҳамчу шайтон аз дари аҳли вафо мардуд шуд.

Бо хаёли ғамзаҳои чашмҳои сурмасо,
Чун ғубор аз дарду ғам Макнунаам нобуд шуд.

## 160

Дар манзиле, ки ҷилваи рухсори ёр шуд,
Ҷаннат шуду чаман шуду гул шуд, баҳор шуд.

Холу хаташ ба гулшани ҳуснаш, ки атр рехт,
Райҳон шуду чу сабза шуду мушкбор шуд.

Чашмам ба роҳи орзуи нури оразаш,
Ҳайрат шуду нигоҳ шуду интизор шуд.

Ҷисмам зи оташи ғами ҳиҷрони ӯ бисӯхт,
Товус гашту доғ шуду лолазор шуд.

Дил дар фироқи партави хуршеди рӯи ӯ
Симоб гашту зарра шуду беқарор шуд.

Андар хаёли базми висолаш ду дидаам
Шабнам шуду назора шуду ашкбор шуд.

Дар шишаи дилам чу макон сохт он парӣ,
Мақнуна ҳамчу оҳи саҳаргаҳ ғубор шуд.

## 161

Таънаҳои фалак ошуфтадимоғам дорад,
Субҳ бо чоки дилу шаб ба чароғам дорад.

Лаззати дарди туро умри абад медонад,
Оби ҳайвон хабар аз чашмаи доғам дорад.

Хори пироҳани субҳ аст гули савдояш,
Он ки чоки ҷигар ороиши боғам дорад.

Чун шавад гирья, ки садди раҳи тавфиқи ман аст?
Нақши по оинаи роҳи суроғам дорад.

Кам сухан дидаму аз кор шудам, Макнуна,
Лаби хомӯши ту саргарми аёғам дорад.

## 162

Дил чу хун шуд, нози ашки пардадар натвон кашид,
Миннати хушк ин қадар аз чашми тар натвон кашид,

Вусъати ошӯби дилтангӣ надорад рӯзгор,
Ҷуз муҳаббат дар дилам нақши дигар натвон кашид,

Ашки оламсӯзи ошиқ сайди мижгон кай шавад?
Нусхаи ашки маро дар баҳру бар натвон кашид.

Оташ аз оташ тавонад бурд бар дил сӯхтан,
Риштаи тасхир дар ақди шарар натвон кашид.

Мо куҷо, дасти гиребон пора кардан аз куҷо?
То набошад фурсате, оҳ аз ҷигар натвон кашид.

Мегузорам дидаю рози ту мешӯям зи дил,
Ҷуз сафо оинаро нақши дигар натвон кашид.

Шоми мо то ҳашр агар торик бошад, беҳтар аст,
Миннат аз ҳамроҳии Хизри саҳар натвон кашид.

Дидаи матлабраво навмедии Макнуна буд,
Даст аз домони оҳи беасар натвон кашид.

## 163

Нигори ман, ки хами турраи дуто дорад,
Ба турра аз ғами дилҳои мубтало дорад.

Сияҳ зи сурмаи бегонагӣ бувад чашмаш,
Лабаш агарчи суханҳои ошно дорад.

Шавад зи чашму лабаш маргу зиндагӣ ҳосил,
Нигоҳи қотилу гуфтори ҷонфизо дорад.

Шудам ғубор зи ҳиҷрони ёр дар талабаш,
Ғубори ман сари ҳамроҳии сабо дорад.

Зи бим дар паяш оҳиста меравам, к-он шӯх
Гумон барад, ки магар соя дар қафо дорад?

Чунин ки зоти ҳунарпарвари сухандонат,
Ду гӯши ҳуш ба табъи сухансаро дорад.

Ба сайри киштии Макнуна нест ёрии кас,
Зи нохудо накашад миннат ӯ, худо дорад.

## 164

Чун бар он рух донаҳои хол зевар мешавад,
Хол-ҳолу ҳол-ҳусну ҳусн-ҷавҳар мешавад.

Талхкомонро ба соғар аз лабу дандони ӯ,
Заҳр-шаҳду шаҳд-ширу шир-шаккар мешавад.

Бар раги ҷонам зи сеҳри чашму нози ғамзааш
Фитна-мӯю мӯй-хору хор-наштар мешавад.

Аз ғами чун растахезаш бар шаҳидони фироқ
Субҳ-шому шом-рӯзу рӯз-маҳшар мешавад.

Дар шаби тӯфони хунхорони дарьёи ғамаш
Гирья мавҷу мавҷ-баҳру баҳр-соғар мешавад.

З-эътидоли гулбуни болову нахли дилкашаш
Соя-сарву сарв-нахлу нахл-пурбар мешавад.

Чеҳра рангин карда з-онсон к-аз дами донои даҳр
Хок-сабза, сабза-лола, лола-аҳмар мешавад.

То бубинад гулшани сарсабзи иқболаш ба чашм,
Абр-жола, жола-наргис, наргис-ахтар мешавад.

Аз наи килки хаёли хастаи Макнунаам
Ақл-фаҳму фаҳм-табъу табъ-музтар мешавад.

## 165

Ёр аз ҷавлон агар дар боғ қомат мекашад,
Сарв баҳри тӯҳфааш рахти хиҷолат мекашад.

Сӯхт дил дар оташи ёре, надорад чорае!
Ҳар киро дардест, дору бар ҷароҳат мекашад.

То нагардад хам ҳилолосо зи нози абрӯяш,
Заъфи дӯши мо куҷо, бори маломат мекашад?

Ҳар касе махмур шуд аз бодаи бӯси кафаш,
Ҳамчу гул хамьёзаи оҳи надомат мекашад.

Буд Хизр аз чашмаи чоҳи занахдонаш хиҷил,
Хатти ӯ ҳар рӯз аз ӯ оби назокат мекашад.

Гар табассум аз лаби ӯ дурри дандон во кунад,
Мавҷи ҳасрат шӯр аз баҳри қиёмат мекашад.

Гулшани ҳуснаш хиҷолатбахши боғи ҷаннат аст,
Аз намакдони лабаш шӯри қиёмат мекашад,

Сӯхт Макнуна агар дар оташи ҳиҷрон, чӣ бок?
Чун паямбар дар шикам санги қаноат мекашад.

## 166

Нолаи саҳаргоҳам ҳамчу най асар дорад,
Чун нафас тапад ҳар кас, гӯши дил агар дорад.

Шаб, ки дар хаёли ман ёр мекунад ҷавлон,
Лек ҷон ба тан худро баски бехабар дорад.

Меҳри оламафрӯзаш дар ҷаҳони ҳайронӣ,
Шукри ҳақ, ки бар ҳолам гӯшаи назар дорад.

Нолаҳои дардомез лаззатест дар дилҳо,
Килки мушк-афшонам бар забон шакар дорад.

Мепарад ду чашми ман аз насими пайғомаш,
Аз ду ҷунбиши мижгон чунки болу пар дорад.

З-он баҳор Макнуна гирья муждаҳо дорад,
Нахли бахти ӯ сабз аст, ҳар кӣ чашми тар дорад.

## 167

Нашъаи ранги май аз рухсори ҷонон гул кунад,
Чун пари товус бар тан чашми ҳайрон гул кунад.

Бехудам аз бодаи мавҷи табассумҳои ӯ,
Аз лабаш чун соғари лаъли Бадахшон гул кунад.

Гулшани ҳуснаш, ки зинатбахши боғи ҷаннат аст,
Аз шамими хатти сабзаш бӯи райҳон гул кунад.

Гар сабо дорад парешон турраҳои зулфро,
Шонаосо аз дилам чоки гиребон гул кунад.

Умр бигзашту газидам аз надомат дастҳо,
Аз кафам то субҳи маҳшар захми дандон гул кунад.

Булбулосо бо хаёли гулшани рухсори ӯ,
Бар лаби Макнунаи мо оҳу афғон гул кунад!

## 168

Фиғон, ки чархи ҷафопеша бар мани ношод
Камони ҷавру хаданги ҷафо кашиду кушод.

Ҷаҳон чунин ки дари хушдилӣ ба рӯям баст,
Чӣ сон ба хотири ғамгин вазад насими мурод?

Замона баҳри ҷафо ёди бедилон орад,
Чӣ толеъест, ки ҳаргиз нарафтамаш аз ёд?

Сипеҳр бо ҳама дандони ахтарон, ҳаргиз
Гиреҳ зи кори фурӯбастаи касе накушод.

Шафақ ба чарх набошад, аҷаб, ки нест ғариб,
Агар ба хун бувад олуда домани ҷаллод.

Ҳамон камингаҳи умрест ин ҷаҳон, ки дар ӯ,
Фалак рабуд кулоҳи Каю қабои Қубод.

Нафас мазан, сари худро нигоҳдор, ки нест
Ба ғайри тафриқа мушти ғуборро аз бод.

Ба ҷайби фақр бикаш сар, ки баҳри гардани мо
Гирифта чархи муонид ба каф каманди инод.

Зи кутми ғайб кунад рӯзгор ҳар соат
Барои хотири Макнуна меҳнате эҷод.

## 169

Боз насими чамани ҷон расид,
Бӯи гули равзаи ризвон расид.

Ғунчаи гулзори мурувват шукуфт,
Роиҳаи гулшани ҷонон расид.

Рӯзи дилафрӯзи висоли ҳабиб
Баҳри заволи шаби ҳиҷрон расид.

Ҳамраҳи бод аз сари бозори Миср
Бӯи хуши Юсуфи Канъон расид.

Соқии паймонаи базми мурод
Бори дигар бар сари паймон расид.

Хомаи уммед забон тез кард,
Номаи мақсуд ба унвон расид.

Аз дами ҷонбахши масиҳодаме
Дарди дили хаста ба дармон расид.

Оҳ, насими нафаси хулқи ӯ
Баҳри шикасти гулу райҳон расид.

Аз асари ҳаҷри гули рӯи ёр
Хори ғами даҳр ба домон расид.

Ҳар шабе лабташнаи Макнунаро
Ҷон ба лаб аз меҳнати даврон расид.

## 170

Кучо шуд он, ки гули базми чуръахорон буд,
Чу бахти мушфики баргашта рӯзгорон буд.

Ба холу хат ракам мурда зинда кардан дошт,
Ба ҳусн оби рухи ҷумла гул-узорон буд.

Куҷо шуд он маҳи равшан, ки дар хазонаи чарх,
Ҷамоли ӯ гуҳари тоҷи шаҳриёрон буд.

Асири ҳалқаи доми ҳалок шуд шере,
Ки рӯзи маърака, сарҳалқаи саворон буд.

Ба хоки тира ҷаро рехт аз насими аҷал
Гуле, ки чашму ҷароғи умедворон буд?

Ҷаро ба боди фано рафт тоҷи ӯ чу ҳубоб,
На оқибат сару сардори тоҷдорон буд?

Зи оби дидаи Макнуна дар малол мабош,
Бувад таровати гул чун ҳуҷуми борон буд.

## 171

Дар ин ҳолат саҳоб аз чашми гавҳарбор мегирьяд,
Хизир бар чашмасору чашма бар кӯҳсор мегирьяд,

Зи фарти номуродӣ анҷуму афлок менолад,
Зи айни ноумедӣ собиту сайёр мегирьяд.

Дар ин фурқат зи ҳар сӯ бар рухи садпора аз нохун
Сияҳчашме чу абри тира бар гулзор мегирьяд.

На танҳо халқ оби дида, гирьяд мурғу моҳӣ ҳам,
Касе, к-ӯ чашм дорад, дар даме садбор мегирьяд.

Баҳор омад, на ҷӯши оби борони баҳор аст ин,
Замину осмон бар шоҳи зумиқдор мегирьяд.

Ба ёди рӯи гулранги ту ин Макнунаи бехуд
Ба ҳангоми саҳар чун андалеби зор мегирьяд.

## 172

Ҳеҷ медонӣ, ки боз ин гардиши ахтар чӣ кард?
Ҳеҷ медонӣ, ки даври чархи дунпарвар чӣ кард?

Ҳеҷ медонӣ, ки ин бадсирату ҳақношинос
Дар ҳақи султони нури чашму тоҷи сар чӣ кард?

Ҳеҷ медонӣ, ки ин нодони донишмандкуш
Аз ҳасад бо ҷони донишманди баҳру бар чӣ кард?

Ҳеҷ медонӣ, ки ин каҷбози муставлинавоз
Аз каҷӣ бо ҳазрати шоҳи накӯмаҳзар чӣ кард?

Ҳеҷ медонӣ, ки ин ҳиндуи бозигар чӣ бохт?
Ҳеҷ медонӣ, ки ин бадхӯю бадгавҳар чӣ кард?

Дод нақди умри донишманди оламро ба бод,
Ҳолати Мақнунаро ҷуз оҳу чашми тар чӣ кард?

## 173

Он ки нури шамъи хилватхонаи идрок буд,
Нури мутлақ буду не дар қайди обу хок буд.

Зоти бетимсолаш аз номи маосӣ нанг дошт,
Домани мастураш аз гарди манохӣ пок буд.

Бо гудозад шахси бетоби муориз ҳамчу мум,
Дар маҷоли фаҳм то анфоси оташнок буд.

Хонда буд аз бар ҳакими рояш аз рӯзи нахуст
Ҳар рақам к-аз неку бад бар сафҳаи афлок буд,

Дар шикори сайди маънӣ фориси идроки ӯ
Мурғи заррин боли ақлаш баста бар фитрок буд.

То баҳори зиндагонӣ ҳаст ин ҷо ҳамчу гул,
Хастаи Макнуна аз ҳаҷраш гиребончок буд.

## 174

Покдомоне, ки чун рӯҳи равон покиза буд,
Домани покаш чу гулбарги ҷанон покиза буд.

Шамъи рухсораш, ки буд аз шарм дар айни арақ,
Ҳамчу нури дидаи гавҳарфишон покиза буд.

Зоти беайбаш, ки азми ҷаннати ҷовид кард,
Ҷону тан ҳамчун биҳишти ҷовидон покиза буд.

Дида буд андомаш аз хони латофат парвариш,
Ҷисми покаш то ба мағзи устухон покиза буд.

Ҳамчу зар дар хок пинҳон кард чархи мумсикаш,
Бо тани симин, ки ҳамчун нақди ҷон покиза буд.

Ҷони улвӣ гӯшаи домони он покиза дошт,
Рӯҳи қудсӣ булбули бӯстони он покиза буд.

Қисса кӯтаҳ, чун маҳу хуршед олоиш надошт,
Рӯзу шаб, алқисса пайдову ниҳон покиза буд.

Чанд рӯзе шуд, ки дар ҳиҷрони он султони ҳусн
Дар дили Мақнуна фарьёду фиғон покиза буд.

## 175

Фиғон, к-айём иқди гавҳари мақсуд барҳам зад,
Ба боди нестӣ дарьёи ҳастӣ зуд барҳам зад.

Дигар з-ин хокдон бархост боде, к-аз самуми он
Аторуд сӯхт дафтар, Зӯҳра чангу уд барҳам зад.

Пас аз умре, ки бахти халқро шуд вақти бедорӣ,
Нигоҳе карду дар дам чашми хоболуд барҳам зад.

Фалак бурд аз самуми қаҳр оби гулшани олам,
Гулистони Халил аз оташи Намруд барҳам зад.

Замон ранги дигар гардид, ҳоли оламе бад шуд,
Сипеҳр ангехт шӯре, олами беҳбуд барҳам зад.

Қазо султони оламро ба зери хок пинҳон кард.
Аз ин Макнунаи мискин, зиёну суд барҳам зад.

## 176

Эй гули рӯи туро чашми тамошо хуршед,
Тугмаи банди қабои ту муҳайё хуршед.

Гар на рӯз аз нафаси шавқи ту гарм аст, чаро
Пӯшад аз нури саҳар ҷомаи якто хуршед?

Чарх додат зи маҳи даҳшаба танбӯри тараб,
Тори зар баста ба сад меҳр бад-он ҷо хуршед.

Шамъ шаб хост ғуломи ту, малойик гуфтанд,
К-аз ту пардохтани сӯҳбату аз мо-хуршед.

Ҳар кӣ аз меҳри ту холист, зи шаб тиратар аст,
Гар ба сони фалакаш ҳаст бар аъзо хуршед.

Гули хулқи ту насимест, ки дар субҳи азал
Аз шамими нафасаш ёфта эҳьё, хуршед.

Ҳусни рӯи ту сабеҳест, ки аз файзи дамаш
Ҳамчу гул раста зи нахли шаби ялдо хуршед.

Доғҳо гашта зи ҳаҷри рухи ӯ Макнуна,
Лолаосо ба дили ӯ шуда сад ҷо хуршед.

## 177

То ба кай дида зи бедоди ту гирьён бошад,
Ҳоли ман чун сари зулфи ту парешон бошад?

Дӯшам аз ҳайрати дурӣ мижа барҳам нарасид,
Эй хуш он дида, ки бар рӯи ту ҳайрон бошад!

Бозуи сабр ба як сӯ нaниҳад бори фироқ,
То магар васли ту ҳампанҷаи ҳиҷрон бошад.

Тавқу зиндон ба дуо металабанд аҳли ниёз,
Агар ин ғабғабу он чоҳи занахдон бошад.

Ҳолати зистану мурдани кас андак нест,
Турфа ин аст, ки дар пеши ту яксон бошад.

Дасти қудрат ба рухи номия зевар бандад,
Қалами сунъ дар ороиши бӯстон бошад.

Дар фазои чаман аз баҳри қудумат ҳар субҳ,
Бодро гӯи зар андар хами чавгон бошад.

Чун дили ман зи хаёли ғами тири мижаат
Ғунча машғули ҷигар хӯрдани пинҳон бошад.

Хаста Макнуна ба кулфат гузаронид басе,
Ки ҳанӯзаш асари гирья ба домон бошад.

## 178

Дар боғи навбаҳор чу он дилрабо расид,
Чандин ҳазор замзамаи ҷонфизо расид.

Чун дар чаман даромада, баҳри қудуми ӯ,
Наргис ҷудову сабза ҷудо, гул ҷудо расид.

Аз чашми ӯ чароғи дилу дида нур ёфт,
В-аз хатти ӯ ба оинаи ҷон ҷило расид.

Зебо рухаш, ки аз чамани боғи ҷаннат аст,
Дилкаш бувад, к-аз он чамани дилкушо
расид.

Макнуна сӯхт аз алами оташи фироқ,
Маҳрум шуд зи гулшани васлу ҷафо расид.

## 179

Ҳар киро ёди ту ҷо дар дили афгор кунад,
Гар бувад сурати Чин, рӯй ба девор кунад.

В-он ки гирад ба забон зикри ту бо сабҳаи ашк,
То абад номи хушат гӯяду такрор кунад.

Ба сабо бӯи ту он дод, ки гулзор диҳад,
Ба ҳаво хулқи ту он кард, ки аттор кунад.

Он қадар парда барандоз, ки лабташнаи васл,
Соғари дида пур аз шарбати дидор кунад.

Хоса, нахли қаламат баҳри самар сохтаанд
На ниҳоле, ки самар надҳаду озор кунад.

То ба ҳашр аз лаби ҳар кӯза чакад оби ҳаёт,
Гар насимат гузаре бар гили фаххор кунад.

То ки Макнунаам аз сӯз барорад нафасе,
Дили бегонанавози ту ба худ ёр кунад.

180

Боз дил оҳанги тавфи Каъбаи ҷон мекунад,
Нақди ҳастиро нисори роҳи ҷонон мекунад.

Боз чашми ашкбори ман чу абри навбаҳор,
Дар фироқаш ҳар замон аз гирья тӯфон мекунад.

Дил чу мурғи нимбисмил метапад дар хоку хун,
Ин ҳама бетоқатӣ аз дарди ҳиҷрон мекунад.

Меравад ногаҳ, ки бикшояд назар сӯям ба лутф,
Бахти хоболуди ман бозаш пушаймон мекунад.

Ғунча аз шавқи лабаш гоҳе гиребон медарад,
Гоҳ аз дасти ғамаш сар дар гиребон мекунад.

Дасти ҳиҷронат гиребонам гирифта мекашад,
Бо аҷал ҳар дам маро дасту гиребон мекунад.

То кунад дур аз дарат бесабру бесомон маро,
Бахти бесомони ман асбоб сомон мекунад.

Боди субҳ аз накҳати зулфаш димоғи ғунчаро
Чун дили садпораи ошиқ парешон мекунад.

Шоҳид аст эзид, ки ҳаргиз пири канъонӣ надид
Он чӣ бо ман фурқати он моҳи тобон мекунад.

Гар сабо бӯс наёрад ҳар дам аз пироҳанаш,
Дарди чашми ашкборамро кӣ дармон мекунад?

Сар ба пеш афканда ин Макнуна, зору нотавон,
Фикри базми васли он султони даврон мекунад.

## 181

Шаҳди каломи ту зи шаккар лазиз
В-он ду лаб аз қанд муқаррар лазиз.

Ханда ба нодонии воиз кунед,
Пеши лабаш гуфт, ки кавсар лазиз.

Қанди сафед аст ба махмур талх,
Ҳаст ба комаш маи аҳмар лазиз.

Кавсар агарчанд муқаррар бувад,
Нест чу он лаъл муқаррар лазиз.

З-он руху лаб ком гирифтам, магӯй:
«Шарбати гулқанди мухаммар лазиз».

Шаккарам аз най набувад муддао,
Хуни дил аст аз мижаи тар лазиз.

Ҳар чӣ расад аз тӯ, бувад коми ҷон,
Эй ҳама лутфи ту саросар лазиз.

Хӯрдани ғам мақсади Макнуна аст,
Нест аз ин тӯъма накӯтар лазиз.

## 182

Фишонд ғолия дар домани бунафша баҳор,
Аз он ҳамедамад аз вай шамими мушки татор.

Шуд аз шукуфа тамизи чаман зи равзаи хулд,
Ки пирро набувад дар риёзи ҷаннат бор.

Ҳазор ғунча ба шакли дил аст, хун бояд
Диле, ки кам шуда аз андалеб дар гулзор.

Ҳавошии вараҷи лола аз хати райҳон,
Бароти айш ба соқӣ навиштааст баҳор.

Гирифта лолаи сероб ҷоми май, яъне
Хуш аст май зи кафи соқиёни лола-узор.

Зи ишқ гирьякунон нола кард Макнуна,
Фишонд бар сари ӯ абр лӯълуи шаҳвор.

## 183

Бувад мулки ҷаҳон чун баҳр, он ҷо подшо — гавҳар,
Ҳаводис оқибат бишкаст бо санги ҷафо гавҳар.

Магӯ асрори дарди ишқро бо назди бедардон,
Ба бозори ҷаҳон мафрӯш бо ноошно, гавҳар.

Зи файзи ишқ маҳрум аст зоҳид, аз гаронҷонӣ,
Зи ақли сифла санги хораро донад гадо гавҳар.

Ба назди ҳақ арақҳои хиҷолат қимате дорад,
Бурун ояд ба сад иззат зи дарьёи ҳаё гавҳар.

Агар хоҳӣ баландӣ, аз кудурат соф кун дилро,
Мақоми тоҷи шоҳон аст аз ранги сафо гавҳар.

Ба рӯҳи шоҳ чун анҷум ба вақти субҳ Макнуна
Бароварда ба гардуни иҷобат аз дуо гавҳар.

## 184

Чун най дили заифи ман аз дасти он нигор
Шуд рахна-рахна оқибат аз нолаҳои зор.

Ман ҳамчу хӯша бо дили садпораву рақиб
Пур мекунад зи хирмани мақсуди ман канор.

Олам туфайли Юсуфу Юсуф ғуломи ғайр,
Фарьёди булбул аз гулу гул ҳамнишини хор.

Ӯро чу себ вазъи дурангӣ, шиору ман
Дар хун нишаста бо дили садпора чун анор.

Чандон гиристам, ки маро дур аз он намонд
Дар чашмхона мардумаки чашми ашкбор.

Дар боғи оrази амалам савсане намонд,
Ҷуз нақши силии ситами чархи нобакор.

Шӯхе, ки буд якдилу якрӯ чу оина,
Баҳри ҳалоки ман дузабон шуд чу зулфиқор.

Паймони ман шикасту ба ағьёр аҳд баст,
Шуд майгусори ғайру маро сӯхт аз хумор.

Чун дар таби хумор насӯзад шикастае,
К-аз базми васл чун ту нигоре кунад канор?

Фонус зери домани хилват кашида шамъ,
Парвонавор ин дили Макнуна беқарор.

185

Дигар овард насими саҳарӣ боди баҳор,
Ки шавад боз ҷунунам яке аз ишқ ҳазор.

На шикебе, ки кашам даст зи домони талаб,
На умеде, ки дароянд ба кафам домани ёр!

Чун тавонам, ки ба ӯ шарҳи ғами дил гӯям,
Ки чу оянд, равад аз шавқ забонам аз кор.

Гар маро дар сухан афтад ғалате, нест аҷаб,
Ки забон бо дигарон дораму дил бо дилдор.

Нест аз гуфтушуниди ду ҷаҳонам чизе,
Баски аз шавқи ту бо хештанам дар гуфтор.

Рашкам оянд сухани ишқи ту гуфтан бо кас,
Лек бо ҳар кӣ нишинам, кунам аз шавқ изҳор.

Нест ҷуз васфи ту дар номаи аъмолам сабт,
Баски бо худ сухани ҳусни ту кардам такрор.

Ошиқона ғазале шоянд агар арз кунам,
Ошиқонро чу ба як тарз набошад гуфтор.

Нақди ҷон з-он ба кафи даст ниҳад Макнуна,
Ки ба пои ту фишонад, ту бигӯӣ, ки биёр.

## 186

То кай чу шамъ гирьям дур аз висоли дилбар,
Сӯзи фироқ дар дил, шамъи ҳалок бар сар.

Не рӯзи иштиёқам Хизри мурод ҳодӣ,
Не дар шаби фироқам шамъи висол раҳбар.

Чун сайди тирхӯрда доми ҳалок бар по,
Чун шамъи ниммурда хоки сиёҳ бар сар.

Бахти шикаста болам, мустағнӣ аз вуболам,
Ӯ ҳамчу қутб сокин, ман—ҳамчу зарра музтар.

Он зарраи ҳақирам, к-аз ҳоли заъф гашта,
Шахсам зи нотавонӣ в-аз нестӣ мухаммар.

Бадрӯз ҳамчу соя в-аз соя тиратар ҳам,
Ночиз ҳамчу зарра в-аз зарра низ камтар.

Ҳар гӯша сад ғами ҷон, ман дар миёна ҳайрон,
Не тоқати мадоро, не доруе муяссар.

Ҳар сабза баъди маргам, к-аз чашмхона рӯяд,
Ҷуз ашки ноумедӣ тухме наёварад бар.

Бо сӯи он малакваш аҳволи худ навишта,
Макнуна баста бар дил чун нома бар кабӯтар.

## 187

Насими кӯи ту ҳаст аз наъими ҷон хуштар
Зи гулшани Ирам он хоки остон хуштар.

Сиёҳ сӯхта чун шамъ субҳ дар раҳи бод,
Адуи хонасиёҳи ту безабон хуштар.

Кабӯтаре, ки шикори ҳумои килки ту нест,
Ба қадр агар ҳама анқост, бенишон хуштар.

Саҳоби раҳмати оми ту ногирифта ҳаво,
Бувад харобии вайронаи ҷаҳон хуштар.

Ба қадри марҳалаи умр хотирам хуш буд,
Чу Хизр лутфи ту ҳамроҳ шуд, аз он хуштар.

Ту дар баҳори карам тарҳи дигар овардӣ,
Фиғону нолаи Мақнуна нотавон хуштар.

## 188

Сад шукр ба даври хони довар,
Осуда бувад замона яксар.

Эй довари додрас ту дорӣ
Хосияти давлати Сикандар.

Дигар набувад ба мулки олам
Мисли ту шаҳи замонапарвар.

Биншаста ту бар сарири давлат,
Шоҳон сари худ фиганда бар дар.

Хоқон ба ту офарин намуда,
Меҳри ту ба ҷон гузида қайсар.

Бар тораки фарқи шаҳриёрон
Нақши қадами ту гашта афсар.

Иксир зи хоки остонат
Ҷӯшид ба ҷои чашмаи зар.

Аз меҳри ту фош субҳи давлат
В-аз моҳи рухат ҷаҳон мунаввар.

Макнуна агарчи Каъбаи туст,
Дар васфи ту кард машқи дафтар.

## 189

Чун гули раъно рухаш метофт бар ранги дигар,
Нолаи ҷонсӯзи ман месохт оҳанги дигар.

Ҳар саҳар аз фурқати табхолаи лаъли лабаш,
Бар сарам чун жола гардун мезанад санги дигар.

Он яке оварда ин ҷо, ин дигарро мебарад,
Даҳр созад ҳар замон бозию найранги дигар.

Ҳамчу мурғи ваҳшӣ ранги васлаш аз ёдам парид,
Мекунад Макнунаро ҳиҷрони ӯ ҷанги дигар.

## 190

Зи бори ҳаҷри ӯ ҳар мӯй санги осиё бар сар,
Шуда аз нотавонӣ нола ошӯби бало бар сар.

Ба ёди гулшани ҳуснат зи ҳайрат баски ғалтидам,
Нишаста чун пари товус нақши бӯрьё бар сар.

Зи чашмам хуни дил фаввора зад бар чарх
оҳам чун
Фурӯ овард ҳаҷраш хун чу дашти Карбало бар
сар.

Ба ҳангоми ҷудоӣ аз рухи ӯ сохта захме,
Ки мурғони чаман созанд оҳанги наво бар сар.

Ривоҷи салтанат дар дил намуда оташи ишқаш,
Зи файзи дуди оҳам сояи боли ҳумо бар сар.

Сабо бикшод банди турраашро, мурдам аз ғайрат.
Наандозад чу ман касро парешонӣ худо бар сар.

Расонад то ба рамзи нола аз Макнуна бо сӯяш,
Нишаста мурғи нахли гулшани боғи дуо бар сар.

## 191

Орзу дорам, ки раҳ ёбам ба сӯи шаҳриёр,
Дидае дорам, бувад муштоқи рӯи шаҳриёр,

Раҳм кун, ёраб, ба ҳоли ман, ки дар рӯзи фироқ
Мехӯрам хуноби дил дар орзуи шаҳриёр.

Медавад боди сабо умрест дар ҳар бӯстон,
То биёяд аз куҷо осори бӯи шаҳриёр.

Зердасти миннати кӯҳлулҷавоҳир нестам,
Тӯтиё дорам ба чашм аз хоки кӯи шаҳриёр.

Хотири Макнунаро шояд тасаллӣ оварад,
Мекунад маҷмӯае дар гуфтугӯи шаҳриёр.

## 192

Ёр аз ман чеҳра пинҳон кард боз,
Дарди ҳиҷрон ғорати ҷон кард боз.

Рафт он ороми ҷон, ушшоқро
Мубталои дарди ҳиҷрон кард боз.

Дил, ки аз савдои ишқ осуда буд
Дар муҳаббат доғ сомон кард боз.

Ёр муштоқи ҳилоли идро
Гӯшаи абрӯ намоён кард боз.

Рӯзи ҳиҷрон ваъдаи дидор дод,
Кор мушкил буд, осон кард боз.

Дил зи доғи ҳаҷр аз хуни ҷигар,
Лола чиду гул ба домон кард боз.

Ҷони саргардон ба саҳрои фироқ
Азми саҳрову биёбон кард боз.

Дар фироқат сӯхт ҷон Макнунаро,
Шиква аз бедоди ҳиҷрон кард боз.

## 193

Чу ҳарфи марҳаматам гуфт он бути танноз,
Маро зи файзи тараб умри рафта омад боз.

Ба хатм мақтаи анҷом тай намегардад,
Чӣ нома аст, ки дар ҳаҷр кардаам оғоз.

Зи фикри орази гулгуни ӯ ба машқи хаёл
Ҳарими синаи мо гаштааст гулшани роз.

Чӣ моҷарост дар ин ҷо миёни аҷзу ғурур,
Ки мо тамом ниёзему ӯ саропо ноз?

Гудози ишқи ту аз баски ишратафрӯз аст,
Басони шамъ бувад тифли ашкам оташбоз.

Баҳор сар ба гиребони ғунча медуздад,
Агар зи ноз шавад сарви ман чаманпардоз.

Ба шӯри ҷазбаи шавқе, ки меравам аз худ,
Ки ҳамчу ранг кунад узв-узви ман парвоз.

Ба ғайр саҷда зи Макнуна барнамеояд,
Чу ёди тоқи ду абруи ӯ расад ба намоз.

## 194

Эй сарви равони гулшани ноз,
Ҳусни ту баҳори гулшани роз.

Аз дарду ғами ту мустамандам,
Як раҳ назаре ба сӯи ман соз.

Эй ёр, макун маро фаромӯш,
Ҳарчанд шудӣ ба ғайр дамсоз.

Шояд, ки ду бор боз-ой,
Монда ба раҳат ду чашми ман боз.

Бошад паи куштагони ишқат
Лаъли ту Масеҳи ханда эъҷоз.

Рӯзе, ки зи хоки ман гузаштӣ,
Гардид ғубори ман сарафроз.

Мурғи дили ман ба ёди васлат
Дорад ба ҳавои ишқ парвоз.

Анҷом нашуд ба ҷуз пушаймон,
Ҳар кор, ки бе ту кардам оғоз.

Макнуна, ту барфурӯз оҳе,
Дар хирмани чарх оташ андоз.

## 195

Дод аз дасти чархи шӯъбадабоз,
Турфа дунпарвар асту сифланавоз.

Медиҳад халқро ба ваъда фиреб,
Ҳаст афсонаҳояш афсунсоз,

Ҳар кӣ дар маҳфили ҷаҳон омад,
Ёфт сар то қадам чу шамъ гудоз.

Базми олам кафили фурсат нест,
Шамъсон гардани ҳавас мафароз.

Сарви озоди боғи истиғност
Он, ки бошад ба ростӣ мумтоз.

Аз Ироқ омадам ба сӯи Аҷам,
Аз Нишопур рафтаам ба Ҳиҷоз.

То бувад пои ҷаҳд, Макнуна,
Аз сари ҷустуҷӯ нагардам боз.

## 196

Он парипайкар ба азми ҷилва ҷавлон кард боз.
Дидаи аҳбобро з-он ҷилва ҳайрон кард боз.

Аз наёми ноз шамшери тағофул баркашид,
Хоки майдонро зи хуни ман гулистон кард боз.

Дар ҳавои иштиёқат шамъсон Маҷнуни ман
Захми дилро нусхаи чоки гиребон кард боз.

Рехт хуни халқу пинҳон шуд зи майдон он парӣ,
Ошиқонро мубталои доғи ҳиҷрон кард боз.

Карда будам дар фазои дил иморат аз вафо,
Сели ашкам тохтан оварду вайрон кард боз.

Зулмати шоми фироқи дӯстон омад ба ёд,
Пиразоли осмон гесӯ парешон кард боз.

Аз тамошои ҷамолат сайри гулшан доштам,
Бе ту дар чашмам ҳуҷуми гиръя тӯфон кард боз.

Сӯхт рахти ҳастию маъмураи дил шуд хароб,
Ашку оҳам бе ту кори барқу борон кард боз.

Сурату тасвир бошад пайкари Макнунаро,
Баски ӯро ҳайрати он ҷилва ҳайрон кард боз.

## 197

Саҳни гулшан маскани мурғи хушилҳон гашт боз,
Гул дамид аз ҳар тараф, олам гулистон гашт боз

Боз кард авроқи гул боди сабо дар саҳни боғ,
Булбули шайдо ба сад дастон ғазалхон гашт боз

Домани ишрат ба бӯстон каш, ки бикри ғунчаро
Гӯӣ шабнам ғунчаи чоки гиребон гашт боз.

Сарнагун афтод акси сарв дар оби чаман,
З-ин тааҷҷуб нусхаи навраста хандон гашт боз.

Сабза хон бар рӯи боғу лола ёқутӣ қадаҳ,
Як-ду рӯзе гул ба хони боғ меҳмон гашт боз.

Инчунин фархунда айёме ба амри кирдигор
Мӯҷиби ҷамъияти ҷамъу парешон гашт боз.

Аз дили ғамдида, эй Макнуна, ғамро дур соз,
Аз насими файзи ҳақ ҳар мушкил осон гашт боз.

## 198

Эй сипеҳри дун, чӣ оини ҷафокорист боз?
Ин чӣ бераҳмию зулму мардумозорист боз?

Аз суруди комронӣ мутрибон бастанд лаб,
Базми ишрат пурсадои гирьяву зорист боз.

Бо нами хун аз дили тангам барои абри оҳ
Баҳри тӯфони фано вақти ҳаводорист боз.

Халқро аз ашки гулгун дар азоӣ навгуле
Бо вуҷуди нили мотам чеҳра гулнорист боз.

З-ин амал шахси аҷал шуд рӯсиёҳ аз феъли хеш
В-ин сияҳрӯӣ зи ҷаври чархи зангорист боз.

Мардум аз хуноба бар рухсора ҷадвал бастаанд,
Ҷадвали хуноба бар рухсораҳо ҷорист боз.

Аз суруди навҳа гетӣ хонаи ғам шуд магар,
Дидаи Мақнунаро оини хунборист боз?

## 199

Аз ғами ёри ману гардиши ахтар наргис,
Доим ангуштнамо бошаду абтар наргис.

Сояи сарв пас аз хилъати наврӯзӣ сохт,
Кард болиш гули навраставу бистар наргис,

Наварӯсест тару тоза, ки аз ғунчаи хеш
Бӯи хуш баста ба думболаи маъҷар наргис.

Қурси маҳро ба сарангушти ҳино баста шикофт,
Маҳшикоф аст чу ангушти паямбар наргис.

Пиразолест, ки дар жазби ҷавонони баҳор
Менамояд зари сурх аз сари чодар наргис.

Аз баёзи басари хеш намояд гули зард
Ҳамчу акси санам аз дидаи кофар наргис.

Ашки булбул ба сари оташи гул сӯхт сипанд,
Дар чаман то нарасад чашми баде бар наргис.

Хост, то булбул аз оҳанги ҷунун бозояд,
Хонд ҳар субҳ дуои қадаҳ аз сар наргис.

Хизр-осо чамани умри ту хуррам бодо,
Бандаат лолаву гул ходиму чокар — наргис.

**Гарчи, Макнуна, басе наргиси хуш дар чаман аст,**
Чун ду чашмаш набувад ғайри мукаррар наргис.

## 200

Дило, ба ишқи бутон толиби вафо мебош,
Ҳамеша бар дари аҳли вафо гадо мебош.

Хуш аст шеваи бегонагӣ зи бедардон,
Ба ҳар диле, ки бувад дард, ошно мебош.

Зи куштагони муҳаббат нишон агар хоҳӣ,
Ба тавфи хоки шаҳидони Карбало мебош.

Агар ту салтанати ҳар ду кавн мехоҳӣ,
Ба кӯи ишқи париталъатон гадо мебош.

Машав мусоҳиби аҳли ғурур бар ҳама ҳол,
Нишин ба бесарупоён, зи худ фано мебош.

Ба ҳар куҷо, ки равӣ, ҳусни ёр дар назар аст,
Кушой чашми яқин, толиби худо мебош.

Вафо шукуфтагули гулшани муҳаббати ӯст,
Ба ҳар тариқ ту Макнуна дар вафо мебош.

## 201

Он парипайкар надорад майли улфат бо манаш,
Гар бимирам з-ин таманно, хуни ман дар
гарданаш

Ҳар кӣ бо ёди хиромаш меравад аз хештан,
Нест осон бо ду сад афсун ба худ оварданаш.

Бар дил аз тири ҳаводис нест ташвиши газанд,
Захми навакҳои мижгони ту бошад ҷавшанаш.

Кушт абрӯяш ба шамшери ишорат, баски буд
Дил ба хунғалтидаи найранги чашми пурфанаш.

З-ин гулистон рангу бӯи сарв натвон ёфтан,
Ҷомаи мотам ба дӯш афканда сарву савсанаш.

Хок гаштам дар раҳи он маҳ ба уммеди висол,
То расад дасти ғубори ман ба тарфи доманаш.

Он баҳори ноз то Макнуна аз ман дур шуд,
Булбули дил нола мехонад ба ёди гулшанаш.

## 202

Эй дили девона, аз ғам шод бош,
Аз ҳавасҳои ҷаҳон озод бош.

Чашм пӯш аз ҷилваи мавзунқадон,
Толиби он сарви ҳуризод бош.

Ком ҷӯӣ аз лаби ширини ӯ,
Муддате дар кӯҳи ғам Фарҳод бош,

Ғамзаро таълими машқи ноз кун,
Дар тариқи дилбарӣ устод бош.

Ҷилвагоҳи нози ӯ хоҳӣ шудан,
Эй дили вайрони ман, ободбош.

Рафт аз дасти ту домони висол,
Баъд аз ин дар маъразн фарьёд бош.

Охири ҳар мушкил осонӣ бувад,
Баъд аз ин, Макнуна, аз ғам шод бош.

## 203

Дил шаби ҳичрон ғами рӯи замин пеш оядаш,
Ҳар кӣ қадри вақт нашносад, чунин пеш оядаш.

Дида мебинад ниҳон сӯи камонабруи ман,
З-он наметарсад балое аз камин пеш оядаш.

Ҳар киро савдои чашми масти ёр аз ҳуш бурд,
Чашм накшояд, агар оҳуи Чин пеш оядаш.

Дур аз он дандону лаб дилро чӣ парвои биҳишт,
Гар даме садбор ширу ангубин пеш оядаш?

Он ки аз оби ҳаёти васли ҷонон зинда нест,
Гар ҳама Хизр аст, хоби вопасин пеш оядаш.

Дидаи Макнунаро ояд хаёли ёр пеш,
То қиёмат ҳар чӣ ояд, нозанин пеш оядаш.

## 204

Дило, бисоз ба гарде зи тарфи домонаш,
Ки тугма кори ту накшояд аз гиребонаш.

Ба рух чу моҳи тамом аст, к-аз дарозии зулф
Ҳазор шаб шуду нашкаст моҳи тобонаш.

Ба як табассум аз он лаълам он қадар омӯхт,
Ки сабза раст бар атрофи оби ҳайвонаш!

Нигоҳ содагӣ он лаб чунон газид аз ноз,
Ки хат дамид нинюшид захми дандонаш.

Хароби ҷилван шоҳини навшикори худам,
Ки дар ҳавои забунгирӣ аст ҷавлонаш.

Шаҳидаш аз мижа афзуну дар нуҳуфтани хун
Зи сурма хок ба лаб суда чашми фаттонаш.

Чӣ гуна сахт кунад баҳри васл пешонӣ
Саре, ки нарм кунад гӯшмоли ҳиҷронаш.

Куҷо чу гӯй бувад дар кафи қарор саре,
Ки доғ кард, пас аз доғ зад ба чавгонаш.

Сарам фиганда ба чавгони зулф хоҳам бурд,
Ба хоки ҷилваи он қомати хиромонаш.

Зи дарди ишқи ту Макнуна ҳамчу булбули маст
Ҳамеша нола кунад устухони нолонаш.

205

Ҳар касе гар орзу созад гулистони рухаш,
Мешавад оинасон нодида ҳайрони рухаш.

Лашкари хатташ гирифта ҳусни оламгири ӯ,
Метавон додан дили худро ба тавони рухаш.

Баҳри ҳифзи сарсари айём устоди азал
Сохта аз абруи ӯ тоқи айвони рухаш.

Раҳ куҷо ёбад дар он гулшан дили чобук-инон,
Ҳиндуи холе нишаста баҳри дарбони рухаш.

Гарчи Юсуф кард султонӣ ба мулки Мисри ҳусн,
Орзуе дошт то мурдан ба Канъони рухаш.

Ҳеҷ чашме дар нигоҳи хуррамӣ навмед нест
Аз наими рангу бӯи хони эҳсони рухаш.

Дар хаёлободи ҳасрат он қадар гардида маҳв,
Буд ин Макнуна чун оина ҳайрони рухаш.

## 206

Эй қадат тӯбиву зулфи пуршикан шохи тараш,
Орази рангин риёзи хулду дилҳо кавсараш.

Нахли ҷонбахшат, ки дорад парвариш з-оби ҳаёт
Гар бақо хоҳад арӯси айш, гирад дар бараш.

Ҳаст бо рухсори нуронӣ гули боғи ҷаҳон,
Сархати холаш намоён аз ҷабини анвараш.

Сар ниҳад чун хома ноқис бар хати ҳар содалавҳ,
З-ин наметарсад ки нақши каҷ барорад мистараш.

То бубинад чеҳраи маънӣ дар ӯ, набвад аҷаб
Нав-арӯси табъ агар оина созад дафтараш.

Сарваро вақтест, к-аз файзи ту дар гулзори назм
Нахлҳо, Макнуна, бандад аз дили пур-озараш.

## 207

Масеҳосо бувад ҷонбахш аз лаб шаҳди гуфтораш,
Ба ҳайрат афганад аҳли ҷаҳонро ҳусни рухсораш.

Ба ин лутфу назокат қомати худ дар хиром орад,
Парирӯён шавандаш ҳамчу ман зору гирифтораш.

Ҷамоли ӯ ба бозори муҳаббат ҷилвагар гардад,
Дар он ҳангом сад Юсуф шавад аз ҷон харидораш.

Маро дар зиндагонӣ баски умри ҷовидон бахшад,
Агар аз чашмаи зулмат намояд нури дидораш.

Баландиқбол шоҳи нуктадон, султони оламгир,
Кунад гардун ба чашмаш сурма хоки зери
деворааш.

Ба гулшан гул зи рӯяш чокҳо созад гиребонҳо,
Шавад кӯр аз ҳасад наргис зи лутфи чашми
бемораш.

Сабо Мақнунаро эй кош ҳангоми саҳаргоҳӣ
Расонидӣ ба гӯши ӯ фиғони нолаи зораш.

## 208

Сафо орад ба ҷон оинаи рухсори гулгунаш,
Ҳаёти тоза бахшад ҷисмро он лаъли майгунаш.

Ҷаро гардид аз машриқ ба мағриб зору саргардон,
Набошад чун фалак бар ҳусни ӯ хуршед
Маҷнунаш?

Ба ҳангоми хироми ҷилвааш хубони гулшанро
Нигоҳи қотилаш бо тири мижгон рехта хунаш.

Зи ҳаҷри қомати сарви баландаш ҳар шабе то
субҳ
Расондам оҳи дардолудро бо сақфи гардунаш.

Ба мастӣ бар саманди ноз кай ҷавлон намуд он
шӯх,
Чунин море, кӣ дида аз гирифторист афсунаш.

Бувад дар фитрати Макнуна ҳар дам нашъаи
дигар,
Зи бас дорад ба дил кайфияте аз лаъли майгунаш.

209

Бар сафҳаи ҷон хомаи мижгон зада сад неш,
Чун бахья зи сӯзан ба гиребон зада сад неш.

Ногашта ба ҳам ғунчасифат пораи дилҳо,
Аз ҳар тарафе ханҷари ҳиҷрон зада сад неш.

Гардад зи куҷо ҷавшани гап ҳоили нозаш,
Бо ҷону дили хаста чу пайкон зада сад неш?

Бӯе набарад ҳеҷ димоғ аз гули роҳат,
Аз хори ҷафо гардиши даврон зада сад неш.

Макнуна бувад аз ҳама тан дидаи хунбор,
То бар дилаш он ханҷари мижгон зада сад неш.

## 210

Эй тароват ба баҳори рухи тобони ту хос,
Ростиҳо ҳама бар сарви хиромони ту хос.

Дилшикорӣ ба каманди хами зулфат махсус,
Ҷонситонӣ ба дами ханҷари мижгони ту хос.

Наргиси масти ту ошӯби ҷаҳон шуд ба нигоҳ,
Фитнаи офати айём ба даврони ту хос.

Кас зи чашмони сиёҳат нигаҳи лутф надид,
Шеваи ваҳшату шӯхӣ ба ғизолони ту хос.

Ҳеҷ шаҳде накунад талхии ҳиҷрон зоил,
Ҳаст ин лутф ба лаъли шакарафшони ту хос.

Ваҷду расвоию бадмастию маҷнунравишӣ
Ҳама бар сӯхтаи оташи ҳиҷрони ту хос.

Дили Макнуна гар ошуфта бувад, айб макун,
Ҳаст ин мулк ба гесуи парешони ту хос.

## 211

Ҳаст аз сайри чаман он рухи гулфом ғараз,
Шавқи наззораи он сарви гуландом ғараз.

То кай аз доғи ҷунунам нашиносӣ, эй шӯх?
Аз нигин ҳаст ҳамон маърифати ном ғараз.

Сари савдозада аз чашми ту хоҳад нигаҳе,
Ҳаст бар хушкии мо шарбати бодом ғараз.

Гиреҳи зулфи туро мошита беҳуда кушуд,
Сайди дилҳо бувад аз ҳалқаи ин дом ғараз.

Оламеро ба бало дод, намедонад кас
Чист дар чашми ту аз фитнаи айём ғараз.

Ошиқ аз нисбати чашми ту тасаллӣ талабад,
Ғайр аз ин нест зи тартиби маю ҷом ғараз.

Умри Макнуна ба таҳқиқи маонӣ гузарад,
Буд ин нукта аз ин дафтару арқом ғараз.

## 212

Ҷуз ҷунун моро зи шавқи наргиси дилбар чӣ ҳаз?
Ғайри беҳушӣ зи шуғли бодаву соғар чӣ ҳаз?

Ҷуббаву дастор зоҳидро надорад манфиат,
Ҷуз гаронҷонӣ аз ин асбоби карру фар чӣ ҳаз?

Кеши моро ҳасрати чашмаш халал-ангез шуд,
Ғайри нуқси дин зи майли сӯҳбати кофар чӣ ҳаз?

Эй ки васли ҳусн мехоҳӣ, балоомода бош,
Дар муҳаббат ғайри ошӯби фано, дигар чӣ ҳаз?

Нақди ашку чеҳраи зардам фидои кӯи ӯст,
Гар набошад баҳри эсорат, зи симу зар чӣ ҳаз?

Гуфтугӯи шавқ нақди тоқати мо об кард,
Баъд аз ин хомӯш шав, Макнуна, з-ин дафтар чӣ ҳаз?

## 213

Ба коғазе, ки нависам зи лаъли дилбар хат,
Ба чашми шавқ намояд чу мавҷи кавсар хат.

Талаб зи пири харобот дафъи ҳоҷати ғам,
Бувад бароти маишат ба даври соғар хат.

Ба ҳар нигоҳ ба ранги дигар намоён аст,
Намешавад ба лаби лаъли ӯ муқаррар хат.

Чу рӯзи ман набувад тира, холи шабрангат
Ба бахти ман зи сиёҳӣ нашуд баробар хат.

Нигоҳи ҳайрати мо сархати гирифторист,
Бувад ба сафҳаи оина мавҷи ҷавҳар хат.

Чӣ нақшҳо, ки ба рӯи фалак зи оҳи ман аст,
Ки дидааст дар ин сафҳа з-ин накӯтар хат.

Сиришки сурх чу Макнуна бар рухи зардам
Падид гашт зи шингарфи коғази зар хат.

## 214

Ёр майли ҳаҷри мо дорад ба қасди инқитоъ,
Алвидоъ, эй рӯзгори айшу роҳат алвидоъ!

Баҳри қатлам чашму абруи ту ҳар як моил аст,
Худ бикуш, магзор ин дуро ба изҳори низоъ.

Ҷону дилро пеши чашми майпарасташ қадр нест,
Ҳусн пурқимат писанди ишқи пуркосид матоъ.

Воиз, аз ваъзи ту моро нест имкони салоҳ,
Беш аз ин мапсанд асҳоби маломатро судоъ.

Ҳамчу хол анҷум ба рӯи чарх монад музмаҳил,
Дар шабистоне, ки моҳи рӯи ӯ бахшад шуоъ.

Дар чаман базми гулу булбул фузун бошад чаро,
Эй фалак, Макнунаро аз ёр додӣ инқитоъ.

## 215

На дил зи холи лабаш будааст танҳо доғ,
Шудам зи шавқи саропои ӯ саропо доғ.

Ба кишваре, ки арақ аз рухаш фурӯғ диҳад,
Бувад ба рӯи фалак донаи сурайё доғ.

Чӣ доғҳо, ки аз он сангдил ба мо нарасид?
Ба кӯҳсор нашуд лола чун дили мо доғ.

Ба дил зи чашми ту сад ҷо нишони сӯхтан аст,
Чу он ҳарир, ки бошад зи ранги саҳбо доғ.

Маро ҳавои рухи ёр бошад эй ҳамдам,
Макун зи арзи чаман дидаи тамошо доғ.

Ба гашти лола зи як доғ сайри ранг кунӣ,
Биё-биё, ки дар аъзои мост сад ҷо доғ.

Зи тоби шӯълаи рӯяш чу рахти оташкор,
Ҳарири синаи Макнуна шуд саропо доғ.

## 216

Эй ба шаҳр аз фитнаи зулфи ту ғавғо ҳар тараф,
Офтоби навбаҳоронро зи рухсорат шараф.

Нест он рӯи накӯ дар бурдани дил якҷиҳат,
З-он сабаб афтода зулфи тобнокат ҳар тараф.

Бар кафам монда нишонҳо баски дар айёми ғам,
Ҷазбаи ишқат кашида риштаи сабрам зи каф.

Дил фитад дар печутоб, аз шаст чун тират ҷаҳад,
То ки натвонад гузаштан тир, чун печад ҳадаф.

Дуд шуд сақфи фалак аз оҳи дардолуди ӯ,
З-оташи меҳрат бувад Макнунаро дар сина таф.

## 217

Ҷаҳон зи барқи дами ханҷараш шикоф-шикоф,
Чу лолае, ки зи сарсар сараш шикоф-шикоф.

Қалам чу хост нависад зи васфи мижгонаш,
Ки гашт сафҳаи ҳар мистараш шикоф-шикоф.

Занад чу дам лаби дарьё зи дурри дандонаш,
Зи теги мавҷ дили гавҳараш шикоф-шикоф.

Тараф чӣ гуна шавад офтоб бар рухи ӯ,
Зи теғи ҳар мижа аз ахтараш шикоф-шикоф.

Шамими ҳиндуи холаш гирифт кишвари Чин,
Зи рашк нофаи мушки тараш шикоф-шикоф.

Зи нашъаи лаби ӯ ҳамчу хонаи занбӯр,
Шудаст май ба кафи соғараш шикоф-шикоф.

Ба сафҳа афканд оташ фиғони Макнуна,
Ки гашт сар ба сари дафтараш шикоф-шикоф.

## 218

Чун шафақ, хун мечакад аз дида дар шоми фироқ,
Нест ҷуз ошӯби ғам оғозу анҷоми фироқ.

Шақ шавад аз ғам, бирезад аз сиёҳӣ дудаҳо,
Бо забони хомаам ояд агар номи фироқ.

Медиҳад озор хотирро чу кирми поҳазор,
Ҳар кӣ бо гӯшам расонад ҳарфи пайғоми фироқ.

Рӯзу шаброҷамъ овардан маҳол асту маҳол,
Нест мумкин васли ӯ гардиданаш роми фироқ.

Гар висолаш даст надҳад, кай бувад роҳи халос?
Солҳо шуд мурғи дил афтода дар доми фироқ.

Аз куҷо беҳбудӣ ҷони хастаи Макнунаро,
Ҳар замоне захри ғамро хӯрда аз ҷоми фироқ.

## 219

Дарси ҳарфи ноларо аз ишқ бигрифтам сабақ,
Нестам огаҳ, ки гардондам зи рӯзу шаб варақ.

Кас чӣ сон воқиф шавад дар ранги дуд аз оташам,
Дасти дил гулчин нашуд дар шом аз хуни шафақ.

Бар сарам ҳиҷрони ӯ афганд ғам болои ғам,
Бар танам аз хуни дил пур шуд табақ андар
табақ.

Ишқро гуфтам ба ҷон душвор, ӯ бовар накард,
Менамояд талх, касро сохтан изҳори ҳақ.

Чун гули раъно шавад рухсор-сурху гоҳ зард,
Дар ҷаҳон ушшоқро аз дарди дил набвад ашақ.

Сабр кун, Макнуна, андар меҳнати ҳиҷрони ӯ,
Фатҳи боби гулшани мақсуд бошад з-ин насақ.

## 220

Афганад оташ ба гулшан аз забон гуфтори ишқ,
Аз ҳавас натвон ба даст овард зулфи ёри ишқ.

Мурғ медонад забони мургро, эй андалеб,
Ҷуз ту набвад бо дили ман маҳрами асрори ишқ.

Дар тунукзарфии дил кайфияти изҳори роз
Баркашида гардани Мансурро бар дори ишқ.

Ком нагрифта зи васли шарбати Ширин ҳанӯз,
Хӯрд заҳре аз аҷал Фарҳод дар кӯҳсори ишқ.

Таъна бар хуршеди гардун мезанад нури дилаш,
Бар сари ҳар кас фитад гар сояи девори ишқ.

Аз саводи куфри зулфаш ҳусни рӯяш ҷилва зад,
Чун бараҳман бар миёнам баста шуд зуннори ишқ!

Бар умеди он, ки аз дорушшифо оянд даво.
Ҳар кӣ чун Мақнуна гардад дар ҷаҳон бемори ишқ.

## 221

Дар гулистоне, ки мебахшад рухи дилдор ранг,
Сад чаман аз гул фузунтар менамояд хор ранг.

Чун намояд ҷилва он ҳусни таҷаммул дастгоҳ,
Ҳамчу бӯ парвоз гирад аз рухи гулзор ранг.

Наргиси масташ зи тоби бода гулгун гаштааст,
Кас набинад инчунин дар чеҳраи бемор ранг.

Рӯю зулфаш дар чаман чун арзи рангу бӯй кард,
Монд аз файзи латофат бӯю рафт аз кор ранг.

Кай ба ҳусни рӯи гулгунаш баробар мешавад,
Гар дамад аз чеҳраи гул ҳар нафас сад бор ранг?

Олам аз як ҷилва чун оина дар ҳайрат нишаст,
Беш аз ин, эй гулшани хубӣ, макун изҳор ранг.

Баъд аз ин васфи гули гулшан магӯ, эй боғбон,
Бас бувад Макнунаро аз дидаи хунбор ранг.

## 222

Умр бигзашту нашуд аз базми васлаш коми дил,
Кай шавад аз шамъи рӯяш роҳату ороми дил?

Рафт он маҳ аз назар пинҳону дил ҳам аз паяш,
Маҳв шуд аз лавҳи ҷисмам ҳарфҳои номи дил.

Рехт аз дасти қазо гавҳар ба дарьёи адам,
Доғам акнун, кай расад бо гӯши ҷон пайғоми дил?

Нусхаи тасхири мардум хубтар аз ҷуд нест,
Метавон кардан муқайяд оламе дар доми дил.

Саҳл бишмурданд ғалтидан зи болои фалак,
Мешавад садпора афтад чун касе аз боми дил.

Нест фатҳулбобе аз гулшан, ба рӯи муддао
Бастаам бо Каъбаи кӯяш кунун эҳроми дил.

Метавонад нашъаи ғайри муқаррар ёфтан,
Хӯрд чун Макнуна ҳар кас бодае аз ҷоми дил.

## 223

Зад оташ бар чаман аз сӯзиши дил ахгари булбул,
Ба қонуни навои ишқ, сардам аз сари булбул.

Ба ёди оразаш ҳар субҳ чандин нолаҳо кардам
Ба мурғи дил бисозам ошьён аз шаҳпари булбул.

Ба мулки нола султон аз чӣ рӯ карданд, ҳайронам?
Магар гардид мадди дуди оҳам афсари булбул.

Ба ёди ҳусни гулрангаш зи ҷисмам дард мехезад,
Зи мавҷи ашки ман хондан тавонӣ дафтари булбул.

Аз он ҳангом гардидам ҷудо аз гулшани васлаш,
Зад оташ нолаи ҷонсӯзи ман дар кишвари булбул.

Зи ҳаҷри лаъли ӯ кораш ҳамеша оҳу фарьёд аст,
Намудор аст аз Макнунаи мо ҷавҳари булбул.

## 224

Аз миёни нозукаш кардам чу мӯ мазмун хаёл,
Шуд ба саҳрои адам саргашта чун Маҷнун хаёл.

Кай ба дил гардад муқайяд мори зулфи саркашаш,
Дам занад ҳарчанд аз моҳияти афсун хаёл?

Буд ғофил аз рамузи нуқтаҳои доғи ишқ,
Он, ки мезад аз замин то сафҳаи гардун, хаёл.

Ҳарфҳои нолаам бахшад ба ҳар кас нашъаҳо,
Мавҷ мезад аз дилам ҳамчун маи гулгун хаёл.

Заҳри ҳиҷрон ҳар касе нӯшад, ба ҷое мебарад,
Метаровад дар дил аз кайфияти афьюн хаёл.

Гашта домангир фикраш нотавон Макнунаро,
Рӯз то шаб мефизояд ошиқи маҳзун хаёл.

## 225

Омад аз гарди раҳ чу боди шамол,
Қосиде бо ҳазор истеъҷол.

Дар равиш чун тазарви симинбар,
Дар шараф чун ҳумои зарринбол.

Оташин рӯю гармрав чун меҳр,
Даштпаймову мушкбӯ чу ғизол.

Тезрав ҳамчу қосидони замир,
Тезпар ҳамчу тоирони хаёл.

На ба бозӯи қувваташ сустӣ,
На ба нерӯи суръаташ эҳмол.

Буд дар ҷомадони иқболаш
Хилъати сабзи осмонтимсол.

Гуфт: — бархез, эй асири фироқ,
К-омад он дилбари хуҷастахисол.

Ҷастам аз ҷою ҳар тараф дидам,
Нест дар роҳи дида ғайри хаёл.

Гаштам аз ин хабар чу девона,
Ҳуш рафт, он замон забон шуд лол.

Ҷустуҷӯе намуда дардкашон,
Ҳол пурсидаанд аз раммол.

Пеши худ монд ӯ китобашро,
Он замоне кушода қуръаи фол.

## 226

Зиҳӣ вуҷуди ту мақсуди корхонаи дил,
Чу нури ишқ мақоми ту дар миёнаи дил.

На бе шамими ту маҳкам шавад табиат рӯҳ,
На бе насими ту равшан шавад забонаи дил.

Ба зикри ишқи ту машғул будаам з-он рӯз,
Ки сабҳа сохтаам анки дона-донаи дил.

Агар ба хонаи дил бигзарад муҳаббати ту,
Малак ба дида кашад хоки остонаи дил.

Туӣ шукуфтатарин гулбуни ҳадиқаи чашм,
Туӣ хуҷастатарин мурғи ошьёнаи дил.

Дар интизори ту Макнуна чашми дил дорад,
Нишин ба манзили чашму биё ба хонаи дил.

## 227

Гардиши даврон хирадро медиҳад тағйири ҳол,
Рафта ҳамчун бӯи гул бар ҳар тараф ранги хаёл.

Он гуландоме, ки ҳар ташна аз ӯ сероб буд,
Мечакад вақти такаллум аз лабаш оби зулол.

Ахтари бахт аз саводи ҳаҷри ту бенур шуд.
Рӯи худ бинмой чун хуршед, эй фархундафол.

То зи хатти сабзи рухсори тӯ ёбад сайқале,
Дил мукаддар гашт чун оина аз занги малол.

Ҳеҷ мумкин нест афтад ҳамчу бӯ бар дасти дил,
Чун нигоҳ аз чашми ман рам дорад он мушкинғизол.

Бо хаёли абруяш бар сина ҳар нохун задам,
Дар саводи шоми ҳиҷрон гашт чун нақши ҳилол.

Хотири Макнуна аз нураш таҷаллипарвар аст,
Эй худо, мапсанд он хуршеди хубиро завол.

## 228

Суроғ соз ба мурғи назар нишонаи дил,
Малак ба тоқи фалак сохт ошьёнаи дил.

Бисоз дур зи худ, эй саҳар сиёҳиро,
Миёни нур яке нуқта бо миёнаи дил.

Зи роҳи бехабарӣ Каъбаро чӣ меҷӯӣ,
Тавоф сози бинеҳ сар бар остонаи дил.

Зи кибру даст тиҳӣ сайди мардум осон нест,
Ҳами тавозуи ҷуд аст дому донаи дил.

Чӣ ҳоҷат аст туро сози нағмаи қонун,
Ба гӯши ҳуш шунав нолаву таронаи дил.

Вуҷуди фитрати мо мулки олами куброст,
Ки чун муҳит наёбад касе каронаи дил.

Мабош моили озори халқ, Макнуна,
Мабод мурғи ту афтад зи ошьёнаи дил.

## 229

Аз лаъли лабат ҷилва кунад сози такаллум,
Гулдаста шавад дар қалам андози такаллум.

Аз қул-қули мино дили махмур шавад хуш,
Анҷом бувад нашъа зи оғози такаллум.

Он дам ба лаби ҳарф задам мӯҳри хамӯшӣ,
Акнун зи куҷо боз кашам нози такаллум?

Аз нуктаи ду ҳарф фузун сатри ду олам,
То кист, ки донад асари рози такаллум?

Дар кишвари тан сайд кунад тӯтии дилҳо,
Чун сар диҳадаш, нотиқи шаҳбози такаллум.

Макнуна ба ёдаш ҳама ҳуш аз сари ӯ рафт,
Акнун зи куҷо бишнавад овози такаллум?

## 230

Гаштаам дар ошиқӣ бадному дар мастӣ ба ном,
Булбули гулҳои доғи тоза аз савдои хом.

Бар дил аз тақлиди мастурӣ ғуборе доштам,
Дил ба дарьёи қадаҳ афкандаму гирдоби ҷом.

Мурғи дил то ҳаст дар роҳ аст бе ташвиши ғайр,
Мепарад пайваста пеши ёру меорад паём.

Ҷазбаи майхона моро мекашад беихтиёр,
Орифонро ихтиёре нест дар шурби мудом.

Чун шудам пайдо, забон печида дар коми рақиб,
Вақти марг, оре, забони хаста мепечад ба ком.

Моҳи ман шаб сӯи маҳ медиду ман моҳи рухаш,
Моҳи меҳрафрӯзи ман бар бому ман бар пои бом.

Осмон аз ҷон ғуломи зоти бетимсоли ӯст,
Шакли моҳи нав мисоли ҳалқа дар гӯши ғулом.

Ҳолиё бе кас дар ин кунҷи хароб афтодааст,
Дар либоси фақр ин Макнуна зору нотамом.

## 231

Дар гулистони вафо оинадори ҳайратам,
Чун пари товус чашми интизори ҳайратам.

Тифли дил осоише дорад ба маҳди бехудӣ,
Сад ҷаҳон ором дар боғи канори ҳайратам.

Ҷавҳари оина зоҳир мекунад тимсолҳо,
Ҳусн ҷавлон менамояд дар баҳори ҳайратам.

Ҳамчу дуди оҳ чандоне ки аз худ рафтаам,
Метавон кардан суроғам аз ғубори ҳайратам.

Дар мақоми ишқ аз оинаи Искандарӣ
Қадрҳо дорад, баландӣ эътибори ҳайратам.

Ҷамъ кардам, як ҷаҳони дардро дар як варақ,
Кай дарояд фаҳму дониш дар шумори ҳайратам?

Дар гулистони хаёли васли ӯ, Макнунаё,
Шӯъла мезад ҳамчу гул шамъи мазори ҳайратам.

## 232

Дар дил ғами шаҳриёр дорам,
Чашме ба раҳ интизор дорам.

Аз хатти рухи гулофаринаш
Дар хотири худ ғубор дорам.

Дар фурқаташ аз алам кашидан
Бас ҳоила рӯзгор дорам.

Дар тарзи хаёли орази ӯ,
Сайри гулу лолазор дорам,

Аз фикри саводи тири мижгон
Дар сина ҳазор хор дорам.

Бар роҳи умеди базми васлаш
Сад дидаи интизор дорам.

Аз сӯзиши нори иштиёқаш,
Макнуна, дили фигор дорам.

## 233

Дар гулистони висолаш эътиборе доштам,
Ҳамчу гул аз рангу бӯ ишратканоре доштам.

Аз рухи чун гул, хате чун сабза, аз холи чу уд,
Дар ҷаҳони хуррамӣ мушкинбаҳоре доштам.

Дода дилро, баргирифтам домани зулфаш ба даст,
Инчунин дар мулки ҳасрат гирудоре доштам.

Кард он рӯзе фалак моро зи ҷавлонат ҷудо,
Ҳамчу мавҷи баҳр як олам каноре доштам.

Сабзаи хатти рухаш чун дур гардид аз назар,
Аз ситам оинаи дилро ғуборе доштам.

Ҳамчу нури партави хуршед андар мулки ҳусн
Дар ҷаҳонгирӣ амири шаҳриёре доштам.

Ёди айёме, ки чун Макнуна аз имдоди бахт,
Дар бисоти васл некӯ рӯзгоре доштам.

## 234

Дар вафоят аз ду олам чашм барҳам бастаам,
Чашми уммед аз вафои ҳарду олам бастаам.

Бастаам аз хоки роҳат синаи садчоки хеш,
Бастаам сад дар ба рӯи ғайру маҳкам бастаам.

Сурати бeихтиёрам бар дари борат муқим,
То қиёмат баҳри хизмат даст барҳам бастаам.

Гарди роҳи анбаромези ту ҳангоми суҷуд
Ҳур дар гесую ман дар чашм барҳам бастаам.

Карда шавқам дар гиребон равғани бодоми чашм,
Дар ғамат з-ин сон ба лавҳи сина марҳам
бастаам.

Ҷуз санои хокрӯбони дарат кизб асту лоф,
Фикри ман кун, к-аз санои дигарон дам бастаам.

Сад дари шодӣ кушода ид бар рӯи ду кавн,
Рӯи худ ман бар дари вайронаи ғам бастаам.

Саҷдаи ишқи рухат идӣ бувад Макнунаро,
Бар сари дил ҳар замон дастори байрам бастаам.

## 235

Чун лола дар фироқи ту дар хун нишастаам,
Дар хун зи доғи он рухи гулгун нишастаам.

Бо ёди рӯи гулшани ӯ ҳамчу оина,
Бикшода чашми ҳайрату маҳзун нишастаам.

Бо оби дида, бо рухи зарду дили фигор,
Ҳайрон зи бевафоии гардун нишастаам.

Сарсону зору хаста ба саҳрои пур алам
Бе ҳалқаи висоли ту Мачнун нишастаам.

Вайронаҳо вафокадаи манзили ман аст,
Девонаам, зи доира берун нишастаам.

Дар ишқи ёр зардии рӯям бувад гувоҳ,
Гарди ситам ба чеҳра, дигаргун нишастаам.

Макнуна дар фироқи ту чун гирья мекунад,
Бикшой чашми лутфу бубин чун нишастаам?

## 236

Дар оташи муҳаббат хокистари фаноям,
Аз мулки бенишонӣ пурсед ному ҷоям.

Бегона кард ҳиҷрон аз гулшани висолаш,
Ҳар субҳдам чу булбул бо нола ошноям.

Селобвор мавҷаш ҳар сӯ занад талотум,
Ҷӯи сиришки хунин аз дидаҳо кушоям.

Бар сар зи мӯи печон дар мулки дард султон,
Гӯё нишаста фориғ дар сояи ҳумоям.

Аз дида гашт пинҳон Лайлӣ ба маҳмили ноз,
Дар водии ҷудоӣ Маҷнуни бенавоям.

Дар шом сақфи гардун ҳар сӯ шавад шафақгун,
Аз сина ҳамчу нола гар доғи дил намоям.

Пурсиданист ҳолаш Макнунаи ҳазинро,
Аз гирьяи ғамафзо дар гил бимонда поям.

## 237

Зарраосо бо рухи чун офтобат бандаам,
Бо ду зулфи ҳалқаи пурпечутобат бандаам.

Нест бар каф мевае аз нахли боғи орзу,
То бар он бодоми чашми нимхобат бандаам.

Эй лаби лаълат ба мулки ҷони ман оташфишон,
Бо румузи нуктаи ширинҷавобат бандаам.

Аз камоли лутфи ту оби назокат мечакад,
Лек бо талхии осори итобат бандаам.

Кабк аз рафтори худ бори хиҷолат мекашад,
Дар хироми ҷилва бо тарзи шитобат бандаам.

Шаҳриёро, аз назар ғоиб макун Макнунаро,
Бо ғубори мақдами олиҷанобат бандаам.

## 238

Аз оташи муҳаббат сӯзандатар димоғам,
Аммо чу доғи лола равшан нашуд чароғам.

Имшаб ба ёдам омад ҳусни гулофаринаш,
Рафтам зи хеш, лекин н-омад ба кас суроғам.

Омад ба гулшани ҷон боди хазони ҳиҷрон,
Аз ҷисм рафт дармон, пажмурда гашт боғам.

Аз базми васл дурам, ғам кард беҳузурам,
Афтоду рехт бишкаст ҳам бода, ҳам аёғам.

Ҳар субҳ булбули дил ҷуз нола нест ҳолаш,
Озод аз ҳаловат, мустағнӣ аз фароғам.

Аз гардиши замона шаҳбоз рафт аз даст,
Зулме намуд ҳиҷрон, ғавғо зи хайли зоғам.

Бояд ба кунҷи узлат дил бо Худой бастан,
Макнуна, кист созад ҷуз лутфи ӯ суроғам?

## 239

Аз лаби базми висолат бар канорам, чун кунам?
Гӯшае дорам, вале тоқат надорам, чун кунам?

Заҳри чашми ӯ парешон дорадам бе тоби зулф,
Хастаи бодоми заҳролуди ёрам, чун кунам?

Гарде аз роҳи балои ишқ-сад тӯфон ҷунун,
Ман, ки сар то по аз ин дар пурғуборам, чун
кунам?

Тоби ин нӯҳ шишаи ахзар ҳазорам гирья дод,
Мегудозам чун гул аз ашки қаторам, чун кунам?

З-он ду рух шуд чашми ман аз гирья то мижгон
сафед
Ин шукуфт аз тоза гулҳои баҳорам, чун кунам?

Зор мегирьям, чу мепӯшад зи ман мисри ҷамол,
Қути ҷон қаҳт аст, агар тухме накорам, чун кунам?

Аз дилам, Макнуна, дуди шӯълаи ғам сар кашид,
Чун ғубор имрӯз оташ дар канорам, чун кунам.

## 240

Бар лаб омад з-он ду лаб ҷони фигорам, чун кунам?
Аз ғами холаш сияҳ шуд рӯзгорам, чун кунам?

Гуфт чун бисмил шавӣ, хокат тамошогоҳи мост,
Гар бирӯяд лола аз хоки мазорам, чун кунам?

Бо сагаш то рӯз дар шабҳои зорӣ ҳамдамам,
Ӯ надорад хобу ман ҳам беқарорам, чун кунам?

Аз чароғи чашми Яъқубам басе дил зиндатар,
Гар набахшад ҷон насиме з-он диёрам, чун кунам?

З-интизорам кушту ҳастам ҳамчунон муштоқи васл,
Гар насозад зинда баъд аз интизорам, чун кунам?

Булбули нолонам, аммо гуфтугӯям ҷумла назм,
Дар саробӯстони шеър ин шуд шиорам, чун кунам?

Нест дар ҷону дилам, Макнуна, осоиш падид,
Дар хаёли турраи ӯ беқарорам, чун кунам?

## 241

Дар ин хона бо доғи ҳайрониям,
Муқайяд чу мурғони зиндониям.

Ба болини ин хаста ҷамъанд халқ,
Бад ин гуна ҷамъият арзониям.

Нашӯяд ба ҷуз оби ашки нисор,
Ғубори ғам аз лавҳи пешониям.

Ҳама шаб ба нохун канам синаро,
Ки зоҳир шавад доғи пинҳониям.

Вале доғи дил кавкабе, мушкил аст,
Куҷо рӯ намояд ба осониям.

Зи табъи пурошӯби ҳоли табоҳ
Саҳоби харобию вайрониям.

Ғубори фано — оламороиям,
Нисори ҷило — гавҳарафшониям.

Забуну хамӯшам чу мӯри заиф,
Забонбанди мӯҳри Сулаймониям.

Ба ҷамъиятам нест кас дар камол,
Зи бас дар камоли парешониям.

Ба сар мӯи жӯлида фаррухтар аст
Зи сад соя чатри Сулаймониям.

На сабре бувад дар шаби тангиям,
На шукре ба рӯзи фаровониям.

Маи масти хунобаи ҳасратам,
Гули дасти доғи пушаймониям.

Чу Макнуна аз дурии зулфи ӯ,
Харобию ошуфтасомониям.

## 242

Ба ҷонам гулшани васлат ҳамеша орзу дорам,
Сабоосо саҳар аз ҳар каноре ҷустуҷӯ дорам.

Зи ёди бодаи лаълат гадоӣ метавон кардан,
Ба дӯши номуродӣ аз кафи ҳасрат сабӯ дорам.

Ниҳоли қомататро дар баҳори фикр парвардан,
Ба оби ашк аз чашми нигаҳ обод ҷӯ дорам.

Магар афтод дар оинаи дил акси рухсорат,
Ки чун девона дар ҳар ранг бо худ гуфтугӯ дорам,

Ба дашти ҳаҷр чун Маҷнун ба ёди Лайлии васлаш
Зи дуди оҳ бар болои сар жӯлида мӯ дорам.

Ба гулшан лол шуд аз нолаи ман булбулу қумрӣ,
Миёни ҳалқаи ушшоқ з-он рӯ обрӯ дорам.

Зи ҳаҷри ӯ гулосо синаи Макнуна шуд сад чок,
Дар ин гулшан зи тори нолаи булбул руфӯ дорам.

## 243

Аз лаби майолудат бодае талаб дорам,
Ҳамчу чашмаи ҳайвон гирьяи аҷаб дорам.

Оташи фироқи ту сӯхт устухонамро,
Ҳамчу нолае аз най турфа тобу таб дорам.

Нағмаҳои ҷонсӯзам, лек офатангез аст,
Дар миёни ушшоқон ин қадар адаб дорам.

Дар хаёли рухсораш ҳамчу оина маҳвам,
На ҳаловати ишрат, на ғами тараб дорам.

Домани висоли ӯ рафт аз кафи дастам,
Рӯзу шаб аз ин ғусса ҷони худ ба лаб дорам.

Он парӣ чу ранги гул пар заду хиромон рафт,
Ман ки аз шикасти дил шишаи Ҳалаб дорам.

Аҳли базмро маъзур, маст шуд чу Макнуна,
Аз хаёли лаъли ӯ бодаи инаб дорам.

## 244

Буд шишаи дилҳо ҷилваи паризодам,
Пас куҷо равад берун ранги ҳуснаш аз ёдам.

Андалеб хокистар аз шарори ранги гул,
Рӯи оташангезе сӯхт беху буньёдам.

Азм сӯи мағриб кард он нигор чун хуршед,
Бар замин зи ҳиҷронаш ҳамчу соя афтодам.

Эй саҳоб, аз ашкам қобили зудудан нест
Ҳамчу синаи лола доғи ишқ эҷодам.

Раҳм раҳ намеёбад мурғи бисмили моро,
Қатл кард якбора он ду чашми ҷаллодам.

Нест суд, Макнуна, нола гар кунӣ аз дур,
Дар мақоми истиғно кай расад ба фарьёдам?

## 245

Ҳар касе гардад агар як лаҳза дамсози қалам.
Мурғи рӯҳаш дар бадан паррад зи овози қалам.

Ҳамчу ман бар сафҳаи айём аз савдои ишқ
Дуди оҳу ашки ӯ анҷому оғози қалам.

Кист фаҳмад нуктаи рамзи ҳуруфи кофу нун,
То нагардад ҳамчу маънӣ маҳрами рози қалам?

Гирьяҳо дорад зи мотам аз ғами ҳиҷрони ёр,
Аз сиёҳӣ дошта ҳар дам сарандози қалам.

Нест фаҳмидан, вале бо гӯши дил хоҳад шунид,
Нолаи Макнунаи мо шуд ҳамовози қалам.

## 246

З-ин гулистон рӯи зарду чашми гирьён меравам,
Ҳамчу дуди шамъ бо оҳи фаровон меравам.

Бо дили пурхун зи ҳасрат аз ғами дарди фироқ,
Гӯиё аз маъдани лаъли Бадахшон меравам.

Мурғи шохи ҳасратам, тири маломат аз қафо,
Меваи роҳат паси сар карда, ҳайрон меравам.

Мушки хошоки заифам, дар ҳам аз боди фироқ,
Хотири ошуфтаву ҳоли парешон меравам.

Дурам аз базми висоли ёр, ҷоми ғам ба даст,
Боз сар бар дасту дастовези ҳиҷрон меравам.

Ҳамчу шамъи мурда аз ҷавру ҷафоҳои рақиб
Менишинам гӯшаву сар дар гиребон меравам.

Дар ҷаҳон набвад маро, Макнуна, аз васлаш умед,
Ҳамчу Маҷнун оқибат сӯи биёбон меравам.

## 247

Аз ҳаҷри рухаш азоб дорам,
Як пора дили кабоб дорам.

Аз сар наравад ҳавои мастӣ,
Аз фикри лабаш шароб дорам.

Аз баҳри расидани висолаш,
Чун барқ, басе шитоб дорам.

Гардонда зи рӯзу шаб варақҳо,
Умри гузарон китоб дорам.

Аз турраи зулфи мушкбораш
Бар гардани дил таноб дорам.

Пурсидани ҳоли дарди ҳиҷрон
Ҷурме набувад, савоб дорам.

Макнуна, зи зулми фурқати ӯ
Ду дида даруни об дорам.

## 248

Зи дарди ишқ дилам шуд харобу лоғар ҳам,
Зи оташи ғами ҳиҷрон кабобу ахгар ҳам.

Зи шаҳди лаззати лаълаш чакида оби ҳаёт,
Ба ҳасрат об шуда ҳамчу бода соғар ҳам.

Чу навбаҳор ба рухсорааш, ки сабза дамид
Зи рашк сӯхта хуршеду чархи ахзар ҳам.

Қади баланд ба гулшан ба ҷилва дод хиром,
Зи хиҷлат об шуда сарв бо санавбар ҳам.

Ба сӯи ёр навиштам зи сӯзи оташи дил,
Чу барқ гашта равон номаву кабӯтар ҳам.

Шамими зулфи рухаш бо димоғи нофа расид,
Зи бӯи ӯ шуда хун, сӯхт атру анбар ҳам.

Зи ҷӯши гирья кунун хушк гашт чашмаи чашм,
Намонд бар рухи Макнуна дидаи тар ҳам.

## 249

Зи ёди мавҷи он дандонгуҳар бар хеш ларзидам,
Чакидам чун сиришк аз дидаву симоб гардидам.

Чу булбул кай расад бо гӯши он гулрух дар ин
гулшан.
Зи шаб то субҳ дар ҳиҷрони ӯ чандон, ки нолидам.

Ба ҳолам он ғизоли ваҳшӣ аз ҷавлон
напардозад,
Ба дашти ишқ андар доғ ҳамчун лола ғалтидам.

Касе девонаро айбаш кунад девонагӣ орад,
Басе хандид бо аҳволи ман, бо ҳар кӣ хандидам.

Тааллуқ з-эътибори ҳастӣ чун мавҷи гуҳар бошад,
Зи худ берун нагаштам, ҳамчунон бар хеш
хандидам.

Магар аз юмни он султони олам, хисрави довар,
Сияҳбахтӣ шавад зоил, чу соя гарчи хуспидам.

Аҷаб набвад чу Маҷнун гар бигирад домани
саҳро,
Зи ишқи он парӣ Макнунаро девона фаҳмидам.

## 250

Аз китоби ишқ чандин достон дорад дилам,
Ҳамчу доғи лола аз савдо нишон дорад дилам.

Рафтаам аз хеш дар ҷое, ки он ҷо роҳ нест,
Дар ғубори боли анқо ошьён дорад дилам.

Чун равад гар аз лаби носури ӯ, ҷуз нола нест,
Гӯши ҷон барнеҳ ба ман, афғон чӣ сон дорад дилам.

Роҳи дашти ишқ ҷуз бо дард нопаймуданист,
Аз ғаму оҳу надомат корвон дорад дилам.

Чун нашуд пур доғ, кай донад касе мазмуни ишқ,
Маънии савдои лафзи бенишон дорад дилам.

Бо мақоми дардхоҳӣ рафтанат аз роҳ не,
То ба боми нола чандин нардбон дорад дилам.

Тоати бедард, эй Макнуна, бас бошад абас,
Зиндагӣ чун ҷон ба тан аз ишқ ҷон дорад дилам.

## 251

Фурқати он нозанин кард дилам пур зи ғам,
Тан шуда кулфатнишин, сӯхта ҷон аз алам.

Сӯи фалак з-оташаш сӯзаду дуд афганад,
Бар рухи сафҳа кунад ҳар кӣ зи ҳаҷраш рақам.

Бо тани урьёни ман аз чӣ барорад фиғон,
Баски хиҷолат кашад нолаи мурғи ҳарам.

Баски чакид ашки хун аз гули ёди рухаш,
Саҳни ҷаҳонро шуда гулшани боғи Ирам.

Кард ғанӣ дар ҷаҳон оташи ишқаш маро,
Нест ба дил доғҳо, кисаи ман бедирам.

Дар раҳи парвардигор гар ту шавӣ хору зор,
Хубтар ояд ба кор аз зару симу ҳашам.

Нола кунад айб нест, хастаи Макнунаро
Кард зи худ бехабар фурқати шоҳи Аҷам.

## 252

Не ба коми хештан бо равза берун меравам,
Аз парешон кардани бахти дигаргун меравам.

Мекашам ин сурат аз бедоди даврон сад харош,
Он чӣ мебинӣ бад-ин сурат, ки акнун меравам?

Тираву сар дар ҳаво дар дашти ғам чун гирдбод,
Бесафотар з-оҳи дардолуди Маҷнун меравам.

Дар дилам омад зи ёди оразат хунам ба ҷӯш,
Бо даруни сӯзноку чашми пурхун меравам.

Бодпои шавқ медонад, ки ман чун медавам,
Раҳрави андеша мефаҳмад, ки ман чун меравам.

Қатраи обам, гар аз гавҳар ба Ҷайҳун мерасам,
Зарраи хокам, гар аз рифъат ба гардун меравам.

Ҳар тараф чун мӯри оҷиз дасту пое мезанам.
Оқибат Макнунаосо зору маҳзун меравам.

253

Бар танам гардид нақши бӯрьё тасвири дом,
Зери сақфи осмонам ҳамчу мурғи зери дом.

Бе фиреби донаву доме гирифторе шудам,
Аз сипоҳи бениёзӣ кардаам тасхири дом.

Баски дорем орзӯи лаззати бисмил шудан,
Хуни сайди мо нахоҳад гашт домангири дом.

Доман аз гарди таъаллуқ барфишон чун осмон,
Чанд бошӣ чун замин аз нақши по дар зери дом?

Нест бар осудагон завқи гирифторӣ ҳаром,
Хок бар сар бод мурғеро, ки шуд дилгири дом.

Мешавам хоки раҳи сайёди хунрезе, ки боз
Боли парвози маро бастаст ҳамчун тири дом.

Дил ба тан бо сунбулаш завқи гирифторӣ бувад,
Мекунад Макнуна шаб то субҳдам шабгири дом.

## 254

Баски худро бастаи доми бало мехостам,
Меҳнат аз осоишу дард аз даво мехостам.

Мову ишқи дӯст мегаштем дар саҳрои дил,
Сарзамине баҳри тарҳи Карбало мехостам.

Ёди он завқи шаҳодат, к-аз ҳуҷуми бехудӣ
Захми теғ аз сояи боли ҳумо мехостам.

Сӯхтам дар оташу садбор дил таскин наёфт,
Синаи гарме, ки дӯзах дошт ё мехостам.

Мо намемондем чун Макнуна аз кӯшиш ҳамон,
Ин қадар ҳамроҳӣ аз шавқи расо мехостам.

## 255

Шаб, ки бо ёди рухат нақши гулистон бастаам,
То саҳар гулдастаи хоби парешон бастаам.

Ғофил аз сарриштаи бедоди мижгон нестам,
Дар назарҳо дафтари захми намоён бастаам.

Қатраи дарьёи раҳмат ноумедӣ-машраб аст,
Ошноматлаб, диле бар шарм пинҳон бастаам.

Ман, ки ҳайратпешаам, бо васлу ҳиҷронам чӣ кор?
Тӯҳмати беҳудае бо шоми ҳиҷрон бастаам.

Дил зи васфи қомати мавзуни ӯ хун бастааст,
Назми ин мисраъ магӯ, Макнуна, осон бастаам.

## 256

Камари захми ӯ ниҳон бастам,
Домане бар миёни ҷон бастам.

Ҳусн бегона, ишқ девона,
Чӣ абас дил ба имтиҳон бастам.

Таркаши нола мекунам холӣ,
Бе камон шаст бар нишон бастам.

Хандаи гулниҳол раънотар,
Шарт бо сарви боғбон бастам.

Дил на Макнуна сайди кокулу бас,
Тори он зулф ҳам ба ҷон бастам.

## 257

Ба даври васл ҳам аз ишқ табъи шод надорам,
Хушам, ки дар ду ҷаҳон ҷуз ғамат мурод надорам.

Ба васл ваъда кунад ёру ман ба хеш биларзам,
Зи ваҳми он, ки бар айём эътимод надорам.

Ҷафову ҷаври ту пайваста хайр бод ба ҷонам,
Ки ҳеҷ гоҳ ба ишқи ту хайрбод надорам.

Чу ғунчае, ки зи гулбун ҷудост бе гули рӯят,
Ба дил ҳазор гиреҳ ҳаст, як кушод надорам.

Ману хаёли ғами ишқу орзуи висолат,
Дигар зи шеваи айём ҳар чӣ бод, надорам.

Касе, ки рӯи туро дида, ҷуз рухи ту наҷӯяд,
Аҷаб мадор, ки гӯям дигар мурод надорам.

Ба васл зуд раҳам деҳ, ки кор рафт зи дастам,
Кунун ба тоқати Макнуна эътимод надорам.

## 258

Он, ки маҳҷур зи васли рухи ёр аст манам,
Он, ки як-умр гирифтори нигор аст, манам.

Он, ки дилсангу ситамгору ҷафоҷӯст, туӣ,
Он, ки маъюси балодидаи зор аст, манам.

Он, ки аз тангии дил ғунчасифат бе рухи ёр
Бо ҳама хуни ҷигар ҳамдами хор аст, манам.

Он, ки хуршед бувад дар фалаки ноз, туӣ,
Он, ки чун соя сияҳрӯ зи нигор аст, манам.

Он, ки доим зи тараб хурраму шод аст, туӣ,
Он, ки пайваста зи ғам синафигор аст, манам.

Он, ки бар дидаи ман нури нигоҳ аст, туӣ,
Он, ки бар домани нози ту ғубор аст, манам.

Он, ки бе ман ба тарабҳои сурур омада, ту,
Он, ки дар ишқи ту бе сабру қарор аст, манам.

Ҷилва бар дидаи ҳар оина беҳуда макун,
Он, ки бо рӯи ҷаҳонтоби ту зор аст, манам.

Дӯстон, раҳм ба бадрӯзии Макнуна кунед,
Он, ки дур аз рухи хуршед-узор аст, манам.

## 259

Фурқати рӯи ту кори дили мо кард тамом,
Бандаи лаъли туро хандау айш аст ҳаром.

Ҳамаро вақти нишот омаду ҳангоми тараб,
З-ин миён қуръаи андӯҳи ту мороcт ба ном.

Талхкомӣ зи ғами ишқ кашидем, вале
Васли ширинлаби худ ҳеҷ надидем ба ком.

Чун насибам ҳама нокомию маъюсӣ шуд,
Хок бар гардиши ин оламу даври айём!

Гар ҳама умр ба афсун гузарад, мумкин нест
Як ҷавоб аз лаби лаъли ту шунидан ба салом.

Ҳайратам ҳаст зи носозии толеъ афзун,
Гардиши чарх нагардид замоне ба маром.

Умр бигзашт чу Макнуна, ба номанзурӣ,
Як нигаҳ бар мани овора надорад инъом.

## 260

Чу чира бо рухи он офтоб гардидам,
Зи тоби шӯълаи рӯяш кабоб гардидам.

Висоли рӯи ту бо ҳосили ҷаҳон надиҳам,
Хушо, ки бар ғами ишқи ту, боб гардидам.

Бубин ба ҳоламу эй бевафо, тараҳҳум кун,
Ки аз балои муҳаббат хароб гардидам.

Зи дур партави лаъли ту тофт чун хуршед,
Ҳазор бор чу симоб об гардидам.

Шаби фироқи ту то субҳдам чу риштаи шамъ
Зи сӯзи сина ба сад печутоб гардидам.

Чу соя аз асари ман мапурс, Макнуна,
Ки маҳви ҷилваи он офтоб гардидам.

## 261

Ёр аз ман дуру ман бе орази ӯ зиндаам,
Аз муҳаббат баъд аз ин, то зиндаам, шармандаам,

Гар дами ишрат занам, бе рӯят афғон мешавад,
Бе ҷамолат гирья меоянд ба ҳоли хандаам.

Эй худо, ғайр аз ҳавои ишқ набвад кори ман,
Ин қадар кардӣ ба фармони муҳаббат бандаам?

Халқ бо чандин ҳавас, ман дар миён ҳастам, хаёл
Нест ҷуз савдои зулфе бар сари афкандаам.

Рафта-рафта дар дилам ишқи ту афзун гаштааст,
Чист тадбири дили андӯҳ-афзояндаам?

Ҳоли ин Макнуна хуш андар хаёли рӯи ту,
Кам нагардад шавқи рӯят аз дилам, то зиндаам.

## 262

Эй хаёли қоматат сарви гуландоми дилам,
Фикри рӯят субҳу ёди кокулат шоми дилам.

Чун ба ёди зулфи мушкинат набошам субҳу шом?
Боиси ҷамъияти ҷон асту ороми дилам.

Ҷуз паёми лутфи ту набвад ғизои ҷони ман,
Ҷуз лаби лаълат набошад ҳосили номи дилам.

Дар фироқат нест ғайр аз тирагӣ субҳи маро,
Аз саводи шом бояд ҷуст пайғоми дилам.

Аз таби таъсири ҳасрат об мегардад тамом,
Гар ба рӯи санг афтад нақш аз номи дилам,

Гар шудам сайди ҷамоли ёр, маъзурам аз он,
Чунки холу зулфи ӯ шуд донаву доми дилам.

То қиёмат метавон мамнуни ҷамъият шудан,
Чун паёме кард аз лаъли ту инъоми дилам.

Орзӯи ишрати Ҷамшед донад ори худ,
Ҳар куҷо гардад хаёли чашми ӯ ҷоми дилам.

Баски, Макнуна, фиғандам дар бало аз ишқи ӯ,
Аз хиҷолат нест тоби бурдани номи дилам.

263

Ба назар шефтаи орази зебоӣ туам,
Ба дил ошуфтаи гесӯи сумансои туам.

Нашавад хотирам аз талхии айём малул,
Марҳаматсохтаи лаъли шакархои туам.

Ҷилваи тубию шамшод насозам манзур,
Орзуманди хироми қади болои туам.

Ба худ аз чашми ту як бор надидам назаре,
Гарчи умрест чунин волаву шайдои туам.

Хоҳ дар оташи сӯзанда фиган, хоҳ дар об,
Бандаи хоҳишу маҳкуми як имои туам.

Чанд аз базми тараб дур намоӣ, ман ҳам
Шамъсон сӯхтаи доғи таманнои туам.

Зулм аз тарки ситам бар мани ошуфта макун,
З-он ки омӯхтаи ҷавру ҷафоҳои туам.

Макунӣ қатъи назар аз дили Макнунаи зор,
Синачоки нигаҳи наргиси шаҳлои туам.

## 264

Солҳо шуд, ки асири қади болои туам,
Умрҳо шуд, ки гирифтори таманнои туам.

Гарчи ҳеҷам ба раҳи ишқи ту монанди ғубор,
Ҳар чӣ бошам, чу замин фарши кафи пои туам.

Бар парешонии ҳоли дили ман раҳм намо,
Ошиқи сӯхтаи зулфи сумансои туам.

Сайри қумрӣ ба ҳавои қади сарв аст баланд,
Давлатам бас, ки чунин волаву шайдои туам.

Рафт сабр аз дилу роҳат зи тану ҳуш зи сар,
Раҳм кун, ғамзадау бедилу расвои туам.

То ба кай талхии ҳаҷри ту надонам, бошад?
Ба ҳавас дилшудаи лаъли шакархои туам.

Эй гули тоза, зи Макнуна макун қатъи назар,
Гарчи хорам, ҳама тан фарши кафи пои туам.

## 265

Ҷуз ғамат бар дили афгор намедонистам,
Ҷуз муҳаббат ба раҳат кор намедонистам.

Хуш кашидам ба дил озори ту бисьёр, вале
Инқадар шӯхи дилозор намедонистам.

Ман надонам, ки чӣ кардам зи вафо кӯтоҳӣ?
То ба ин рутба ҷафокор намедонистам.

Кард бар ҳоли ман он ҷавр, ки душман накунад,
Дӯстдоре, ки чу ӯ ёр, намедонистам.

Домани лутф зи ман сахт кашидӣ, худро
Пеши роҳи ту чунин хор намедонистам.

Як нафас хотири хуш нест маро, Макнуна,
Ҷаври ёр ин ҳама бисьёр намедонистам.

## 266

Мегирьяд абру хандазанон ғунча дар чаман,
Меоварад зи шавқи лабат об дар даҳан.

Мегирьям аз ҳавои ту чун абр дар баҳор,
Месӯзам аз фироқи ту чун шамъ дар лаган.

Дар ҳайратам, ки бе ту чаро зиндаам, бигӯ,
Бо он, ки як нафас натавон бе ту зистан.

Гаҳ дил барад таккаллуму гоҳе табассумат,
Ҷонам фидои он лаби лаъли шакаршикан.

Аз ман аҷаб мадор, гар аз ҷоми шавқи ту
Ҳастам чунон, ки нест шуурам ба хештан.

Дар Бесутун зи ҳасрати ширинлабе ҳанӯз
Афтодааст бехабар аз хеш Кӯҳкан.

Ҳайрони шакли хуби ту суратгари Хито
В-аз чашми ҷодуи ту хиҷил оҳуи Хӯтан.

Оби ҳаёт мечакад аз сими ғабғабат,
К-аз оби чашмасори ҳаёт аст он зақан.

Дар ҳар чаман, ки сарви қадат ҷилва мекунад,
Кас нангарад ба қомати шамшод дар чаман.

Аз май чу бишкуфад гули садбарги оразат,
Гардад шикаста равнақи насрину настаран.

То дида ҳусни гулшани рухсори ту ба хоб,
Макнуна зор сӯхта дар оташи миҳан.

## 267

Ёри ман аз ғамзаву лаб ҳаст ошӯби ҷаҳон,
Ҳаст ҷонбахш аз лабу в-аз ғамза бошад ҷонситон.

Моҳрӯён дар ҳақиқат, не дар оини маҷоз,
Меҳрубони ошиқи хешанд, ӯ — номеҳрубон.

Мекунам ёди лабаш чун мехӯрам хуни ҷигар,
Мехӯрам хуну ба оби хизр мешӯям даҳон.

Ман ба хун ғалтону ӯ бар натъи гулгун хуфтааст,
Ӯ ба хоби нозу ман дар айни фарьёду фиғон.

Аз ду лаб чун нукта гӯяд, дар гумон афтанд халқ
К-он бувад ёқути гавҳарбор ё қути равон.

Чун хиромад, пой бар дилҳои мазлумон ниҳад
Тавсани нозаш, ки ҷони халқ дорад дар инон.

Дар шаби ғам чун шавам бедор, бошам синачок,
Хоб чун бинам, ки ояд масту ханҷар дар миён.

Аз вуҷуде мекунам таъбири ин хоб илтимос,
К-ӯ бувад воқиф зи асли кори пайдову ниҳон.

Он, ки аз лутфи илоҳӣ хонда бе таълими ғайр
Дар дабистони азал арқоми лавҳи осмон.

Кардаам аз васфи ӯ Макнуна бас тӯморҳо,
Дар ҳуҷуми ҳодисотам ин бувад ҳирзул-амон.

## 268

Аз ҳаҷри он муроди дилу орзӯи ҷон
Ҷону дилам намонд, на ин дораму на он.

Аз чоки сина рӯ ба диёри адам кунад,
Дар сина гар ғамаш нашавад ҳамнишини ҷон.

Дар фикри мӯи ӯ ба таманнои рӯи ӯ
Чун мӯи ӯ гудохт дилу ҷони нотавон.

Фарьёд з-он парӣ, ки хаёли дигар набаст,
Ғайр аз ҳамин, ки чеҳра зи мардум кунад ниҳон.

Дар дида меҳмони хаёлаш бувад азиз,
Оре, чу нури дида азиз аст меҳмон.

Ашкам хилофи қоида бар рӯи ҳамчу зар
Пеши назар чу барги баҳор аст дар хазон.

Аз хуни дил маро мижа сурх аст чун қалам,
Яъне ба хуни дил задаам дасти имтиҳон.

Бо қомати чу ҳалқа агар сар равад ба бод
Дар кӯи ӯ, ки ҳаст таманнои инсу ҷон.

Хоҳам гирифт ҳалқаи он дар ба ишқи дил,
Хоҳам ниҳод рӯи иродат бар остон.

Макнуна, беҳад асту ниҳоят тариқи ишқ,
Хомӯш бош, рахши сухановарӣ марон.

## 269

Ҳазор дасти ҳавас кӯтаҳ аст з-он домон,
Муайян аст, ки натвон гирифт домани ҷон.

Хароби он хати сабзам, ки баҳри мадди назар,
Ба паҳлуи гули навраста мениҳад райҳон.

Шаҳиди санъати машшотаам, к-аз он хату хол,
Барои куштанам овардааст мӯҳру нишон.

Агарчи кас наниҳад ҳарфи мимро нуқта,
Ниҳода нуқтаи холе аҷаб ба кунҷи даҳон.

Камоли донишу тақвову зӯҳду илму амал
Тамом тарк тавон карду тарки ӯ натвон.

Агар ман аз ғами рӯяш фано шавам? чӣ аҷаб?
Худо бимонаду бас, «куллӯ ман алайҳо фон».

Зиҳӣ ба назди ту, Макнуна, рангу бӯи сухан,
Чунон ки мушк сӯи Чин баранду лаъл ба кон.

## 270

Ба оламе, ки бувад ҳусни ӯ баҳори чаман,
Хаташ ба орази гулгуни ӯ ғубори чаман.

Зи май ба боғ чу товуси маст ҷавлон зад,
Надида кас, ки чунин гул шуда дучори чаман.

Рухаш, ки гашт ҳувайдо ба навбаҳори вуҷуд,
Ба шохсори хазон рафт эътибори чаман.

Ба ин латофату хубӣ сафои рухсораш,
Магар ки парварише ёфт дар канори чаман?

Рухи нигор, ки чун шамъи базм-афрӯз аст,
Аз ӯ чӣ гуна кунад дида ихтиёри чаман?

Ниҳода доғ ба гулзор назри ҳиҷронаш,
Шукуфта рехта гардид лолазори чаман.

Аз он замон, ки ҷудо гашта аз рухи ёраш,
Сабосифат шуда Макнуна беқарори чаман.

## 271

Рӯяш зи нашъаи май аз он шуд чаман-чаман,
Дар тан зи хуррамӣ дилу ҷон шуд чаман-чаман.

Зардии оразам, ки тамошо кунанд халқ,
Аз дард ҳамчу барги хазон шуд чаман-чаман.

Чун мавсими баҳор зи нури ҷамоли ӯ,
Ҳар гуна рангу бӯй аён шуд чаман-чаман.

Гирьён шудам зи ҳаҷри гули оразаш чу абр,
Хуни сиришки дида равон шуд чаман-чаман.

Макнуна сӯхт з-оташи ишқи париваше,
Аз барқи оҳ саҳни ҷаҳон шуд чаман-чаман.

## 272

Агар аз парда рухи он санам ояд берун,
Аз дили ғамзадаи ман алам ояд берун.

Ёр агар ҷилва кунад, бо раҳи истиқболаш
Ҷону дил аз тани зорам ба ҳам ояд берун.

Раҳмро пеша намову макун озори диле,
Қатл манъ аст, чу мурги ҳарам ояд берун.

Доғи ишқаш ба бадан боиси хурсандии мост,
Хушии мулк зи нақши дирам ояд берун.

Он замоне, ки лаби лаъли худ аз бода кашад,
Нола аз ҷому май аз ҷоми Ҷам ояд берун.

Гар ба гулзор қади сарв ҳамедод хиром,
Чашми ҳайрат чу гул аз ҳар қадам ояд берун.

То нависад ғами ҳиҷрони туро Макнуна,
Ашкаш аз дида чу хуни қалам ояд берун.

## 273

Рафт чу ҷон аз бадан ҷилвакунон ёри ман,
Нест ҷуз ӯ дар ҷаҳон ҳеҷ харидори ман.

Фикр намуда ба шаб рӯи арақноки ӯ,
Карда ба чашми нигоҳ дидаи бедори ман.

Рехта бар фарқи ӯ мӯйсифат гарди ғам,
Ҳар кӣ ниҳад як даме пушт ба девори ман.

Аз алами дарди ишқ ҳол басе мушкил аст,
Гар нанамояд мадад Қосими Анвори ман.

Ҳастие ҳосил шавад бо дили афсурдаам,
Гар зи лаби ӯ расад бодаи саршори ман.

Бонг чу мурғи саҳар аз ғами гулрӯи ӯ,
Нолаву афғон бувад кори ману бори ман.

Буд чу Макнуна фикр аз қади болои ӯ,
Омада мавзун аз он нуктаву гуфтори ман.

## 274

Ҳусни рухсораш чу аз мушкинниқоб омад бурун,
Дар шаби торик гӯё офтоб омад бурун.

Рехт аз чашмам зи ҳиҷронаш паёпай ашкҳо,
Ҳар касе созад гумон к-аз чашма об омад бурун.

Чун намеёбад димоғам оби ранги нашъаҳо,
К-аз хаёли лаъли ӯ бӯи шароб омад бурун.

Ҳамчу барги гул дил аз теғи фироқаш сад варақ,
Ҳарфҳои лафзу мазмуни китоб омад бурун.

Нолаамро андалебон дар шумор овардаанд.
Лек донистам зиёда аз ҳисоб омад бурун.

Чун ба ёд омад зи тори зулфи мушкафшони ӯ,
Дуди оҳ аз дил ба гардун печутоб омад бурун.

Чашми ӯ бо ғайр меафганд чандин ғамзаҳо,
Навбати Макнуна чун гардид, хоб омад бурун.

## 275

То нагардад хароб хонаи тан,
То нарезад зи ҳам тилисми бадан.

То забонам ба васфи ҷавҳари ҳусн
Дар такаллум бувад ба ваҷҳи ҳасан,

То дилам дар ҳавои гулшани ишқ,
Дар тараннум бувад чу мурғи чаман,

То шаби тира шамъи равшани дил,
Дар табассум бувад зи гирьяи ман,

То ба васфи ҷамоли шоҳиди гул,
Пой то сар забон бувад савсан,

То бувад гӯшвори бикри хирад
Донаи лаъли обдори сухан!

То ҳама умри Хизр хатти бутон
Оби ҳайвон хӯрад зи чоҳи зақан!

То муқими бисоти қурб шаванд
Хоксорони остонмаскан,

То ниҳад ғунча уд дар миҷмар,
То кунад лола мушк дар ҳован,

Ману ишқи париваше дорам,
Ҳама саҳни ҷаҳон аз ӯ равшан.

Он, ки ҳаст аз ҷабини ломеи ӯ
Ламъаи нури водии айман.

В-он, ки дар даври ҳусни рухсораш.
Зардрӯӣ кашад ақиқи Яман,

Рӯзу шаб толиби висоли ӯ,
Офтоб аз дару маҳ аз равзан.

Аз заифӣ чу нол дар қалам аст,
Ҷони Макнуна дар либоси бадан.

## 276

Дил ба сарве бастаам, к-аз дил намеояд бурун,
Шуд сарам барбод, по аз гил намеояд бурун.

Хоки кӯяш буд манзилгоҳи ҷон в-аз гирьяам
Ҷуз гиёҳи меҳр аз он манзил намеояд бурун.

Гар зи барги лола сарви ноз мепӯшад либос,
Ростӣ, ҳамранги он қотил намеояд бурун.

Як шаб аз ҷавраш намесӯзам ниҳон дар гӯшае,
К-он парӣ аз гӯшае ғофил намеояд бурун.

Дида аз ҷавраш пур аз хунобаи дил мекунам,
Ҳеҷ гаҳ бар ҳоли ман моил намеояд бурун.

Аз маи шавқаш, ки расво мешавад арбоби ақл,
Маст чун Маҷнуна лояъқил намеояд бурун.

## 277

Ҳамчу бӯи гул зи гулшан шаҳсавор омад бурун,
Булбулосо нолаҳо аз ҳар канор омад бурун.

Оташе андохт ишқи ӯ ба домони дилам,
Ҳамчу хуни дида аз ҷонам шарор омад бурун.

Аз ғами ҷонсӯзи ӯ сад доғ бар болои доғ,
Дар баҳорон лолаҳо аз кӯҳсор омад бурун.

Дар чаман гул дода дар дил ёд аз рухсори ӯ,
Оби ашк аз дидаам чун чашмасор омад бурун.

Баҳри побӯси қудуми шоҳ аз зери замин
Наргисосо чашмҳои интизор омад бурун.

Дар баёнҳо аҳли ғамро дар шумор овардаанд,
Аз миёни ошиқон Макнуна зор омад бурун.

## 278

Шуд сарф нақди умрам дар кору бори ҳиҷрон,
Ҷони гузашта, ёр[illegible] бе ман ба дори ҳиҷрон.

Сомони базми иш[illegible] дар дудмони куфр аст,
Парвардааст моро ғам дар канори ҳиҷрон.

Пайваста беқарорам дар шоми ҳаҷри зулфаш,
Ё раб, мабод чун ман кас беқарори ҳиҷрон.

Аз меҳнати ҷудоӣ ҳарфе шунида будам,
Лекин нагашта будам ҳаргиз дучори ҳиҷрон.

Чун мебарад ба кӯяш аз мо сабо ғуборе,
Шодем аз ин, ки гаштем мо хоксори ҳиҷрон.

Дар ғам асир карда Макнунаи ҳазинро,
Бо сад ҷафову меҳнат золимшиори ҳиҷрон.

## 279

Хуш биҳишт аст рӯи ӯ дидан,
Дил гирифтори мӯи ӯ дидан.

Гули умри абад ба бор овард
Чамани орзӯи ӯ дидан.

Чӣ қадар бӯи ошно дорад,
Гуле аз дур сӯи ӯ дидан.

Ҷӯши ҳусни баҳори беҳушист
Маю ҷому сабӯи ӯ дидан.

Хоби нодида мекунам таъбир
Хештанро ба кӯи ӯ дидан.

Коми ишрат дубора мебахшад
Май кашидан, ба сӯи ӯ дидан.

Хаста Макнунаро, нигар, чун аст.
Мастии ҳой-ҳуи ӯ дидан.

## 280

Ёди мижааш боиси озори дили ман,
Чун хор ба гул наштари афгори дили ман.

Лаълаш тарабангезии эҷоди ҳаёт аст,
Барҳамзани ғам бодаи саршори дили ман.

Аз офати ҳиҷрону маломатзани даврон,
Хат бар рухи ӯ нусхаи тӯмори дили ман.

Ҳар шаб ба хаёли араќи гулшани рӯяш
Анҷум шумурад дидаи бедори дили ман.

Дар баҳри ғам афтод ҳамон қатраи гавҳар,
Акнун ба куҷо рафт харидори дили ман?

Чун мурғи чаман ҳар саҳар аз оташи ҳиҷрон,
Ҷуз нола чӣ бошад ҳама гуфтори дили ман?

Макнуна чӣ пӯяд раҳи уммеди висолаш,
Шуд дарди ҷудоӣ дару девори дили ман.

## 281

То волаи рухсораи ёр аст дили ман,
Оташфигани рахти баҳор аст дили ман.

Ҳарчанд ки чун шамъ ба савдои рухаш сӯхт,
Афсӯс, ки бе базми нигор аст дили ман.

Бераҳму ҷафокору балоҷӯст дили ту,
Мазлуму ситамдидаву зор аст дили ман.

Оташ зану хун созу зи чашмам бадар афкан,
Дарьёб, ки аз баҳри чӣ кор аст дили ман.

Чун шона даме маҳрами он зулф накардӣ,
Охир, ба чӣ уммед фигор аст дили ман?

Аз ман макунӣ ор, ки умрест дар ин роҳ,
Бар домани поки ту ғубор аст дили ман.

Аз оташи ишқи ту ба саҳрои муҳаббат
Сармояи сад барқу шарор аст дили ман.

Қатъи назар аз мунтазири худ манамой,
Дар роҳи ту як дидаи чор аст дили ман.

Макнуна, дар андешаи он гулбаданастам
Сармояи сад ранги баҳор аст дили ман.

## 282

Чун шамъи шаб гузашт назокатпаноҳи ман,
Чун дуди шамъ аз паси ӯ рафт оҳи ман.

Умрест хоки роҳаму як бор ҳам нагуфт:
Ин кист хокгаштаи шайдо ба роҳи ман?

Аз офтоби васли ту мушкил бувад маро,
Бо ту намерасад, расад ӯро нигоҳи ман.

Ҳар дам ба сад гуноҳ маро мекунӣ ситам,
Ҷуз ишқ нест бар дарат, охир, гуноҳи ман.

Хоке расад гар аз сари кӯи ту бар сарам,
Аз чарх бигзарад зи саодат кулоҳи ман.

Даъвои дарди ишқ кунам, ҷои бовар аст,
Ашки ду чашм омада бар рӯ гувоҳи ман.

Макнуна, васли ӯ натавон ёфтан ба ҷаҳд,
Аз осмон баланд бувад ҷои моҳи ман.

## 283

Тиҳӣ шуд тоқатам, то чанд дар саъи ҷафо будан?
Нигоҳе кун ба ҳоли хок, то кай дар ҳаво будан?

Ту медонӣ, ки дар ишқат чиҳо омад ба ҷони ман,
Сарат гардам, набояд ин қадар ҳам бевафо будан.

Бувад то субҳ дар ёди лиқоят ҳосили корам
Фиғон кардан, тапидан, доғ гардидан, адо будан.

Зи дасти баҳла накшудаст ҳаргиз уқдаи коре,
Илоҳӣ, аз ту мехоҳем ҳоҷатро раво будан.

Дили зори маро дар ишқи он маҳ зортар гардон,
Фузунтар кун ба ҷони нотавонам мубтало будан.

Ба чашмам ашк, бар дил доғу ӯро тоза кун ҳар дам,
Ки табъи дастгоҳи ишқ мехоҳад расо будан.

Тасаллӣ медиҳад пайғом ночорӣ муҳаббатро
Маро хурсанд дорад бо сагонат ошно будан.

Ба рӯзи оҷизӣ Макнуна хуш нагрифт дасти ӯ,
Гирифтори нигоҳи он бути мижгонасо будан.

## 284

Дар фурқати ту айш набошад ба коми ман,
Лабрези хуни дида бувад бе ту ҷоми ман.

Бетолеӣ нигар, ки манам доғи шавқу лек
Дар базми ту касе натавон бурд номи ман.

Умрест бар мароми дили зор метапам,
Як бор ҳам нагашт фалак бар мароми ман.

Ҳолам ба ноумедии васлаш хароб шуд,
Ёраб, зи бахти бад кӣ кашад интиқоми ман?

Аз ашк дона дораму аз дида тарҳи дом,
Афсӯс, сайди ҷилва наёмад ба доми ман.

Ӯ шоҳу ман гадо, талаби як назар кунад,
Эй бод, гӯй бар саги кӯяш саломи ман.

Макнуна хуни дил чу маи ноб мехӯрад,
Ин аст бе ту ишрату айши мудоми ман.

## 285

Чу шамъе, ки дар базм баст ошьён,
Ҳама шоду мо сӯхта дар миён.

Фиғон беасар, умр нопойдор,
Фалак бевафо, ёр номеҳрубон.

Миёни ману туст сад ақба бим,
Дар ин раҳ чӣ созам мани нотавон?

Ба ишқат асирам, чи боло, чи паст,
Замин сахт бошад, баланд осмон.

Чу Маҷнун шудан саҳл бошад, касе
Мабодо гирифтори ишқи ниҳон.

Набошад ба сад ваъдаат як вафо,
Намудем хӯи туро имтиҳон.

Дили худ ба ҷон доштам арҷманд,
Зи ҳиҷронат, охир, дил омад ба ҷон.

Зи мавҷи итоб, эй муҳити карам,
Макун рахти Макнунаро бар карон.

286

Намедонам чӣ оташ рехт ишқи ӯ ба ҷони ман,
Ки чун минқори шамъ аз дуд меболад фиғони ман.

Ба дашти бекасӣ мушти ғуборам бод шуд, охир,
Насимо, деҳ хабар, аз сӯи ёри меҳрубони ман.

Табиб, аз набзи ман бардор дасти худ, кӣ мефаҳмад
Ба ҷуз лаъли Масиҳи ёр дарди устухони ман?

Фиғону нола холӣ мекунад дарди дили ошиқ,
Маро раҳме, ки хун шуд дар ҷигар дарди ниҳони ман,

Зи дил сабру зи сина тоб, аз сар рафт ҳуш охир,
Машав ғофил, ки аз каф рафт кори ину они ман.

Ба сони соя ман помолу ӯ дар авҷи истиғно,
Чӣ бепарвост, эй Макнуна, хуршедошъёни ман.

## 287

Ҳар кас, ки дид аз ғами дилдор сӯхтан,
Ҳаргиз надид ҳамчу мани зор сӯхтан.

Дар даври офтоби ту чун шамъи кори мост
Як бор ҳам надидану сад бор сӯхтан.

Бар сахтҷонии мани бедил тараҳҳум аст,
Хокистаре надид зи бисьёр сӯхтан.

Чашму дили мост зи тоби ҷамоли ӯ
Ночор хун фишондану ночор сӯхтан.

Ҳарчанд кори ишқ мукаррар намешавад,
То чанд, эй ситамгари хунхор, сӯхтан?

Косидматоии дили моро назар кунед,
Мушкил бувад зи ғафлати дилдор сӯхтан.

Макнуна, хун хӯрему ба дил сарф мекунем,
Асрори мо намекунад изҳор сӯхтан.

Эй лабат бар зиндагӣ сарчашмаи ҳайвони ман,
Мурдадилро зинда месозӣ, биё, э ҷони ман.

Бигзарад умрам муқими остонат, баъд аз ин
Бо сагонат умрҳо шуд ин бувад паймони ман.

Мавҷи ҳиҷлат пайкари шамъҳодро фаввора кард,
Ҳар куҷо афрошт қомат сарви хушҷавлони ман.

Офтоби ман, гули ман, шамъи шабафрӯзи ман,
То бувад ҷон, ҳаст нури орази ҷонони ман.

То шавад аз ман нисори мақдами он нури чашм,
Пур бувад аз гавҳари ашк инчунин домони ман.

Офтоб анвори дигар медиҳад дар оина,
Тобҳо дорад рухат бар дидаи ҳайрони ман.

Дар ғамат шабҳо чӣ мушкилҳо, ки бар ман
меравад,
Сӯхтан чун шамъ бошад шеваи осони ман.

Гар наёбӣ аз румузи ҳасрати ман огаҳӣ,
Доғи Искандар бувад як нуқта аз девони ман.

Эй, ки аз баргу навои ҳусн дар ҷамъиятӣ,
Раҳм кун бар изтироби нолаву афғони ман.

Худ тавофи Каъбаи иқбол мебошад маро.
Гар ба даври остонаш бигзарад даврони ман.

Мерасад, Макнуна, ҷони тоза бар ҷисми ҳазин,
Як табассум, лутф агар созад лаби ҷонони ман.

## 289

Солҳо шуд гулшани дидор дорам орзу,
Булбулосо он гули рухсор дорам орзу.

То нафаҳмад кас ба даври ораз он рамзи даҳан,
Ҳамчу дил як маҳрами асрор дорам орзу.

Тӯтии табъаш, ки аз ҳар нукта шаккар мечаконд,
Гаштаам оинаву гуфтор дорам орзу.

Чатр зад мастона товус, аз хирому ҷилвааш,
Ман ҳам аз сарви қадаш рафтор дорам орзу.

То наяфтад бо ҷамоли безаволаш чашми бад,
Бо баёзи гарданаш тӯмор дорам орзу.

Буд беморӣ ба тан аз иллати махмуриям,
Аз лаби ӯ бодаи саршор дорам орзу.

То мани бечораи Макнунаро созад мадад,
Илтифот аз хоҷаи Аҳрор дорам орзу.

## 290

Дидани гулранги он рухсор дорам орзу,
Наргисосо дидаи бемор дорам орзу.

Аз лабат чун барги гул оби латофат мечакад,
Рӯҳ-афзо лаззати гуфтор дорам орзу.

Ҷилваат бошад хиҷолатбахши товуси биҳишт,
Аз хироми қоматат рафтор дорам орзу.

Куфри зулфат офати дини гирифторон бувад,
Чун бараҳман дар миён зуннор дорам орзу.

Гуфтугӯи ишқ дар дил мекунад чун бода ҷӯш,
Дар ҷаҳон як маҳрами асрор дорам орзу.

Бо камоли ҳусни хубат то наяфтад чашми бад,
Бо баёзи гарданат тӯмор дорам орзу.

Ҳалқа бо гӯши дили Макнуна аз назми равон,
Нури тоби гавҳари шаҳвор дорам орзу.

## 291

Хиҷолат мекашад шамшод аз тарзи хироми ӯ,
Шакар рез аст дар дил нуктаи ҳусни каломи ӯ.

Ба побӯсаш куҷо чун соя ёбам ранги ороме,
Саодатхонаи хуршед гардида мақоми ӯ.

Зи айши зиндагӣ маҳрумам андар водии ҳиҷрон,
Зи васлаш кай расад бо гӯши ҷон ҳарфи паёми ӯ?

Набошад дар гулистони вафо роҳе раҳоиро
Аз он рӯзе, ки афтодаст мурғи дил ба доми ӯ.

Кай аз мағзи димоғаш нашъаи мастӣ шавад зоил,
Агар ҳар кас чашад аз бодаи эҳсони ҷоми ӯ.

Чаро надҳад ба каф аз нӯши лаълаш хатти озодӣ,
Бувад Макнуна аз сардафтари хайли ғуломи ӯ.

## 292

Дар хиҷолат кард тӯбиро қади болои ту,
Доғ шуд маҳ бар фалак аз орази зебои ту.

Нури ҳуснат оламеро партаве андохта,
Гашта мардум ҳамчу ман ошуфтау шайдои ту.

Ҳеҷ раҳме нест бар аҳволи зори ошиқон,
Нарм кай гардад ба ин сахтӣ дили хорои ту,

Бар димоғи ҷон зи ҷавлони ту резад атрҳо,
Бофта аз бӯи гул бар хилъати дебои ту.

Бо хаёли оразат ҳосил ҷаҳонеро ҷунун,
Гашт пинҳон чун парӣ пайдову нопайдои ту.

Дод партав аз камоли нур ҳамчун офтоб
Бар дилу бар ҷони ман ҳусни ҷаҳонорои ту.

Ашки хун аз дидаи Макнуна ҷорӣ мекунад,
Оҳ аз бедоди мижгони ситампаймои ту!

## 293

Покиза гавҳаре, ки ҷаҳон равшан аст аз ӯ,
Нек ахтаре, ки кавну макон равшан аст аз ӯ,

Моҳе, ки ҳаст чашму чароғи ҷавону пир,
Чашму чароғи пиру ҷавон равшан аст аз ӯ.

Моҳи мунаввар аст, ки аз айни равшанӣ
Чандин ҳазор оламу ҷон равшан аст аз ӯ.

Рӯҳ аз ҷамоли бебадали ӯ мунаввар аст,
Яъне ба сина шамъи равон равшан аст аз ӯ.

Ёраб, зи захми чашми бадон бегазанд бод
Зоташ, ки ошкору ниҳон равшан аст аз ӯ.

Макнуна сӯхт з-оташи ишқи ҷаманрухе,
Рухсори ӯ чу барги хазон равшан аст аз ӯ.

## 294

Он хати мушкин куҷо рафт, он гули рухсор ку?
Он гули рухсору он гесӯи анбарбор ку?

Донаи холаш ба зери хок дур аст аз назар,
Он саводи мардуми чашми улул-абсор ку?

Ғунча баст аз гуфтугӯю наргис аз наззора дӯхт,
Он нигоҳи талху он ширинии гуфтор ку?

Дар вафову меҳр даст аз ҷумлаи хубон рабуд,
Панҷатоби панҷаи хубони даъводор ку?

Чун дигар хубон ба ҳар ноҷинс омезиш надошт,
Ҳар гуле сад хор дорад, он гули бехор ку?

Халқро чашму чароғи хонаву бозор буд,
Халқро чашму чароғи хонаву бозор ку?

Ростиро чун ниҳоли қадди ӯ сарве набуд,
Хастадил Макнунаро он сарви хушрафтор ку?

## 295

Рехт даврон шарбати талхи аҷал дар ҷоми ту,
Талх кард айём оби зиндагӣ дар коми ту.

Аввал он авҷи камоли қадру охир ин завол,
Халқ ҳайронанд дар оғозу дар анҷоми ту.

Ҳолиё дар гирьяи зор аст чун абри баҳор
Ҳамчу гул ҳар кас, ки механдид дар айёми ту.

Бар сари айвони умрат нағма зад мурғи аҷал,
Эй ба некӣ шӯҳра то рӯзи қиёмат номи ту.

Дар биҳишти ҷовидон зеро ки бо худ бурдаӣ.
Зоди роҳи охират, яъне ки лутфи оми ту.

Ҳамнишинат ҳар нафас ҳуросиришти дигар аст,
Хаста шуд Макнуна андар ҳаҷри беороми ту.

## 296

Аз арақ дар ҷилва зад мавҷи гулоб аз рӯи ту,
Мекашад бори хиҷолат офтоб аз рӯи ту.

Сафҳаи ҳуснат ба чандин нусха дорад бобҳо,
Дар гулистон шоҳиди гул интихоб аз рӯи ту.

Лола дар саҳро чӣ сон гардид доғ аз сӯхтан,
Инчунин донам, ки сарсону кабоб аз рӯи ту.

Чарх ҳусни дилфиребат дошт дидан орзу,
Кард аз чашми кавокиб тарки хоб аз рӯи ту.

Зулф мебозид бо худ, менамудӣ саркашӣ,
Дод чун сунбул ба ҳар сӯ печутоб аз рӯи ту.

Дидаҳо бикшода чун наргис ба боғи чор фасл,
Бар рухаш нанмуд ранги фатҳи боб аз рӯи ту.

Кош аз лаълат зулоле бар дили сӯзон чакад,
Ёфтам чун оташи дӯзах азоб аз рӯи ту.

Аз нигоҳе ин дили Макнунаро обод соз,
Ман хароб аз рӯи ту гаштам, хароб аз рӯи ту.

## 297

Эй шуда рашки дили сарвқадон қомати ту,
Шуда бо сарвқадон офати ҷон қомати ту.

Васфи мавзунии қадди ту чӣ лозим гуфтан,
Шуда пайванд ба як мӯи миён қомати ту.

Сохт як ҷилваи мастонавашу кард мудом
Сӯи худ дидаи моро нигарон қомати ту.

Ҳар чӣ аз рост бигӯем, ҳамон рост бувад,
Ҳаст ҷону дили мо, ғамзадагон, қомати ту.

Ҳеҷ кас чун ту надидасту набинад мавзун,
Шуда мумтоз зи хубони ҷаҳон қомати ту.

Ҷилвапаймо чу ба шамшодқадон бихромӣ,
Ҳаст зебо сару гардан зи миён қомати ту.

Дар ғами ишқи ту Макнуна зи ҷон бим накард,
Ки баробар шуда дар қадр ба ҷон қомати ту.

298

То хат ба гирди он рухи зебо баромада,
Дуд аз ниҳоди ин дили шайдо баромада.

Чун гул шукуфта бод, ки дастони ҳусни ӯст
Ҳар ҷо таронаи тарабафзо баромада.

Дар дида акси оразп ӯ нозанин гулест,
К-аз ҷӯйбори дидаи бино баромада.

Чун рӯҳ агар ба хоки шаҳидон гузаштааст,
Дар ҳар қадам саре ба тамошо баромада.

Дар он каманди зулф ба сад дил муқайяд аст
Ворастае, ки аз ҳама ашьё баромада.

То гул фишонда доғи ҷудой кашидаем,
Ӯ хори раҳ нишондаву хурмо баромада.

Эй як қадам нарафта паи сад муроди дил,
Моро ҳазор обила аз по баромада.

Ҳар ҷо бутон ба бурдани дил саф кашидаанд,
Ошӯбу ҷангу фитнаву ғавғо баромада.

Сад мулки дил баҳамзада ҳар ҷо парирухе,
Худкому одамикушу раъно баромада.

Макнунаро бубин, ки ба доғи сиҳиқаде
Аз хуни дил чу лолаи ҳумро баромада.

299

Зиҳӣ зи ҳосили авқоти инсу ҷон огоҳ
Фалак зи хайли ту саҳронишини хонасиёҳ.

Ба даври рӯзу шаби умри бениҳояти ту,
Ки ҳаст ҳосили маҷмӯаи сафеду сиёҳ,

Агар дарозии олам бувад, бувад қосир,
Агар баландии гардун бувад, бувад кӯтоҳ.

Ба дасти қосиди уммед бар саҳифаи сидқ,
Ба нӯги хомаи хуршед бар ҷаридаи моҳ,

Ба аҳли қадр нависад ҷаҳони олиқадр,
Ба аҳли қадр нависад сипеҳри олиҷоҳ,

Ки кас надида вуҷуде зи ибтидои вуҷуд,
Дар ин замона чу Макнунаи фалакхиргоҳ.

## 300

Рухсор чу дар чаман кушода,
Гулҳо таҳи пои ӯ фитода.

Аз турраи зулфи ёр сунбул,
Бар гардани худ кунад қилода.

Дар хизмати қомати баландаш,
Сарвест ба пой истода.

Ширин шуда коми ҷон зи ҳайрат
Аз шаҳди лабу зи рӯи сода.

Бо нури малоҳату ба ин ҳусн,
Гӯё ки зи офтоб зода.

Дар ҳаҷр чунин балои сахт аст,
Ишқаш накунад касе ирода.

Макнуна рухи ту дида як бор,
Ҳушу хирадаш зи даст дода.

## 301

Эй ба гулзори ҳавои ту дили мо гунча,
Лек фарқ аст зи чоки дили мо то ғунча.

Гар насими ту вазад, чун нашикофам дилро?
Пеши сарсар натавон гашт шикебо ғунча.

Баски ушшоқ зи мӯи ту бару дил бастанд,
Шакли болои ту нахлест саропо ғунча.

Гар ба андом қабо тангу камар чуст кунӣ,
Сар зи хиҷлат накунад пеши ту боло ғунча.

Гармии рӯзи ҷамоли ту нигар дида ба хоб,
Ки фурӯ рафта дар андешаи фардо ғунча.

Ин, ки бардошта чун аҳли шаҳодат ангушт,
Хандае карда зи лаъли ту таманно ғунча.

В-ар сабо оварад оинаи ахлоқи ту пеш,
Нукта гӯяд чу сари тӯтии гӯё гунча.

Баски дар рӯи ту чун дидаи мо ҳайрон аст,
Фурсаташ нест, ки хоре кашад аз по ғунча.

Чун гули шӯъла, ки аз рӯи ту мегирад нур,
Шамъи базми ту баровarда бар аъзо ғунча.

Нест, Макнуна, зи ҳам дур басе нозу ниёз,
Гул бувад орази дилдору дили мо, ғунча.

## 302

Гар бишнавад аз хатти лаби ёр бунафша,
Рӯяд ҳама бар гирди шакарзор бунафша.

Машшота, ки нилӣ кунад он гӯшаи абру.
Орад ба сари наргиси бемор бунафша.

Аз хатти руху лутфи тан он шӯх ниҳоласт,
Шохаш гулу баргаш суману бор бунафша.

Аз сабзаи навхоста бемори ғамашро
Андохта дар шарбати дидор бунафша.

Ҷуз дидаи пурхуни ману шакли саводаш,
Мумкин набувад раста зи гулзор бунафша.

Рухсори ту аз турраву холу хату кокул,
Боғест гулаш андаку бисьёр бунафша.

Аз ҳалқаи хубони чаман ҳусни туро ҳаст
Девор гулу сояи девор бунафша.

Овехта садпора дили хеш ба мӯе,
Монданд зи шавқи рухи гулзор бунафша.

Дар дидаи Макнуна ба гулзори тамошо,
Шуд аз хати сабзи ту нагунсор бунафша.

## 303

Оҳ, к-аз кишти фалак тухми ҷафо рӯяд ҳама
В-аз нами лутфаш мағилони бало рӯяд ҳама.

Ҳаст ҷои он, ки чун чашми ба ҳасрат рафтагон
Наргиси ин боғро чашм аз қафо рӯяд ҳама.

Ҳар гуле, к-инҷо қазо чун ғунча печад дар кафан,
Дар баҳори ҳастӣ аз шохи фано рӯяд ҳама.

Гар шавад тӯфону аз нав кишти даҳр обе хӯрад,
То қиёмат устухони дасту по рӯяд ҳама.

В-ар набошад абри раҳмат боиси сарву гулаш,
Хори навмедӣ аз ин меҳнатсаро рӯяд ҳама.

Охир, эй, сайёра, бас нақши ғарибе бохтӣ,
Аз дили Макнуна фарьёду наво рӯяд ҳама.

## 304

Кучой, эй фироқат шаҳру саҳро пур-алам карда?
Ба пои дигаре оҳанги саҳрои адам карда?

Кучой, к-аз нами абри мусибат бе гули рӯят
Тани бетоби аҳбоб аст чун хошоки нам карда?

Бунафша чун напӯшад рахти нилии туро дар сар
Дар ин мотам, ки нилуфар либос аз нили гарм карда?

Фалак чун соя дорад дуди оҳу оламе дар пай,
Зи фарқи оламе то сояи лутфи ту рам карда.

Ба ҷаннат баҳри тартиби нисори чун ту меҳмоне
Нишаста ҳуру ғилмон чун ду сурат рӯ ба ҳам карда.

Ба азми пойбӯсат дар бисоти равза ҳурул-ин
Гули насрин ба мижгон руфтаву аз сар қадам карда.

Зи файзи чун ту нақде зоири сандуқи пурнурат,
Ба ҳар ҷо карда манзил, рашки бӯстони ирам карда.

Биҳишт аз мақдамат пурнур, зулмоти ғамаст ин ҷо,
Ки ҳаҷрат ин дили Макнунаро доғи алам карда.

## 305

Гирифта зулфи ӯ бо қоматаш печида-печида,
Чу море бо ниҳоли нахли гул часпида-часпида.

Ба ҳолам партавафган нест он хуршеди рухсораш,
Ба кӯяш сояосо меравам ғалтида-ғалтида.

Назар кай афганам бо рангу бӯи зинати гулшан?
Равам з-ин дори фонӣ, чашми худ пӯшида-пӯшида,

Куҷо афтад касе дар тангнои чоҳи бадномӣ
Қадам монад ба роҳи ростӣ фаҳмида-фаҳмида?

Дар ин водӣ самуми марг тафсон аст аз бимаш
Чу барги бед дорам ҷон ба тан ларзида-ларзида.

Ҳар он касро, ки бошад ақбаҳои хавф дар пешаш,
Чӣ гардад маст андар зиндагӣ хандида-хандида?

Ба ҷуз фазли илоҳӣ нест бар ҳолаш мададгоре,
Намонда қуввате Макнунаро тарсида-тарсида.

## 306

Эй гашта дар ниқоб рухат муштабеҳ ба моҳ,
Афган ниқобро, ки шавад рафъи иштибоҳ:

Чини ҷабини моҳ шавад шоми ҳаҷри ту
Мавҷи сиришки ман, ки зи моҳист то ба моҳ.

Моем бо хаёли ту ҳар шом то саҳар
Фориғ зи фикри майкадаву вирди субҳгоҳ.

Чашми шаҳоб дӯш зи шавқи ту мепарид,
Гардун зи моҳи якшабааш дод барги коҳ.

Бигзашт бар фазои алам лашкари ғамат,
Сӯи фалак ғубор баромад зи дуди оҳ.

Макнуна гашта чун раги бемор аз фироқ,
Ҷунбад зи ҷои хештан он низ гоҳ-гоҳ.

## 307

Агар на оина будӣ, ту низ медонӣ,
Ки орази ту намедошт дар ҷаҳон сонӣ.

Хушам, ки сафҳаи рухсори туст ҷониби ман,
Ба ҷони хеш, ки ногаҳ варақ нагардонӣ.

Магӯ, ки баҳри бало қатъ кун ба киштии сабр,
Чӣ кардаам, ки чунинам дар об меронӣ.

Дили маро, ки ба роҳи вафост мушти ғубор,
Насими зулфи ту шуд мӯҷиби парешонӣ.

Ғубори роҳи вафои ту гаштаму ҳастам
Умедвор, ки доман зи ман наяфшонӣ.

Магӯ аз он ду рух оина беҳтар аст, эй дил,
Варақ ҳамеша зи як рӯ чаро ҳамехонӣ?

Имрати тани ошиқ чӣ ғам, ки вайрон шуд,
Ки ганҷи меҳри ту дорад ба сина пинҳонӣ.

Бар, эй ҳаво, ба ҳаво чашми ашкбори маро,
Ба рӯзи ҳаҷри ту гардад ҳавои боронӣ.

Чӣ ҳусни бебадал аст ин, ки дода яздонат,
К-аз одамию ба ҳеҷ одамӣ намемонӣ.

Зи инфиол барорад ба соате сад ранг
Ба пеши сурати хуби ту хомаи Монӣ.

Ба ҳоли мушкили Макнуна раҳм бояд хӯрд,
Ки кори ишқу муҳаббат надорад осонӣ.

## 308

Зи ҳиҷронат ба дарду ғам гирифторам, чӣ мепурсӣ?
Ба доғи ишқ ҳамчун лола афгорам, чӣ мепурсӣ?

Ба уммеде, ки бинам нуқтаҳои холи рухсорат,
Саҳарҳо чун кавокиб дидабедорам, чӣ мепурсӣ?

Давое кош ояд аз зулоли лаъли майгунат,
Зи дарди кулфати айём беморам, чӣ мепурсӣ?

Саводи ҳаҷр занг афканда дар оинаи дилҳо,
Ғуборолудаи маҳруми дидорам, чӣ мепурсӣ?

Зи бозори муҳаббат рад макун девонаи моро,
Ба дарду сӯзи ишқи ту харидорам, чӣ мепурсӣ?

Агар сад зулм ояд, аз балоҳо рӯ нагардонам,
Ба теғи ноз куштанро сазоворам, чӣ мепурсӣ?

Зи дасташ кай диҳад Макнуна домони муҳаббатро?
Ба васлат то дами маҳшар талабгорам, чӣ мепурсӣ?

## 309

Дар гӯша кард маргам бо доғи бенавоӣ,
Барбод рафт баргам аз толеи ҳавоӣ.

Дар шоми ғам кашидам як навъ дилсиёҳӣ,
Дар субҳи ғусса дидам садгуна бевафоӣ.

Даврон пасохт бо ман, дар арса бохт бо ман,
Бозичаи ғарибӣ, мансубаи гадоӣ.

Дар кунҷи ғам хазида бо қомати хамида,
Наздики лаб расида ҷони ман аз ҷудоӣ.

Пои дили шикаста аз ғам кушуда, баста,
Дар уқдаҳои мушкил пеш аз гиреҳкушоӣ.

Дар ҳолате, ки карда чархи дариданарда
Макнунаи ҳазинро з-ин гуна бевафоӣ.

## 310

Ба маҳрумии гулгашту ба авзои гаронҷонӣ
Саросар чун пари товус дорам чашми ҳайронӣ.

Сафои тинатам оинадори шахси навмедист,
Тавонад хонд рози ман касе аз хатти пешонӣ.

Зи хуни дида бар хони бизоат моҳазар созам,
Гар ояд чун парӣ дар шишаи дил гам ба меҳмонӣ.

Ба ҳангоми китобат нола хезад аз ҳар ангуштам,
Кунад дар ҳаҷр улфат панҷаҳои ман найистонӣ.

Биёбонмаргаму бар ҳоли зорам зиндагӣ танг аст,
Ба ҷуз килкам насозад ҳеҷ кас ҷоки гиребонӣ.

Муқими қайдгоҳи кулфатам, озурдасомонам,
Зи доғи дил намоям ҳар саҳар шамъи шабистонӣ.

Фурӯғи шамъи фикрам дар сияҳбахтист, маълумаш
Тулӯи партави хуршеди рӯяш шуд зи зулмонӣ.

Расидан нест мумкин фаҳми кас бо сояи гардаш,
Зи ҷуръат гар саманди фикри ман ояд ба ҷавлонӣ,

Намедонам шикасти ранг ё тасвири деворам,
Рамида соя аз ман ҳамчу оҳуи биёбонӣ.

Тавон ҳамчун садаф дар дил нигорам гавҳари мақсуд,
Агар бахшад саҳоби дида ашки абри найсонӣ.

Тавон афтад каманди фикратам бар гардани маънӣ
Дар он маҳфил, ки ҳамчун шамъ месозам гулафшонӣ.

Ба ҷуз ошуфтагӣ, Макнуна дигар барнамедорад,
Диле дорам, ҳаваспарвардаи зулфи парешоне.

## 311

То ҷилва кард сурати хубат ба дилбарӣ,
Афтодааст аз назари одамӣ парӣ.

Ҳастӣ парию чеҳра намой ба мардумон,
Кас чун кунад, агар накунад одамигарӣ?

Бар осмони кӯи ту, к-он қиблагоҳи мост,
Маҳ гар якест, лек ҳазор аст муштарӣ.

Васфи туро, чунон ки туй, чун кунад касе,
К-аз ҳар чӣ бар забон гузарад, з-он накӯтарӣ.

Гул кардааст ҷои худ аз ашки лолагун,
То пеши мо гаҳе ки расӣ, зуд бигзарӣ,

З-ин сон ки ғамзаат сафи дилҳо ба ҳам занад,
Зулмоти шаб чу теғи ҷаҳонгири ховарӣ.

Макнуна дар фироқи висолаш кашидааст
Ҳар субҳу шом нола чу зикри кабӯтарӣ.

## 312

Ниҳон шуд аз назар ҳусн офтобе,
Ба субҳам рехт шоми инқилобе.

Зи васли чун биҳишташ айш дидам,
Кашидам аз ҷафоҳояш азобе.

Саволе борҳо ҷонам фурӯ хонд,
Наёмад аз лаби лаълаш ҷавобе.

Навишт аз доғҳо бар сафҳаи дил.
Хаёлам аз хату холаш китобе.

Саманди шоҳ ҳар ҷо кард ҷавлон,
Маҳу хуршед шуд зарринрикобе.

Ба гулзори рухи ӯ аз арақҳо
Муанбар шуд дил аз атри гулобе.

Ҷудой аз лабаш Макнуна чун дид,
Ба осоиш нахӯрд ӯ дигар обе.

## 313

Манам ба ишваи он шӯхи дилрабо мӯҳточ.
Чунон ки ҳаст ба алтофи шаҳ гадо мӯҳточ.

Баҳор бинаду то гулфурӯши ноз шавад,
Бувад ба пои нигорини ӯ ҳино мӯҳточ.

Зи дӯстон наравад обрӯи истиғно,
Мабод бар дари бегона ошно мӯҳточ.

Маро зи пири харобот умед бисьёр аст,
Ки будаам ба кароматн авлиё мӯҳточ.

Худо нагуфта, хатармоягони ин гирдоб
Шавад ба ёрии маллоҳи нохудо мӯҳточ.

Ҳама карашмаву найранги ӯ бувад, варна
Дар ин миёна куҷо мунъиму куҷо мӯҳточ?

Агарчи Нодира дар эҳтиёҷ бисьёр аст,
Ба ғайри худ накунад бо касе худо мӯҳточ.

## 314

Эй хуш он вақте, ки дар гулшан мақоме доштем,
Чун гулу булбул ба якдигар каломе доштем.

Гоҳ маҳви зулфу гоҳе масти хуршеди ҷамол,
Дар таҳайюргоҳи ҳастӣ субҳу шоме доштем.

Маҳви завқи якдигар будем бар рағми рақиб,
Аз сари дунболаи абру саломе доштем.

Ҷуз тамошои ҷамолаш бар замири мо набуд,
Бе маю майхона мо шурби мудоме доштем.

Буд мижгон бехабар аз рамзи найранги нигоҳ,
Дар ҳузур аз ғайбати имкон паёме доштем.

Нашъаи озодии кавнайн гул кардӣ зи дил,
Кош мегуфтӣ, ки саргардон ғуломе доштем.

Норасида бар висоли доманаш дасти хаёл,
Бӯса бар сумми самандаш карда коме доштем.

Мечакид аз ҷабҳаи мо ҳамчу барги гул арақ,
Ғунчасон дар даст ҷоми лолафоме доштем.

Нодира, мо қотеи занҷири зулфи ҳасратем,
Чун забони килк теғи бенаёме доштем.

## 315

Ман, ки ба шаҳри бехудӣ шӯри ту бар сар омадам,
Дар талаби висоли ту аз ду ҷаҳон баромадам.

Аз маи ишқ саргарон, дод зи дасти дилбарон,
В-аз ғами он ситамгарон дар ба даре даромадам.

Тавсани чарх роми ман, сайди вафо ба доми ман,
Ҳар ду ҷаҳон ғуломи ман, шоҳи музаффар омадам.

Номи ман аст дар ҷаҳон волаи ёри ҷовидон,
Тӯтии базми ошиқон мурғи суханвар омадам.

Қисвати ишқ дар барам, тоҷи мурод бар сарам,
Гардиши чарх соғарам, ринди қаландар омадам.

Мартабаи баландиям фош зи мустамандиям,
Нодираи диёри ғам ҳокими кишвар омадам.

Нури чароғи офият, шамъи бисоти макрамат,
Зинати боғи маърифат, сарву санавбар омадам.

То шудам иттисоли ӯ, сархушам аз ҷамоли ӯ,
Дар фалаки висоли ӯ моҳи мунаввар омадам.

Ганҷи сухан шикофтам, гавҳари маънӣ ёфтам,
Панҷаи ишқ тофтам, шоҳи диловар омадам.

Фақру фано тариқи ман, меҳру вафо рафиқи ман,
Ишқи бутон шафиқи ман, волаи дилбар омадам.

Бас, ки рахи малак задам, нақши вуҷуд ҳақ задам,
Пой ба нӯҳ фалак задам, бар сари чанбар омадам.

Хизмати ёр кардаам, зар ба канор кардаам,
Ҷумла нисор кардаам, пеши ту музтар омадам.

Гӯшаи мулки офият манзили хеш кардаам,
Ҷой ба мулки бехудӣ бар сари лангар омадам.

Кӯи ту буд манзилам, Нодира, ишқ ҳосилам,
Доғи вафост дар дилам, хозини гавҳар омадам.

## 316

Ашки хунине, ки мерезам зи мижгони худам,
Лаъли ёқутест рахшон аз Бадахшони худам.

Шукурлиллаҳ, аз кудуратҳои даврон фориғам,
Барқи оҳе мекашам, шамъи шабистони худам.

Манъи зоҳид чист аз афшурдани мижгон сиришк?
Остину домапу ҷайбу гиребони худам.

Оҷизию фақру пирӣ бар замин афгандааст,
Кард мустағнӣ маро аз халқ сомони худам.

Дар такаллумронии килкам шакар резад ҷӣ бок,
Тӯтии ширинкаломи шаккаристони худам.

Соқиё, мамнуни шурби соғару мино наям,
Мехӯрам хуни ҷигар, ҳар рӯз меҳмони худам.

Дил гирифт аз маҷлиси абнои даврон, Нодира,
Сар ба ҷайби хеш дорам, ҷуғзи вайрони худам.

## 317

Ёди айёме, ки ҷоми эътиборе доштам,
Чун гул аз файзи баҳорон обьёре доштам.

Ҳамчу шом аз хун шафақрезам кучо шуд ин, ки ман
Чун саҳар хуршеди тобон дар каноре доштам.

Чанд рӯзе бо худ аз имдоди чархи зарнигор
Дар нигористони раъної нигоре доштам.

Такьягоҳе доштам дар ишратободи мурод,
Аз ҳусули коми мақсад комгоре доштам.

Дар паноҳӣ мегирифтам ҳар замон гӯи ғурур,
Дар бисоти мӯҳрабозӣ шаҳсаворе доштам.

Буд дасташ чун нигин доим дар ангуштам гиреҳ,
Дар кафи уммед бахти номдоре доштам.

Нодира, сад ҳасрату афсӯс аз он фурсат, ки ман
Дар бисоти ноз некӯ рӯзгоре доштам.

## 318

Чу зулфат тирарӯзу беқарорам,
Чу гесӯят парешонист корам.

Зи васлат доштам коми дил, акнун
Зи ҳаҷрат ғайри нокомӣ надорам.

Нашуд поянда бо ман давлати васл,
Асири доғи ҳаҷри пойдорам.

Ба тоқи абруят мебохтам ишқ,
Кунун ошуфтаи лавҳи мазорам.

Зи бахт ин орзу дорам, ки то ҳашр
Нахезад аз сари хокаш ғуборам,

Куҷо шуд он, ки дар базми тараб буд
Ба дастам ҷом, дар каф дасти ёрам.

Куҷо шуд он, ки буд ӯ ёри ҷонӣ,
Анису ҳамкалому ғамгусорам.

Куҷо шуд он, ки то субҳ аз ҷамолаш
Мунаввар буд ин шабҳои торам.

Кунун чун лола дар саҳрои ҳастӣ
Ба ёдаш доғу ҳасрат дар канорам.

Фалак фарьёд, к-аз санги ҳаводис
Чунин бишкаст ҷоми эътиборам.

Саропо, Нодира, чун шамъ сӯзам,
Дареғо, сад дареғ аз рӯзгорам.

## 319

Халқест доғи рафтанат, эй шоҳи мулки дин,
Дар мотами ту зилзила афтод бар замин.

Дуди фиғону нола ба гардун кашида сар,
Дар ҳасрати ту сӯхт зи Фарғона то ба Чин.

Дил-реш, сина-чок, ҷигар-пора, тан-низор,
Эй шаҳриёр, бе ту маро ҳол инчунин.

Аҳкоми ту зи ҳукми шариат ҷудо набуд,
Ҷои ту бод пешгаҳи ҷаннати барин!

Мӯ мешикофт табъи ту дар шеваи сухан
Ҳар нуктае, ки буд беҳ аз гавҳари самин.

Рафтӣ аз ин бисоту ба ворис гузоштӣ
Девону тахту тоҷу камар, хотаму нигин.

Набвад ба ҷуз дуои ту андеша дар забон,
Бодо ба ҷони поки ту лутфи худо қарин!

Рафт аз назар ҷамоли ту, акнун ба дӯстон
Ёди ту дилфиребу хаёли ту дилнишин.

Рафтию халқро ба фироқат гудохтӣ,
Дар фурқати ту Нодира дорад дили ҳазин.

## 320

Ҳумоюн гавҳаре, гардид аз вай ҷисму ҷон равшан,
Муборакбод, к-аз рӯяш чароғи хонадон равшан.

Умед аст он, ки он фархундаахтар дар ҷаҳон ояд,
Шавад аз дидани дидори ӯ чашми ҷаҳон равшан.

Зи чашми бад худо он меҳри тобонро нигаҳ дорад,
Ки бодо аз рухаш олам мунаввар, хонумон равшан.

Чу гардад партавафган офтоби талъати моҳаш,
Тавонад буд аз рӯи замин то осмон равшан *...

* Давоми ин ғазал нест.

## 321

Гарчи шамшод фитод аст ба гулшан мавзун,
Нест чун дилбари шамшодқади ман мавзун.

Ишқбозам ба асарҳои ғаму ҳасрати дил,
Ҳаст оҳам, бути наврастаи шеван мавзун.

Бехудам кард зи май соқии минопӯше,
Ки рухаш сурх зи мул гаштаю гардан мавзун.

Фикри наззораи ман дар гарави раъноест,
Дар сарам нашъаи соқӣ ба нишеман мавзун.

Худ ба ҷон шефтаи базми хаёлам карда
Он, ки дар базм чу ҷон омада дар тан мавзун.

Шоҳиди фикри ту чун сарвқадони мавзун
Ҳаст дар дидаи хунрехтаи ман мавзун.

Кӣ кунад манъ маро, Нодира, аз арзи ниёз,
Қосиди оҳ зи шавқам ба расидан мавзун.

## 322

Дар мотами ту, шоҳо, хун аст оби дида,
Пироҳанам чакин[1] шуд ҳар ҷо, к-аз он чакида.

Рафтию дар фироқат чун мурғи нимбисмил,
Ёрону дӯстонат бар хоку хун тапида.

Шамшоду сарви қаддат чун рафт з-ин гулистон
Савсан сиёҳ дар бар гул пираҳан дарида.

То дур шуд ҷамолат аз чашми ашкборам,
Тифли сиришк ҳар дам бар рӯи ман давида.

Рафтӣ аз ин гулистон, шуд боғ бе тароват,
Ранге, ки буд зоҳир, аз рӯи гул парида.

Эй моҳи ман, куҷоӣ? Аз хайли моҳрӯён
Бисьёр дида дида, мисли туро надида.

Боди хазон фиғанда чун соя бар заминаш
Аз хоки ин гулистон нахле, ки сар кашида.

Халқе дар орзӯят, хуршед маҳви рӯят,
Гардун ба ҷустуҷӯят бо қомати хамида.

Эй шӯх, дар фироқат аҳволи дил чӣ бошад?
Бе ту ғизоли роҳат аз Нодира рамида.

---

[1] *Чакин* — навъе аз бахьядӯзӣ; дар ин ҷо киноя аз сӯрохи пироҳан, ки дар вақти бахьядӯзӣ ба вуҷуд меоянд.

## 323

Холе, ки туро ҳаст ба чашми хами абру,
Чарғест парафшон шуда ӯ бар сари оҳу,

Як дил натавон дод иваз баҳри ду олам,
Ёраб, чӣ тавон кард ба он наргиси ҷоду.

Райҳону гулу ёсуману нофаву сунбул
Дарйӯза кунад бӯи хуш аз он шикани мӯ.

Ушшоқ ба роҳи ту ба сад дидаи ҳайрон
Ҳамхобаи нақши қадам афтода ба ҳар сӯ.

То зулфи ту, эй турки Хито, мойили Чин шуд,
Хун гашт зи Чин то ба Хӯтан нофаи оҳу.

Шуд хӯшачин аз хирмани ҳуснат маҳу хуршед,
Ҷӯёни қаду қомати ту сарви лаби ҷӯ.

Аз диққати фикри даҳанат ғунча ба гулшан
Хун кард дилу бурд сари хеш ба зону.

Аз ноз напардохт ба ташрифи нигоҳе,
Шуд Нодира ҳар чанд ғуломи сари он кӯ.

## 324

Туро бо халқ бошад марҳамат, пайдову пинҳонӣ,
Бувад часпон ба қадду қоматат ташрифи султонӣ.

Маро арзест, эй сарви риёзи салтанат, бишнав,
Магар чудат ба ин лабташна созад оби ҳайвонӣ.

Ману маддоҳии васфи ту кардан, ҳасбатанлиллаҳ,
Магар пайдо шавад дар даҳр чун Фирдавсии сонӣ?

Фалотундонишо, тадбир кун бар ҳоли зори ман,
Ба чои мӯҳлике афтодаам аз роҳи нодонӣ.

Ту шоҳи нуктадонӣ, во кушо ин уқдаи мушкил,
Чаро дар қаҳтсолам дар чунин айёми арзонӣ?

Агар дар кулбаи тангам чу мӯреро гузар афтад,
Намеояд зи дасти ман адои ҳаққи меҳмонӣ.

Адофаҳму румузоти амирӣ нест монандат,
Бигуфтам арзи ҳоли Нодира, дигар ту медонӣ.

## 325

### МУХАММАСИ НОДИРА БАР ҒАЗАЛИ БЕДИЛ

Шарар торест барқи чилваи ваҳшатпаноҳонро,
Инондорӣ набошад ин тағофулдастгоҳонро,
Зи шӯхӣ рехтанд ин қавм хуни бегуноҳонро,
Илоҳӣ, бори тамкин деҳ дами ваҳшинигоҳонро,
Ба қадри орзуи мо шикасте кақкулоҳонро.

Фушурдан дод баргу бори мо, афсурдагон, барҳам,
Ғубори улфати тан кард истеъдоди ҷон барҳам,
Надомат кӯ, ки орад дасти мо, камҳимматон, барҳам?
Тавон зад бетааммул сад замину осмон барҳам,
Кафи афсӯс агар бошад надоматдастгоҳонро.

Кунад ин ҷо бинои кӯҳ бар пои садо ҷавлон,
Суботе нест дар арзи камоли арсаи нуқсон,
Надорад ранги тасвире бинои ин Фарангистон,
Нишонҳо нақш бар об аст дар маъмураи имкон,
Нигин беҳуда дар занҷир дорад номи шоҳонро.

Надорад ғайри ҳасрат ҳосили уммед, агар дорад,
Гули гулзори истиғно тароват бештар дорад,
Тагофул дар баҳористони ҳиммат баргу бар дорад,
Дар ин гулшан, ки як сар ранги таклифи дигар дорад,
Мижа бардоштан кӯҳ аст истиғнонигоҳонро.

Ба ҷуз занги таҳайюр дар баҳори дил намешояд.
Ҷабинҳо оина бар остони чилва месояд,

Ба гӯши ман, ки бонги водии ишқаш ҳамебояд,
Садое аз дирои корвони аҷз меояд,
Ки ҳайрат ҳам ба роҳе мебарад гумкардароҳонро.

Кафи мо, Нодира, ҷуз соғари ҳасрат намегирад,
Зи оташ иштиоли шамъи мо рифъат намегирад,
Зи об оинаи мо ҳеҷ гаҳ сурат намегирад,
Мизоҷи фақри мо бо гарму сард улфат намегирад
Ҳавое нест, Бедил, сарзамини бекулоҳонро.

## МУНДАРИЧА

Чанд сухан аз нашриёт . . . . . . . . . . . . . . 3
Овози хомӯшнашаванда . . . . . . . . . . . . . . 5

1. Интизорам бо ту, эй сарви хиромонам, биё, . . . . . . 19
2. Эй сарвиноз, тунд марав, сӯи ман биё, . . . . . . . . 20
3. Бе ту месӯзад дили вайрони мо, . . . . . . . . . 21
4. Бегонаро чӣ суд зи пайғоми ошно, . . . . . . . . 22
5. Нанмуд чеҳра баски маҳи осмони мо, . . . . . . . 23
6. Хун шуд зи дарди ишқ дили нотавони мо . . . . . . 24
7. Дӯстон н-оред бар лаб номи ҷонони маро . . . . . . 25
8. Эй гашта даври наргиси масти ту ҷоми мо . . . . . . 26
9. Эй бод, бар зи талхии ҳиҷрон паёми мо . . . . . . 27
10. Эй зи мижгон чашмҳоят теғ дар дасти ҷафо . . . . 28
11. Эй сабо, пайғом деҳ бар ёри бепарвои мо . . . . . 29
12. Аз руху зулфи ту то ошуфта шуд аҳволи мо . . . . 30
13. Дӯстон, гӯед дилдори шакархои маро . . . . . . . 31
14. Чун бӯи гул аз хеш аён шуд сафари мо . . . . . . 32
15. Эй назокатбахш аз ҳусни рухаш гулзорҳо . . . . . 33
16. Ба гулзори хаёли орази ӯ чидаам гулҳо . . . . . . 34
17. Бо хироми ҷилвааш як чашми қурбонем мо . . . . . 35
18. Ба ёди боғи рӯяш булбули рангам париданҳо . . . . 36
19. Танам афсурда шуд аз ишқи ёру кард ҷон ғавғо . . . 37
20. Чунки дар дил ишқи ёри бенишон дорем мо . . . . . 38
21. Рӯҳи фидок, эй ба фидои ту ҷони мо . . . . . . . 39
22. Баъди шаби ғам расид аз раҳи сидқу сафо . . . . . 40
23. Шукр, ки боз омадӣ бо кафи корозмо . . . . . . . 41
24. Зи ҳаҷри қоматат бардоштам оҳу фиғон имшаб . . . 42
25. Вақти ҷавлон қомати дилдор дорад печутоб . . . . 43
26. Ба ҷони ман мижа бо абрувон бувад қуллоб . . . . 44

27. Карда наққоши азал ҳусни рухат чун офтоб . . . . . 45
28. Дар соғари саҳбо набувад мавҷи маи ноб . . . . . 46
29. Аз фикри он қад в-аз ёди он лаб . . . . . . . . 47
30. Баски дар дарьёи ҳастӣ нест об . . . . . . . . 48
31. Айш кун, васли ёр дар гузар аст . . . . . . . . 49
32. Шоҳиди ин анҷуман талъати зебои кист? . . . . . . 50
33. То гаштам асири турраҳоят . . . . . . . . . . 51
34. Боз о, ки месӯзад дилам чун шамъи базм аз рафтанат . 52
35. Сӯзам ҳам шаб бе рухат, аҳволи ман ин аст . . . . . 53
36. Оина доғ аз ғами по ба замин ниҳоданат . . . . . 54
37. Кор дигар, лофи ҷуръат дигар аст . . . . . . . 55
38. Фасли баҳор лолаву райҳон ғанимат аст . . . . . . 56
39. Чанд рӯз аст, ки маҳрум шудам аз назарат . . . . . 57
40. То хай аз рухсори он гулпираҳан гул карду рехт . . . 58
41. Хатти мушкин гулшани ҳусни туро танҳо гирифт . . . 59
42. Дили фусурдаам, аз файзи рӯзгор чӣ миннат . . . . 60
43. Даме ки мутриби мо дошт бар дутор ангушт . . . . 62
44. Ба дасти ҳиммат агар оядат ба кор ангушт . . . . . 63
45. Рухаш бо акси хуршед аст муръот . . . . . . . . 64
46. Гирьяи беқарор пайдо нест . . . . . . . . . . 65
47. Гулшан зи ҷилваи ту парихона гаштааст . . . . . . 66
48. Дилам бо сӯзи пинҳонӣ саре дошт . . . . . . . . 67
49. Ҳар чанд биҳишт дилнишин аст . . . . . . . . . 68
50. Ҳарфи шавқат мухтасар хоҳам навишт . . . . . . . 69
51. Дилбари худкоми ман тарфи кулаҳ баршикаст . . . . 70
52. Эй, ки гӯи чарх саргардони чавгони шумост . . . . . 71
53. Гашта оина бе қарори хатат . . . . . . . . . . 72
54. Пеши сомони сиришкам мояи дарьё кам аст . . . . . 73
55. Ҳар дил, ки зи ишқи ёр гарм аст . . . . . . . . 74
56. Ҳусн оташу дил самандари ӯст . . . . . . . . . 75
57. Соқӣ, ҳамин на аз ту дили мо дар оташ аст . . . . 76
58. Хӯрда дил аз ҷоми лаълаш бода дар субҳи аласт . . . 77
59. Олами оинаваш волаву ҳайрони дӯст . . . . . . . 78

60. Боз ошӯбею шӯре дар ҷаҳон афтодааст . . . . . . . 79
61. Маҳе гузашт, ки дидори ёр пайдо нест . . . . . . . 80
62. Шаби наврӯзи ман он зулфи муанбар шудааст . . . . 81
63. Сабо гузар чу бар он зулфи тобдор андохт . . . . . 82
64. То дида бар рухи ту хат аз мушки ноб ёфт . . . . . 83
65. Захми чашме то надонад рамзи аҳволи лабат . . . . 84
66. Афсӯс, ки аз гулшани васлат асаре нест . . . . . . 85
67. Хоксорӣ исми аъзам буд, бар дилҳо нишаст . . . . . 86
68. Туӣ, ки оби риёзи дилат зулоли бақост . . . . . . 87
69. Аз оҳи дилам гашт ҷаҳон шӯри қиёмат . . . . . . 88
70. Доғам, он ваҳшиғизоле бар дили ман ром нест . . . . 89
71. Аз ғилофи худ ҷудо чун гашт, ханҷар офат аст . . . 90
72. Ҳама оби назокат мечакад аз лаъли хандонат . . . . 91
73. Хомаи мушкинрақам бинвишт иншои хатат . . . . . 92
74. Рухи чу субҳи ту хуршеди олами болост . . . . . . 93
75. Ҳамчу товус он парӣ он сӯ хиромон карду рафт . . . 94
76. З-ин чаман ғайр аз гули озор ҳаргиз барнахост . . . 95
77. Боз моҳи рӯз аз аспи ҷафо зин баргирифт . . . . . 96
78. Фиғон, ки равшании чашми ашкбор бирафт . . . . . 97
79. Дасти қазо, ки равнақи боғи ҷаҳон шикаст . . . . . 98
80. Дар баҳорон ба чаман он бути чолок хуш аст . . . . 99
81. Соф аст рухи оинакирдори табиат . . . . . . . . 100
82. Дилам ба роҳи висолат дар интизор гузашт . . . . . 101
83. Эй дил, чу оқибат ҳамаро кор мушкил аст . . . . . 102
84. Эй баҳори ҷилва хуррам аз ниҳоли қоматат . . . . . 103
85. Бе ту дар базми тараб мавҷи шаробам оташ аст . . . 104
86. Дар гулистоне, ки он моҳи сиҳиболо нишаст . . . . 105
87. Эй зулфи сиёҳи ту шабистони муҳаббат . . . . . . 106
88. Ҳарфи Маҷнуни ту аз гулбарги тар нозуктар аст . . . 107
89. Сарви озоде зи бӯстони ҷавонӣ рафтааст . . . . . 108
90. Ҳариф сохта соқӣ маро ба ҷоми мусаллас . . . . . 109
91. Эй ҷамолат ба таби синаи сӯзон боис . . . . . . 110
92. Шуда бо мастии ман гардиши соғар боис . . . . . 111

93. Нокомӣ аст бар мани ноком эҳтиёҷ . . . . . . . . 112
94. Мерасад аз ҷоми май имрӯз пайғоми сабӯҳ . . . . . . 113
95. Файзҳо дар парда дорад партави анвори субҳ . . . . . 114
96. Он сарви ноз омад чун нахли арғувон сурх . . . . 115
97. Навбаҳор аст, санавбар зада бар сар гули сурх . . . . 116
98. Соқиё, қадаҳ пур кун, фасли навбаҳор омад . . . . . 117
99. Ҷом дар даст, ёр меояд . . . . . . . . . . . . . 118
100. Ғунчаи дил шукуфта шуд, бӯи баҳор мерасад . . . . 119
101. Бе рухат ашкам чароғон мекунад . . . . . . . . . 120
102. Моҳи ман оҳанги майдон мекунад . . . . . . . . . 121
103. Хотири ворастаи аҳли муҳаббат шод бод! . . . . . . 122
104. Субҳ, к-аз чаман боди мавсими баҳор омад . . . . . . 123
105. Боз он сарви равон сӯи гулистон меравад . . . . . . 124
106. Ҷон мубталои он маҳи болобаланд бод! . . . . . . . 125
107. Ба хандаи лаби ширин чу табъ шод кунед . . . . . 126
108. Сафову равнақи дурҳои обдор намонад . . . . . . . 127
109. Шаб, ки бар хотирам он зулфи парешон омад . . . . 128
110. Даври тараб расиду замони баҳор шуд . . . . . . . 129
111. Ҳеҷ кас чун мани бечора муҳаққар нашавад . . . . 130
112. Фурӯғи партави рӯи ту офтоб надорад . . . . . . . 131
113. Ҳар куҷо, бо нозон сарви хиромон мерасад . . . . 132
114. Сиёҳчолии ман ҳеҷ шоми тор надорад . . . . . . 133
115. Ошиқи рӯи ту аз ҳар ду ҷаҳон мегузарад . . . . . 134
116. Он чӣ бар ман бе ҷамолат рӯзи ҳиҷрон меравад . . . 135
117. Чаман шуд тозарӯ, то фасли гулгашти баҳор омад . . 136
118. Чун дилам аз асари ҳаҷр ҳаросон нашавад? . . . . . 137
119. Билӯринпанҷа шӯхе, теғ бар каф, қасди мо дорад . . . 138
120. Соқиё, қадаҳ пур кун, мавсими баҳор омад . . . . . 139
121. Интизорам, ки ёр меояд . . . . . . . . . . . 140
122. Аз назар имрӯз он сарви равонам меравад . . . . . 141
123. Аз буттаи гул то нахли шамшод . . . . . . . . 142
124. Сарвро дидам, ниҳоли қоматаш омад ба ёд . . . . . 143
125. Дар висолат хотири мо шод бод . . . . . . . . 144
126. Дил, ки ҷоми шароб мехоҳад . . . . . . . . . . 145

127. Дилам чу фохта дар кокулат нишеман кард . . . . . 146
128. Ишқ аввал бар дили ғампарвар оташ мезанад . . . 147
129. Гар субҳ аз он сояи девор барояд . . . . . . . . 148
130. Дили рамида ба сад обутоб месӯзад . . . . . . 149
131. Бо хаёли лаъли ӯ аз ҷоми Ҷам бояд гузашт . . . . 150
132. Шукр, ки дардам ба мудово расид . . . . . . . 151
133. Он кас, ки дар зулоли бақо нақди ҷон ниҳод . . . 152
134. То кай дили шикаста ба ғам мубтало шавад . . . . 153
135. Ҳиҷрони ёр оҳи дил аз ҷон баровард . . . . . . 154
136. Умед ҳаст, ки субҳи умеди мо бирасад . . . . . 155
137. Боз бахтам сари шӯрида ба сомон овард . . . . . 156
138. Шабе базми висолаш бар дилам беихтиёр омад . . . 157
139. Боз меояд насими субҳ, бӯе мерасад . . . . . . . 158
140. Ҳамчу гул аз синаам чоки гуребон шӯъла зад . . . 159
141. Сарве, ки майли ошиқи безар намекунад . . . . . 160
142. Он моҳ ба ман итоб дорад . . . . . . . . . 162
143. Ба гулзори хаёлат мурғи дил фарьёд месозад . . . 163
144. Кардам аз ёди рухат дар ҳар чаман фарьёду дод . . . 164
145. Агар боди сабо бо сабза аз ёрони ҷонӣ шуд . . . . 165
146. Боз кишти амалам нашъунамо пайдо кард . . . . 166
147. Ёр агар хандазанон ғунчаи тар бикшояд . . . . . 167
148. Ҳар хӯ, ки аз хати рухи ҷонон фурӯ чакад . . . . 168
149. Ниҳоли гулшани ҷонро баҳори тоза пайдо шуд . . . 169
150. Чу ёри ман ба чаман ҳар замон хиром кунад . . . . 170
151. Ёри ман бо ханҷари нози мижа бебок шуд . . . . . 171
152. Хаёлам чун зи ҳусни оразн ӯ тарзи гулшан шуд . . . 172
153. Вақти он, аст ки ҷон аз паи ҷонон гардад . . . . 173
154. Агар аз ишқи бутон рахна дар имон бошад . . . . 174
155. Дилам аз лутфи ту нақди дилу дин пайдо кард . . . 175
156. Шукри худо, ки дил ба диёри вафо расид . . . . . 176
157. Нози ту чашми масти туро нуқли ҷон диҳад . . . . 177
158. Баҳри ҷавлон он парӣ ҳар сӯ хиромон меравад . . . 178
159. Чун дари боғи висолаш бар рухам масдуд шуд . . . . 179
160. Дар манзиле, ки ҷилваи рухсори ёр шуд . . . . . . 180

161. Таъназои фалак ошуфтадимоғам дорад . . . . . . . 181
162. Дил чу хун шуд, нози ашки пардадар натвон кашид . 182
163. Нигори ман, ки хами турраи дуто дорад . . . . . 183
164. Чун бар он рух донаҳои хол зевар мешавад . . . . 184
165. Ёр аз ҷавлон агар дар боғ қомат мекашад . . . . . . 185
166. Нолаи саҳаргоҳам ҳамчу най асар дорад . . . . . . 186
167. Нашъаи ранги май аз рухсори ҷонон гул кунад . . . 187
168. Фиғон, ки чархи ҷафопеша бар мани ношод . . . . 188
169. Боз насими чамани ҷон расид . . . . . . . . . 189
170. Куҷо шуд он, ки гули базми ҷуръахорон буд . . . . 190
171. Дар ин ҳолат саҳоб аз чашми гавҳарбор мегирьяд . . 191
172. Ҳеҷ медонӣ, ки боз ин гардиши ахтар чӣ кард? . . . 192
173. Он ки нури шамъи хилватхонаи идрок буд . . . . . 193
174. Покдомоне, ки чун рӯҳи равон покиза буд . . . . . 194
175. Фиғон, к-айём иқди гавҳари мақсуд барҳам зад . . . 195
176. Эй гули рӯи туро чашми тамошо хуршед . . . . . . 196
177. То ба кай дида зи бедоди ту гирьён бошад . . . . . 197
178. Дар боғи навбаҳор чу он дилрабо расид . . . . . . 198
179. Ҳар киро ёди ту ҷо дар дили афгор кунад . . . . . 199
180. Боз дил оҳанги тавфи Каъбаи ҷон мекунад . . . . . 200
181. Шаҳди каломи ту зи шаккар лазиз . . . . . . . . 202
182. Фишонд ғолия дар домани бинафша баҳор . . . . . 203
183. Бувад мулки ҷаҳон чун баҳр, он ҷо подшо — гавҳар . 204
184. Чун най дили заифи ман аз дасти он нигор . . . . . 205
185. Дигар овард насими саҳарӣ боди баҳор . . . . . . 206
186. То кай чу шамъ гирьям дур аз висоли дилбар . . . . 207
187. Насими кӯи ту ҳаст аз насими ҷон хуштар . . . . . 208
188. Сад шукр ба даври хони довар . . . . . . . . . 209
189. Чун гули раъно рухаш метофт бар ранги дигар . . . 210
190. Зи бори ҳаҷри ӯ ҳар мӯй санги осиё бар сар . . . . 211
191. Орзу дорам, ки раҳ ёбам ба сӯи шаҳриёр . . . . . 212
192. Ёр аз ман чеҳра пинҳон кард боз . . . . . . . . 213
193. Чу ҳарфи марҳаматам гуфт он бути танноз . . . . . 214
194. Эй сарви равони гулшани ноз . . . . . . . . . . 215

195. Дод аз дасти чархи шӯъбадабоз . . . . . . . . 216
196. Он парипайкар ба азми ҷилва ҷавлон кард боз . . . . 217
197. Саҳни гулшан маскани мурғи хушилҳон гашт боз . . 218
198. Эй сипеҳри дун, чӣ оини ҷафокорист боз? . . . . . 219
199. Аз ғами ёри ману гардиши ахтар наргис . . . . 220
200. Дило, ба ишқи бутон толиби вафо мебош . . . . 221
201. Он парипайкар надорад майли улфат бо манаш . . . 222
202. Эй дили девона, аз ғам шод бош . . . . . . . . 223
203. Дил шаби ҳиҷрон ғами рӯи замин пеш оядаш . . . 224
204. Дило, бисоз ба гарде зи тарфи домонаш . . . . . 225
205. Ҳар касе гар орзу созад гулистони рухаш . . . . 226
206. Эй қадат тӯбиву зулфи пуршикан шохи тараш . . . 227
207. Масеҳосо бувад ҷонбахш аз лаб шаҳди гуфтораш . . 228
208. Сафо орад ба ҷон оинаи рухсори гулгунаш . . . . 229
209. Бар сафҳаи ҷон хомаи мижгон зада сад неш . . . . 230
210. Эй тароват ба баҳори рухи тобони ту хос . . . . 231
211. Ҳаст аз сайри чаман он рухи гулфом ғараз . . . . 232
212. Ҷуз ҷунун моро зи шавқи наргиси дилбар чӣ ҳаз? . . 233
213. Ба коғазе, ки нависам зи лаъли дилбар хат . . . . 234
214. Ёр майли ҳаҷри мо дорад ба қасди инқитоъ . . . . 235
215. На дил зи холи лабаш будааст танҳо доғ . . . . . 236
216. Эй ба шаҳр аз фитнаи зулфи ту ғавғо ҳар тараф . . . 237
217. Ҷаҳон зи барқи дами ханҷараш шикоф-шикоф . . . . 238
218. Чун шафақ, хун мечакад аз дида дар шоми фироқ . . 239
219. Дарси ҳарфи ноларо аз ишқ бигрифтам сабақ . . . . 240
220. Афганад оташ ба гулшан аз забон гуфтори ишқ . . . 241
221. Дар гулистоне, ки мебахшад рухи дилдор ранг . . . 242
222. Умр бигзашту нашуд аз базми васлаш коми дил . . . 243
223. Зад оташ бар чаман аз сӯзиши дил ахгари булбул . . 244
224. Аз миёни нозукаш кардам чу мӯ мазмун хаёл . . . . 245
225. Омад аз гарди раҳ чу боди шамол . . . . . . . . 246
226. Зиҳӣ вуҷуди ту мақсуди корхонаи дил . . . . . . 247
227. Гардиши даврон хирадро медиҳад тағйири ҳол . . . 248
228, Суроғ соз ба мурғи назар нишонаи дил . . . . . . 249

229. Аз лаъли лабат чилва кунад сози такаллум . . . . . 250
230. Гаштаам дар ошиқӣ бадному дар мастӣ ба ном . . . 251
231. Дар гулистони вафо оинадори ҳайратам . . . . . . 252
232. Дар дил ғами шаҳриёр дорам . . . . . . . . . 253
233. Дар гулистони висолаш эътиборе доштам . . . . . 254
234. Дар вафоят аз ду олам чашм барҳам бастаам . . . 255
235. Чун лола дар фироқи ту дар хун нишастаам . . . . 256
236. Дар оташи муҳаббат хокистари фаноям . . . . . 257
237. Зарраосо бо рухи чун офтобат бандаам . . . . . 258
238. Аз оташи муҳаббат сӯзандатар димоғам . . . . . 259
239. Аз лаби базми висолат бар канорам, чун кунам? . . . 260
240. Бар лаб омад з-он дулаб ҷони фигорам, чун кунам? . . 261
241. Дар ин хона бо доғи ҳайрониям . . . . . . . . 262
242. Ба ҷонам гулшани васлат ҳамеша орзӯ дорам . . . . 264
243. Аз лаби майолудат бодае талаб дорам . . . . . 265
244. Буд шишаи дилҳо чилваи паризодам . . . . . . 266
245. Ҳар касе гардад агар як лаҳза дамсози қалам . . . . 267
246. З-ин гулистон рӯи зарду чашми гирьён меравам . . . 268
247. Аз ҳаҷри рухаш азоб дорам . . . . . . . . . 269
248. Зи дарди ишқ дилам шуд харобу лоғар ҳам . . . . 270
249. Зи ёди мавҷи он дандонгуҳар бар хеш ларзидам . . . 271
250. Аз китоби ишқ чандин достон дорад дилам . . . . . 272
251. Фурқати он нозанин кард дилам пур зи ғам . . . . . 273
252. Не ба коми хештан бо равза берун меравам . . . . . 274
253. Бар танам гардид нақши бурьё тасвири дом . . . . . 275
254. Баски худро бастаи доми бало мехостам . . . . . 276
255. Шаб, ки бо ёди рухат нақши гулистон бастаам . . . 277
256. Камари захми ӯ ниҳон бастам . . . . . . . . 278
257. Ба даври васл ҳам аз ишқ табъи шод надорам . . . . 279
258. Он, ки маҳҷур зи васли рухи ёр аст манам . . . . . 280
259. Фурқати рӯи ту кори дили мо кард тамом . . . . . . 281
260. Чу чира бо рухи он офтоб гардидам . . . . . . . 282
261. Ёр аз ман дуру ман бе орази ӯ зиндаам . . . . . 283
262. Эй хаёли қоматат сарви гуландоми дилам . . . . . . 284

263. Ба назар шефтаи орази зебои туам . . . . . . . 285
264. Солҳо шуд, ки асири қади болои туам . . . . . 286
265. Ҷуз ғанимат бар дили афгор намедонистам . . . . 287
266. Мегирьяд абрӯ хандазанон ғунча дар чаман . . . 288
267. Ёри ман аз ғамзаву лаб ҳаст ошӯби ҷаҳон . . . 289
268. Аз ҳаҷри он муроди дилу орзӯи ҷон . . . . . . 290
269. Ҳазор дасти ҳавас кӯтаҳ аст з-он домон . . . . 291
270. Ба одаме, ки бувад ҳусни ӯ баҳори чаман . . . 292
271. Рӯяш зи нашъаи май аз он шуд чаман-чаман . . . 293
272. Агар аз парда рухи он санам ояд берун . . . . 294
273. Рафт чу ҷон аз бадан ҷилвакунон ёри ман . . . 295
274. Ҳусни рухсораш чу аз мушкинниқоб омад бурун . 296
275. То нагардад хароб хонаи тан . . . . . . . . . 297
276. Дил ба сарве бастаам к-аз дил намеояд бурун . . 299
277. Ҳамчу бӯи гул зи гулшан шаҳсавор омад бурун . . 300
278. Шуд сарф нақди умрам дар кору бори ҳиҷрон . . 301
279. Хуш биҳишт аст рӯи ӯ дидан . . . . . . . . 302
280. Еди мижааш боиси озори дили ман . . . . . . 303
281. То волаи рухсораи ёр аст дили ман . . . . . . 304
282. Чун шамъи шаб гузашт назокатпаноҳи ман . . . . 305
283. Тиҳӣ шуд тоқатам, то чанд дар саъи ҷафо будан? . . 306
284. Дар фурқати ту айш набошад ба коми ман . . . . 307
285. Чу шамъе, ки дар базм баст ошьён . . . . . . 308
286. Намедонам чӣ оташ рехт ишқи ӯ ба ҷони ман . . . . 309
287. Ҳар кас, ки дид аз ғами дилдор сӯхтан . . . . 310
288. Эй лабат бар зиндагӣ сарчашмаи ҳайвони ман . . . 311
289. Солҳо шуд гулшани дидор дорам орзу . . . . . 313
290. Дидани гулранги он рухсор дорам орзу . . . . 314
291. Хиҷолат мекашад шамшод аз тарзи хироми ӯ . . . 315
292. Дар хиҷолат кард тӯбиро қади болои ту . . . . 316
293. Покиза гавҳаре, ки ҷаҳон равшан аст аз ӯ . . . . 317
294. Он хати мушкин куҷо рафт, он гули рухсор ку? . . . 318
295. Рехт даврон шарбати талхи аҷал дар ҷоми ту . . . . 319
296. Аз арақ дар ҷилва зад мавҷи гулоб аз рӯи ту . . . . 320

297. Эй шуда рашки дили сарвқадон қомати ту . . . . . 321
298. То хат ба гирди он рухи зебо баромада . . . . . . 322
299. Зиҳӣ зи ҳосили авқоти инсу ҷон огоҳ . . . . . . . 323
300. Рухсор чу дар чаман кушода . . . . . . . . . . 324
301. Эй ба гулзори ҳавои ту дили мо ғунча . . . . . . . 325
302. Гар бишнавад аз хатти лаби ёр бунафша . . . . . . 326
303. Оҳ, к-аз кишти фалак тухми ҷафо рӯяд ҳама . . . . 327
304. Куҷоӣ, эй фироқат шаҳру саҳро пур-алам карда? . . . 328
305. Гирифта зулфи ӯ бо қоматаш печида-печида . . . . . 329
306. Эй гашта дар ниқоб рухат муштабеҳ ба моҳ . . . . . 330
307. Агар на оина будӣ, ту низ медонӣ . . . . . . . . . 331
308. Зи ҳиҷронат ба дарду ғам гирифторам, чӣ мепурсӣ? . 332
309. Дар гӯша кард маргам бо доғи бенавоӣ . . . . . . . 333
310. Ба маҳрумии гулгашту ба авзои гаронҷонӣ . . . . . 334
311. То ҷилва кард сурати хубат ба дилбарӣ . . . . . . 336
312. Ниҳон шуд аз назар ҳусн офтобе . . . . . . . . . 337
313. Манам ба ишваи он шӯхи дилрабо муҳтоҷ . . . . . 338
314. Эй хуш он вақте, ки дар гулшани мақоме доштем . . 339
315. Ман, ки ба шаҳри бехудӣ шӯри ту бар сар омадам . . 340
316. Ашки хунине, ки мерезам зи мижгони худам . . . . 342
317. Ёди айёме, ки ҷоми эътиборе доштам . . . . . . . 343
318. Чу зулфат тирарӯзу беқарорам . . . . . . . . . . 344
319. Халқест доғи рафтанат, эй шоҳи мулки дин . . . . 345
320. Ҳумоюн гавҳаре, гардид аз вай ҷисму ҷон равшан . . 346
321. Гарчи шамшод фитод аст ба гулшан мавзун . . . . . 347
322. Дар мотами ту, шоҳо, хун аст оби дида . . . . . . 348
323. Ҳоле, ки туро ҳаст ба чашми ҳами абрӯ . . . . . . 349
324. Туро бо халқ бошад марҳамат, пайдову пинҳонӣ . . . 350
325. Мухаммаси Нодира бар ғазали Бедил . . . . . . . 351

НОДИРА

# ДИВАН

*(на таджикском языке)*

Муҳаррир *Муҳиддин Фарҳат*
Рассом *М. Серебрянская*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королева*
Муҳаррири техникӣ *И. Сунчелеева*
Мусаҳҳеҳон *М. Музаффарова* ва *И. Ҳамроев*

Ба матбаа 24/V— 1967 супурда шуд.
Ба чопаш 18/IX - 1967 имзо карда шуд.
Коғази № 2, Формати 70×108¹/₃₂.
Ҷузъи чопӣ 11,375. Ҷузъи чопии шартӣ 15,92.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8,3 Адади нашр 9000.
Нархаш 93. Супориши № 1755.

Нашриёти «Ирфон», Душанбе, кӯчаи Шевченко, 10.

Комбинати полиграфии Комитети матбуоти назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон.